## СОТИМ УЛУҒЗОДА

# РИВОЯТИ СУҒДӢ



Душанбе
«Адиб»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-4
У-27

Мураттиб *Гурез Сафар*
Муҳаррир *Сафар Амирхон*

У-27 **Улуғзода Сотим. Ривояти суғдӣ** (осори мунтахаб).
– Душанбе, «Адиб», 2012, 200 саҳ.

Повести «Ривояти суғдӣ» рафти воқеаи таърихӣ – дуюмин ҳуҷуми калони арабҳо ба Мовароуннаҳр ва ҷанги зидди онҳоро тасвир менамояд. Зимни мутолиаи ин асар хонанда бо воқеаҳои таърихӣ, расму одатҳои қадимии аҷдодон, тартиботи иҷтимоии кишвар ва шароити хоси зиндагии мардумони Суғди онвақта ошно мегардад.

Дар китоб ҳамчунин драмаи машҳури Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода «Рӯдакӣ» ва ҳикояи «Марги ҳофиз» ҷой дода шудааст.

ISBN 978-99947-2-196-2

© Нашриёти «Адиб», 2012

*Абдулҳамид САМАД*

# ШЕРМАРДИ ҚАЛАМРАВИ СУХАН

Рӯзгори устод Сотим Улуғзода аз бисёр ҷиҳат ба сарнавишти печидаи чеҳраҳои намоён ва чун ситора дурахшони олами адаби тоҷику форс, хосатан шахсиятҳои офаридаи худашон шабоҳат дорад: мавриде устодро болонишину воломақом мебинем ва гоҳе аз ҳодисоти нохуши айём бесаранҷому саргардон, ҳатто аз назарҳо дур меёбем.

Устод Сотим Улуғзода дар авҷи камолоти умр ва эҷодиёт – дар остонаи синни муборакӣ шаст, – воқеан зодрӯз ва ҷашнашон он сол (11.09.1971) дар тақвими давлати Шӯравӣ сабт ва нашр гардида буд, – ба иллати фирори писар аз ин мамлакати абарқудрат ба фишори шадиди идеологӣ ва равонӣ дучор гашт. Умрбод зиндаҷудоӣ аз фарзанд ба сари худ фоҷиаи азиме буд ва азобу шиканҷаи ин ҳолати ногуворро танҳо бо масали маъруф «буттаи оташгирифта сӯхтанашро худ медонад», ифода метавон кард. Ба болои ин мусибат, бар замми бори сангини хиҷолату ноҳинҷорӣ ва дарди сӯзони худро дарун-дарун хӯрданҳо аз ӯ дарҳол рӯ гардондану кебидани дӯстони нониву тарсу, бо санги маломат ва неши забону писханд ҳуҷум овардани баъзе нотавонбинҳо, зиёда аз ин, гӯштоби «ғамхорон»-у сиёсатмадорони «ҳушёр ва зираку дурандеш» ба ҷароҳати дили адиби ҳассосу донишманд намак мепошид. Вале ин барои бадхоҳони адиб, ки чунин пайт ё бебарориро мепоиданд, кам намуд. Сарварони тавоно ва эҳтиёткори ҳизбу адабиёт ба хотири фавран исбот кардани масъулияту садоқати хеш ба сиёсати замон ба нависанда пешниҳод карданд, ки бо чанд сатр аз бахри писар бигзарад ва ин доғи сиёҳ аз худ бишӯяд. Дар ин лаҳзаи ҳассос чун падар, чун соҳиби писар, чун фарде, ки мақому қудрати нақши ҷовидонии сухану адабиётро дар мағз-мағзи ҷонаш дарк мекунад, хешро ба ҷои устод Сотим Улуғзода бигзоред ва хома ба даст, биандешед, ки ба хотири ҳифзи шӯҳрату узвияти ҳизби коммунист магар метавон гӯри фарзанд бо дасти худ канд. Ва то ҷовидон мисол шуд: фалон

адиб дар фалон қарн барои накоҳондани шӯҳрату мақоми хеш аз фарзанд даст кашид: аз писари баркамол, соҳибмансабу болонишин ва нозпарвари замон. Фарзанде, ки солҳои сол дур аз падар зери боли сиёсат, дар дили ватани бузург – шаҳри Маскав мезист.Ва ӯ бо ҳама соҳибмаълумотиву ҷаҳонбинӣ андешаи ба ҳоли таббоҳ афтодани падари мӯътабару номвар накарда; поси хотири шири поки модар ва нону намаки кишварро надошта, ба қавли шоире «Туф ба ин пистон карду хесту рафт». Падари суханвару шӯҳратёр байни обу оташ ва сарзанишу кашокаш монд. Чӣ кор кунад? Чӣ хел ба чашми мардум нигарад? Рафтори асрорангези писар таънасораш кард. Ба ӯ чӣ намерасид? Фирефта шуд? Ё асири ваъдаҳои аҷнабиён гардид? Ё чизе ихлосу эътиқодашро аз диёр ва ҳизбу одамон барканд? Дар ҳар сурат, чаро бар сари орзуву умедҳои ӯ оби сард рехт? Акнун ба кадом дард бинолад? Аз фирори фарзанди осӣ бисӯзад ё ба нигоҳи нештардор ва таънаву маломати заҳрогини «Ғамхорон» посух бидиҳад. Ва гоҳе аз сарнавишти талхи устод Рӯдакӣ меандешиду заҳрханд ба лаб ин сатрҳои ӯро худ ба худ мехонд:

*Эй дареғо, ки хирадмандро*
*Бошад фарзанду хирадманд не.*
*В-арчи адаб дораду дониш падар,*
*Ҳосили мерос ба фарзанд не.*

Бо дили сӯзон «Қисмати шоир»-ро барои ибрати дигарон навишта буд, вале имрӯз... Эй фалаки каҷрафтор, ӯ мисли ҳама падарон аз писар умеду орзуҳои наҷибе дар дил мепарварид; мехост ӯ номбардору сутуни дилаш шавад. Аммо подоши қарзи фарзандӣ аз сирри дил ва нақшаи хеш лаб накушода, ба хотири зиндагии озод ва луқмаи лазиз ё сарвату шӯҳрат ҳамаро пушти по заду рафт ва бар сари падари пир ташвишу моҷарои якумрӣ овард. Ӯро кадом нохалафу палиде гумроҳу саргаранг сохт, бо фиребу найранг дар доми балову бадномӣ андохт? Охир ӯ бача набуд, ки фирефтаи ҳавову ҳавас ва дасисаву ваъдаҳои хом шавад. Магар ӯ дар зиндагӣ боре дасти

камро дид ё ҷафои сахтиву мушкилиро кашид? Пас чаро бо роҳи каҷ рафт? Ба кӣ ситеза ва эътироз кард? Ба сохти ҷамъяит ё...? Акнун ҳақ ё ноҳақ буданашро худи вай медонаду Худо. Лек падари сарсахт, адиби номӣ, саногӯи ватану бахшандаи умри дубораи фарзандони некноми миллат Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Темурмалик, Аҳмади Донишу Восеъ дар ин вазъияти нобоб чӣ тадбире андешад, то бори миёншикани «нанги бадтар аз марг»-ро сабук ва тоқатпазир гардонад. Дигар ӯ сари танҳо мондаасту андӯҳу ҳасрату андешаҳои талхи беохир. Куҷост ҳамнафаси босабре, ки ғами дил бизудояд ва ӯро аз зиндони ноумедӣ бираҳонад? Дар ин маврид давоту килку коғаз ба имдоди ӯ расид. Устод Улуғзода оташи сӯзони қалбро ба таълифи достони «Марги ҳофиз» як андоза паст кард, балки шӯълаи онро ба ниҳоди ҳамзамонону наслҳои оянда бахшид.

Шивоҷӣ – қаҳрамони ин достони пур аз дарду армон, ҳофизи шӯҳратёри Ҳиндустон бо навои шӯрангез қиссаи озодии меҳан ва далериву шуҷоати ҳамдиёронро месарояд.

«...Занҷири асорати садсола гусаст! Ингилис Ҳиндустонро бо ҳилла гирифта буд, на ба зӯр.Шер ба доми рӯбоҳ ғалтида буд. Акнун шер аз дом ҷаст! – наъра мекашид Ҳофиз. – Аз ҳайбати ӯ битарсу биларз, эй ғосиб ва ғоратгар... Ингилис макр мефурӯшаду хоин мехарад, ватанфурӯш меҷӯяд. Ту мемирӣ, эй душмани номарду нопок! Макр мафурӯш, ки харидор намеёбӣ. Хоин маҷӯй, эй ингилиси шум, ки Ҳиндустон сарзамини содиқон аст!»

Дар авҷи суруд, ки нидоҳои «аҳсану офарин!» ва «Шод бош!» ба фалак мепечид, сипоҳии тануманд меояд ва хабар медиҳад, ки бо дастаи ҷосусони ингилис задухӯрд карда, нафаре аз онҳоро асир гирифтаанд. Аммо асир на ингилис, балки ҳиндуст. Ҳолати басо пуршиддату мудҳиш: ҷосуси ватан, ки аз табори худӣ аст, кӣ бошад? Лашкари шӯбҳа ҳамаро безобита карда буд. Охир дузд яку гумонбар сад кас аст, мегӯянд. Нигоҳи пуртаҳлукаи ҳозирин ба дар дӯхта шуд. Ва чун хоинро ба ҳуҷра ворид сохтанд, «Шивоҷӣ якбора ҷаҳида ба по бархост ва бо садои ҳайратзадаи ваҳшатолуд» нидо кард: «Шондия!»

Оре, асир писари ягонаи Шивоҷӣ – Шондия буд. Низоъ

ва шиддати азоби ботинии ҳофизи пир ва нависандаи мумтоз бо ҳам меомезад ва ғиреви қалби онҳо аз бахти сиёҳ ба фалак мепечад. Ду пири нагунбахту ҳамтақдир, ду марди пурғурур ва меҳанхоҳ, ду озодипарасти асил ва ҷонсӯзи миллат – Шивоҷӣ ва Сотим Улуғзода гирифтори лабханди таърих ва сарнавишти носозгор, дар сари ҳалли муаммои дандоншикан часпу талош доранд. Чӣ тадбире метавонад сари пасти падарро баланд созад ва ӯро аз шармсорӣ бираҳонад? Ба хотири ҳурмату эҳтироме, ки ҳофизи ватанпараст байни мардуми сарзамин дорад, аз гуноҳи писари ӯ гузаштан? Воқеан аз рӯи тасвири адиби забардасту ғамзада дар достон ба ивази «Ҷавоби рост» ва «ахбори росту қимматнок» гуноҳи асирро мебахшанд. Вале Шивоҷӣ ба ин ҳукм муросо карда наметавонад.

«– На!.. Хоин бояд бимирад! – бо алам фарёд мекашад ҳофиз. – Ман ҳақ дорам он чиро, ки бахшида будам, пас бигирам... Писаркушӣ агар гуноҳ аст, хоинкушӣ савоб аст!»

Ин фарёди дили дардманду озурдаи Сотим Улуғзода аст. Ҳофизи офаридаи ӯ ба хотири дифои ватан ханҷар ба синаи писари хоини хеш мезанад. Ва гиру дори ин фоҷиа сардтарин қалбро ба ҷӯш, кундтарин зеҳнро ба ҷунбиш меорад. Ҳукми Шивоҷии ташнаи озодиву истиқлоли меҳану нидои дили нависандаи ҷафокашидаи миллатдӯст... Фоҷиаи Шивоҷии ҳофиз ва адиби номдор... Магар тири адиби озурда аз иншои ин достони пурэҳтирос ба ҳадаф расид ва ҳокимон дарду армони ӯро пай бурданд? Охир чун офтоб аён аст, ки вай ба воситаи ин ҳикоя ба ҷигарбанди раҳгумзадаи худ ҳукми сахттаринро раво дидааст. Вале инро сиёсатмадорону сарварони адабиёт ба инобат нагирифтанд. Ва чанд соле таъқибу сарзаниши адиб идома ёфт; чопи асарҳояш дар матбуоту нашриёт ва омӯзиши осораш дар мактабу донишгоҳҳо мамнӯъ эълон шуд. Ва Сотим Улуғзода солҳо дар муҳити манзил назарабанд зист, сипас ба хотири раҳидан аз таънаву маломат ва панди «дӯстони ғамхор» шӯриву талхӣ ва аламу ранҷу ғарибиро бар дӯш гирифта, сокини шаҳри Масков шуд. Ва то нафаси охирин чун устод Лоҳутӣ ҷисму ҷонаш аз дурии ёру диёр сӯхту гу-

дохт. Аҷиб ин аст, ки ба чунин сарнавишт ва истеҳзои қисмат шахсиятҳои офаридаи эшон устод Рӯдакӣ, Ибни Сино, Ҳаким Фирдавсӣ, Носири Хисраву дигар нобиғаҳои Машриқзамин гирифтор шуда буданд... Дар сангинтарин лаҳзаи умр муттако ва қуввати дил, балки доруву дармони устод Сотим Улуғзода беш аз пеш камар бастан ба таълифи асарҳои тоза, тасвири рӯзгори талх ва кору пайкори шахсиятҳои барӯманди фарҳангию илмие будааст, ки ҳар кадом дар замони худ ва имрӯз номбардори миллат ҳисоб меёбанд. Шахсиятҳои бо обу гили донишу маърифат сиришта, лек ҷафокашу фурӯтан ва адиби донишманду дар маслаки худ устувор.

Аҳмад Махдуми Дониш дар намоишномаи «Алломаи Адҳам ва дигарон» яккаву танҳо байни саҳна аз ноумедӣ зору низор ва мубталои ғаму андӯҳ нишастааст. Вай баногоҳ сар мебардораду ба мардум менигарад ва бо фарёде дилхарош аз мағзи ҷон менолад. «Оҳ, ман танҳоям, танҳо!» Ва дар ин ғиреви пурхашму алам низ фоҷиаи азими алломаи замон Аҳмади Дониш, ки аз камхирадӣ, бепарвофалакӣ ва тунукмағзии амирони манғит заифу нотавон ва зери пои аҷнабиён хоку фано шудани давлати Бухороро эҳсос мекард, ҳам эътирози дардолуди устод Улуғзода ба ноадолатиҳои муҳити носозгор ниҳон аст. Вале ҷасорат ва ҳадафи нависанда ҳанӯз дар намоишномаи «Рӯдакӣ» хеле дурахшон ифода ёфта буд.Вақте Саҳл бини Мансур – он ҷаллоди сангдил ба шоири хушгил бо писханде аҳриманона гуфт: «Ҳаёту мамоти ту акнун дар дасти ман аст!», чунин посухи рустамона шунид: «Ту ночизтар аз они ки шоир аз ту битарсад... Ҳаёти шоир, қисмати шоирро подшоҳон ҳам наметавонанд ҳал кунанд...»

Ба гумонам устод Улуғзода барномаи эҷодӣ ва ғуруру озодипарастии хешро маҳз дар ин пора дақиқ ифода кард ва алайҳи ҳама таънаву маломат, фишори каҷкулоҳони сиёсат умре аз ин ҷода берун қадам наниҳод. Албатта, азобу шиканҷаи беҳисоби ботинии адибро аз талошҳои беамон, муқовимати далеронаи шахсиятҳои офаридаи ӯ дар муқобили рӯйдодҳои зишту номатлуб метавон дарк кард. Ва

хушбахтона дар ҳама маврид эшон вораста, озодманиш ва сарнофарору боғурур, ватанхоҳу пирӯз пеши назар ҷилвагар мешаванд.

Байни адибони тоҷик устод Улуғзода ягона фардест, ки баъди устод Айнӣ ба офаридани симо ва шахсиятҳои фарҳангии таърихӣ ҷиддӣ камар баст. Ва ин роҳи пуршараф ба ҷилои ҳунар ва комилу серпаҳлу шудани маърифати нависандагии ӯ созгор афтод. Ҳусни забон ва тарзи баёнаш аз хасу хошоки гуфтори омиёна орӣ гашта, ба асолат пайваст ва барои ҳамқаламон, хусусан адибони ҷавон намунаи омӯзиш ва пайравӣ гардид. Яъне устод Улуғзода чун посбони боэътимод ва фидоии бузурги фарҳанги ниёгон, посдори расму суннатҳои миллӣ қомат афрохт, зиёда аз ин ба воситаи офаридани симои шахсиятҳои барҷаста дар худогоҳӣ ва бедории миллати тоҷик хидматҳои беназире кард. Романи «Восеъ», ки ба назарам қуллаи эҷодиёти адиб аст, танҳо ҳикояти хушку холии шӯриши халқ зери сарварии ин таҳамтан алайҳи ҷабру ситам ва зулму бетамизиҳои амирони манғиту косалесони онҳо дар Бухорои шарқӣ нест, балки даъват ба муборизаи ҷовидона барои ҳимояи шарафи миллӣ, ватану озодист. Дар авҷи касодии маънавию ахлоқии ҷомиа рӯи об баромадани романи «Фирдавсӣ» ошно гаштани хонандаи тоҷик ба сарнавишти бузургтарин шахсияти олами адабии мо, сари сӯҳбат нишастан бо ҳакими гарданфарозу ҷасур, ки аз хоки поки Хуросон бархост ва ин хитобаро то ҷовидон:

*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем,–*

чун панд ба мо, эронитаборон, ба ёдгор монд, як падидаи беназир ва атои тақдир буд. Устод Улуғзода низ мисли Ҳакими Тӯс барои офаридани ин асар роҳи ранҷу заҳматро пеш гирифт. Солиёни зиёд ҳангоми назарбанд будан достонҳои аҷоибу ғароиби «Шоҳнома»-ро барои наврасону ҷавонон бо забони зебову шево ба наср гардонд. Бешубҳа ҳадафи нависанда ба ин восита аз сарчашмаи пургӯҳари

маърифати аҷдодон шодоб сохтани ниҳоли ақли насли ҷавон ва дар зеҳну замири онҳо парваридани ҳисси пурнаҷобати худшиносиву меҳанпарастӣ буд. Аз ҷониби дигар, адиб ба ин васила ба офаридани чеҳраи бадеии абармарди назми оламгирамон худро омода сохт. Романи «Фирдавсӣ» дар замоне, ки барои ҳастӣ ва бақои миллати тоҷик, аз зери суми мудҳиши сиёсати аҷнабиён ҳифз намудани забон, расму оини миллӣ муборизаҳои ҷонкоҳонаи ниҳонӣ мерафт, чашми хонандаро ба таърихи кӯҳан ва рӯйдодҳои зоҳиран зебо, назаррабо, вале пурмакру ифлоси навин васеътар кушод.Ин асар бешубҳа ба худшиносӣ ва баланд бардоштани ғурури миллӣ хидмат кард. Ва осон набуд ин амал. Эҷодкоре симои шахсияти бузурги фарҳангиро дар адабиёт офарида метавонад, ки бар замми истеъдоди баланду комил доштан бо зевари донишу фазилатҳои фаровони дигар ороста шуда бошад. Яъне барои даст задан ба чунин як иқдом адиб бояд ҳуқуқи маънавӣ пайдо кунад. Ба бахти миллати мо, зимни омӯзиши пайваста пири хирад Сотим Улуғзода шермардона ба ин кори муқаддас омода гашт ва ба нерӯву илҳоми илоҳӣ онро хеле хуб ба субут расонд. Ин асар ҷамъбасти андешаҳои худшиносию ватанхоҳии адиб, талоши охирини эшон дар роҳи бедории миллати аз ҷабру ҷафои бераҳмонаи таърих хастаи тоҷик аст. Романи «Фирдавсӣ» дар рӯзҳои басо душвори авҷи гирудор ва ихтилофи ақидаҳо, ки Тоҷикистонро хароб сохт ва имону ахлоқро коҳонд, мардумро ҳушдор дод, то барои ҳифзи марзу бум ва якпорчагии меҳан муттаҳиду дурандеш бошанд. Талоши пурматонати Ҳаким Фирдавсӣ барои умри дубора бахшидан ба фарҳанги ниёкон, бо шаҳди забони порсӣ зинда нигоҳ доштани Аҷам, муборизаи рӯйрости устод Улуғзода баҳри ҷовидон мондани пайванди фарҳанги тоҷику форс дар айёми дурушту пурситеза. Алҳол, ки аз файзи Истиқлол қуфли даҳонҳо кушода аст ва касе аз таҳдиди таъқибу фишори сиёсат бим надорад, метавон ба ҳар дастур андеша ронд ва ҳар зайл қазоват кард. Аммо ҳамду сано бод ба он мардоне, ки аз теғи хунрези сиёсати замон наҳаросида, дар вазъи ногувор бо ҳар роҳ ба манфиа-

ти фарҳанги миллати хеш хидматҳои шоиста кардаанд. Алҳақ устод Улуғзода дар ин майдони мубориза машъалбардори якатоз буд. Ва ниҳоят дар дами пириву нотавонии адиб романи «Фирдавсӣ» дар озмуни китоби соли Ҷумҳурии исломии Эрон ҷоизаи аввалро соҳиб шуд. Ба шарофати заҳмату заковати устод баъди садсолаҳо дари муносибатҳои фарҳангӣ ба рӯи ду мардуми ҳамреша, ҳамкешу ҳамзабон басо хубу нозанин кушода шуд. Ин армони якумрии адиби бузург ва кулли фарҳангиёни форсизабон буд ва аз дурнамои неки алоқаҳои адабиву илмии мо башорат медиҳад. Э кош чунин бодо!

*Майи 1997*

Ин сатрҳоро ба хотири пирӯзии романи устод Сотим Улуғзода «Фирдавсӣ» дар озмуни китоб ва шодбоши эшон рӯи коғаз оварда будам. Ва чун ҳамин баҳор ба муносибати Рӯзҳои фарҳанги шаҳри Душанбе дар Масков шарафи зиёрату аёдати устод насибам гашт, ҳоли зорашонро аз заъфи пириву беморӣ дида, ҷигарам доғу садпора шуд. Ҳарчанд медонам, ки пирӣ барои фарзанди одам ногузир аст ва бо ҳазор ранг касро азият медиҳаду адо мекунад, ҳузнангезу мудҳиш буд донишманди фарзона ва адиби тавоноеро хазону лол дидан. Ва об дар чашм худро таскин мебахшидам, ки устод бо вуҷуди дар зиндагӣ тай кардани шебу фарозиҳо ва дидани ноҷавонмардиву таҳқирҳои зиёд тавассути рӯҳи бешикаст, ғурури таҳамтанона умри эҷодкоронаи хешро бо осори зебову гаронбаҳое ҷовидон сохтааст.

Ӯ рӯи курсие кӯдаквор нишастааст. Пайкари пӯсту устухонаш бо кампале печонида шуда. Ва ба пурсу поси мо бетафовут менигарад, балки баъзан қудрати чашм кушодан ҳам надорад. Дарду ранҷи афзун ширaи пайкарашро макида, бемадору карахташ сохта.

– Дар Варзик будам, устод! Бо Мутеулло Наҷмиддинов! – мегӯям бо овози баланду ларзон. Охир буғз гулӯямро мефишорад.

Устод чун номи зодгоҳро шунид, базӯр сар бардошт ва ба лабаш хаёле табассум давид, кӯшид, ки чизе бигӯяд, аммо

натавонист. Э дунёи дун...

– Дар Душанбе Наврӯз асту авҷи баҳор.Ҳама ба Шумо дуруду салом фиристоданд. Пиру барно интизори баргаштанатон ҳастанд, устод.

– Хуб... Ташаккур, – беҳолона мадоре овоз мебарорад устод ва чеҳрааш равшантар мешавад. Аз афташ ёди диёри сабзпӯш ва ёрон ӯро меангезад, ба ҷисму ҷони хастааш нерӯе мебахшад. Вале лаҳзаяке баъд қолаби фартут он дурахшро фурӯ мекашад ва устод боз ба сукут меравад, сукути ҳузнангези вазнин. Ҳамсари эшон Любов Андреевна ва писараш Зариф парвонасон гирдаш мегарданд ва ӯро мисли тифл парасторӣ мекунанд... Чӣ ҳолати аҷибе. Аз дидани рӯи гарми устод шодаму аз ҳоли ногувораш озурдаву дилреш. Куҷост он қомати чун сарв росту он пайкари паҳлавонона, куҷост он забони гуҳарбори ин озодамард? Эй фалаки носозгор!..

Ва инак хабари фавти устод аз дурии дуриҳо ба гӯши ҳамватанон расид. Боз аз осмони фарҳанги мо як ситораи дурахшон барканд. Охирин пири адибони муосири тоҷик, охирин силсиладори поягузорони адабиёти навини мо, охирин донишманду ватанпарасти беназир меҳмонияшро дар ин дунёи пурсавдо ба поён расонд. Устод аз носозгории мардуми сарзамин дилхунуку ҷигарбирён, ҷилои Ватан карда буд, лек мудом бо умеди дидори меҳан мезист. Ва инак ҷанозааш бо пайки сулҳу оштӣ – имзои Ваҳдати Миллӣ ба диёри орзуву армонҳояш омад. Фавти устод барои адабиёти мо талафи бузург аст. Вале сад ҳазор шукр мегӯем, ки ин бузургмарди ғарибмарг ғарибхок нашуд; бо ташаббуси ҷавонмардонаи сарвари давлат Президент Эмомалӣ Раҳмон манзили охиратро дар мазори Лучоб дар шафати номварони адабу фарҳанг ёфт.

Ай хоки муқаддас, ай модари ҷовидон, боз як фарзанди нобиғаатро дар синаи нарми хеш ҷой бидеҳ! Ӯ беҳтарин тараннумгари тавонои озодии ту ва саодату сарфарозии мардумат буд. Ай пайғамбарони илму адаб, ай устод Рӯдакӣ, Ибни Сино, Ҳаким Фирдавсии дар ғурур ва суханварӣ беҳамто, ай алломаи ҷигардоғ Аҳмади Дониш, ай Темурмалики далер, ай Восеи мубориз, ай устод Аунӣ огоҳ бошед,

ки беҳтарин ҳаводору пайрави ростини Шумо сӯи анҷуманатон роҳ пеш гирифт. Сафараш бехатар ва дар маҳфили ёрони Худо маснадаш баланд бод. Бигузор рӯҳи эшон сармасту болида паёми оштиву созиши миллатро ба Шумо бирасонад ва нишоте бар шодмониятон бияфзояд. Илоҳо, манзили охираташ нарму нуробод гардон!

*2.VII.1997*

Дар дили мардуми сарзамин парваридани ҳиссиёти волои инсонӣ: худшиносиву ифтихори миллӣ, меҳру муҳаббат ба меҳан, зинда кардани хотираи таърихӣ, рӯҳи ҳақталошиву ҳифзи расму суннат, шарафу номус дар ҳолатҳои фишори шадиди идеологӣ ва ҳукмфармоии аҷнабиён ҳадафи якумрии эҷодии шахсиятҳои асили боҳунар, ворaста ва тавонои адабӣ будааст. Ин падидаро дар паҳнои адабиёти навини тоҷик, ки аз ибтидои қарни бист оғоз меёбад, аз талошу заҳматҳои пайваставу пурбаракати Нависандаи халқии Тоҷикистон, Арбоби шоистаи фарҳанг, барандаи ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ, узви вобастаи АИ Тҷикистон, сарбози Ҷанги дуввуми ҷаҳон Сотим Улуғзода басо равшану пурҷило метавон дид. Вай чун шогирд ва пайрави сазовори устод Айнӣ ба ҳайси як адиби пажуҳишгар ибтидо перомуни масъалаҳои муҳими адабиёти муосир, шахсият ва осори суханварони бузургамон Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Ибни Сино, Шайх Саъдӣ, Аҳмади Дониш рисолаву мақолаҳои арзишманд навишт. Сипас ҷиддан ба таълифи асарҳои драмавӣ камар баст ва дар ин бахш комгору муваффақ ҳам шуд. «Калтакдорони сурх», «Қисмати шоир», «Темурмалик», «Ҷавонии Ибни Сино», «Восеъ», «Алломаи Адҳам ва дигарон» чун падидаи тозаву дурахшони дроми тоҷик, саҳнаҳои беҳтарин театрҳои Тоҷикистон ва берун аз онро оро дода, ба ҳазорон ҳазор тамошобин завқу лазати маънавӣ бахшидаанд. Устод дар филмномаи «Қисмати шоир» сарнавишти рангину печидаи Одамушуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва шукӯҳу азамати дарбори Сомониёнро ончунон ҷаззоб ва хотирмон ба қалам дод, ки ин филм дар фестивали синамои Осиё ва Африқо сазовори ҷоизаи

«Уқоби тилло» гашта, кинои тоҷикро дар ҷаҳон шӯҳратманд кард. Вале дурахши ҳунари нигорандагии устод Улуғзода дар наср, хоса дар тадқиқи бадеии мавзӯъҳои таърихи дуру наздик ва барҷаста офаридани симои шахсиятҳои фарзонаи миллӣ муассир аст. Албатта дар олами эҷод тай кардани ин роҳ басо душвору сангин, лек пуршараф мебошад. Ва танҳо адибе ин ҷодаро бо сарбаландӣ мепаймояд, ки дар баробари ҳунари воло андешаву дониши фаррох, иродаи мустаҳкаму дили шерона дошта бошад; беш аз ин миллаташро сидқан дӯст дорад, аз таърихи пурғановати ниёкон биболад, дарду доғ ва фоҷеаҳоро аз рӯйи адолату инсоф тасвир бикунад. Устод Сотим Улуғзода барҳақ аз ҳамин қабил суханварони камназиру озодманиш ва чирадасти миллати тоҷик буданд, ки бедориву ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати мардумро қарзи фарзандии хеш мешумориданд. Ба ақидаи эшон «Барои халқи худ эҷод кардан, маърифати ӯро баланд бардоштан, зиёда аз ин бо истеъдоди хеш дар хидмати мардум будан беҳтарин саодати нависандаи асил аст». Ин пайёми адиби озодихоҳ, ватанпараст ва дурандеш то абад дар гӯши аҳли сухани тоҷик садо дода, онҳоро зимни эҷод сари масъулият хоҳад кашид. Устод ҳамеша таъкид мекарданд, ки «бояд ҳафт ранги камони Рустам» ба асари нависанда ҳусну тароват бахшад. Бешубҳа барои расидан ба ин ҳадафи бузург пурҳунартарин адиб низ ногузир ба ҷонкоҳонӣ, ҷустуҷӯ ва заҳмати сангин дучор меояд. Аммо устод бо таълифи асарҳои арзишманди хеш: «Субҳи ҷавонии мо», «Восеъ», «Марги ҳофиз», «Ривояти суғдӣ» ва «Фирдавсӣ» дар сари ин ақида устувор буданашонро собит карданд. Илова бар ин ҳиссиётҳои бузурги хештаншиносӣ, рӯҳи баланди меҳанпарастӣ, сарнофарориву ҷасорати қаҳрамонҳои осори устод ба қалби аз ноадолатиҳои таърих хастаи хонандаи тоҷик нерӯ мебахшад. Ноумедӣ нишонаи марг аст, мубориза бояд бурд, ба хотири рӯзгори осоишта ва фардои неки фарзандон диёрро аз хору хас, аҷнабиёни яғмогар пок бояд кард…

Ва ҳақиқат ин аст, ки дар асри бист пас аз устод Айнӣ ягон адиби тоҷик дар бахши тасвири бадеии таърихи саропо

хуншор ва пурфоҷеаи миллат, муборизаҳои мардум барои озодиву истиқлол ва умри дубора бахшидан ба абармардони илму адаб, фарзонагони сиёсат, ҷигарбандони шердилу истиқлолхоҳи тоҷик мисли устод Сотим Улуғзода ошиқона ва беминнат хидмати олӣ накардааст. Танҳо устод Улуғзода тавонистанд, ки лаҳзаҳои ҷое саршори шодиву нишот, шукуфоӣ ва масарату комгорӣ, ҷое пур аз дуди талхи фоҷиа, оҳу нола, дарду ҳасрат, хиёнату разолат ва ҷаҳолату нодориро бо нигоҳи тоза, хашму алам, ҷузъиёт ва ҳиссиёти баланд, забони равону шево ба ҳамзамонон ва наслҳои оянда ҷасурона пешниҳод бикунанд. Ин ҳам хидмати осону сода нест. Адиби ҳассосу донишманд зимни иншои асарҳои ба мавзӯи таъриху шахсиятҳои таърихӣ бахшидааш гӯё дар набардгоҳҳои шаҳру деҳоти зери суми лашкари хуношоми аҷнабӣ харобу валангор қадам мезанад, мисли як падару модари сиёҳбахт ё хоҳару бародари мотамдор ба марги шаҳидони армонӣ ва ё мисли сарлашкаре аз алами шикасти давлату марги сарбозон бо ҷигари доғу дили садпора ашки ҳасрат мерезад; шабеҳи шахсиятҳои аз таҳдид ва ҷабру ҷафои ҳокимони ҷоҳил сарсону овора, зиндониву хокбасар азият мекашад. Зеро ба қавли худи устод «Одамӣ бояд ниёкони хешро бишиносад, то бидонад, ки худи ӯ кист ва ба ҷаҳон баҳри чӣ коре омадааст. Бидонад, ки некӣ чист ва бадӣ чист, одамият чист, мурувват чист. Меҳнатдӯстӣ биёмӯзад, некандешӣ ва некхоҳӣ биёмӯзад». Аслан ҳадафи устоди зиндаёд аз иншои асарҳо ва офаридани симоҳои барҷастаи мусбату манфияш дар ҳамин пора возеҳу равшан ифода ёфтааст.

Андеша ва образҳои пурқуввату дилангези насри таърихии устод С. Улуғзода шавқу ҳавас ва эҳтироми мардумро ба омӯзиши таърихи саропо дилхарош ва ибратомӯзамон афзуда, дар қалби пиру барно ҳисси гарму ҷӯшони меҳанпарастӣ, нафрат ба ғосибону яғмогарон, надомату дареғ аз шикасту парокандагиро парварида, ҳамаро ба ваҳдату ягонагӣ, худогоҳиву ҷоннисорӣ баҳри арзишҳои миллӣ ҳидоят менамояд. Аслан бе омӯзиши пайваста ва донистани таърихи миллати худ, ҳатто шикасту

нокомиҳояш,бе шинохти шахсиятҳое, ки дар марҳилаҳои сарнавиштсоз барои ҳифзи шарафу номус ва ҳастии миллат, марзу бум ҷонбозиҳо кардаанд, маънавияти инсон комил намешавад. Ва устод ҳушдор медиҳанд, ки «Надонистани таъриху фарҳанги миллат авфнопазир аст. Зеро қадами қатъии ҳар як халқ аввал аз донистани миллат сар мезанад». Дигар ин ки мурочиат ба мавзӯъ ва шахсиятҳои таърихӣ аз ҷониби устод Улуғзода муроҷиат ба имрӯзу фардои миллат низ ҳаст. Яъне ба гузашта, хоҳ шодоб бошад, хоҳ мудҳишу яъсовар – ба чашми ибрат бояд нигарем. Яъне реша ва роҳи тайкардаи миллатро бояд дақиқу амиқ донист; донист, ки нокомӣ ва шикасти давлат ба кадом сабабҳо пеш омад; кӣ ба хотири ҳирси нафс ва сарвату ҷоҳу шӯҳрат ба миллати худ хиёнат кард, ба давлат завол овард. Ин дар замони Истиқлол ва соҳибдавлатӣ хеле муҳим аст.

Маҳз устодоне чун аллома Айнӣ ва Сотим Улуғзода бо ҷасорати адабӣ ва осори гаронбаҳояшон дар даврони фоҷиазои нав моро ба андешидан перомуни таърихи дуру наздик ва шинохти шахсиятҳои нотакрори миллӣ ҳидоят карданд. Зиёда аз ин онҳо ба муҳити илмиву адабӣ, умуман ҷомиаи тоҷик неъмати гаронбаҳотарин – истиқлоли андешаро бахшиданд. Кору пайкор ва талошу ҷонбозиҳои қаҳрамонҳои ворастаи устод Улуғзода дар марҳилаҳои гуногуни таърихи пурфоҷиаи миллат саршори рӯҳи бешикасти озодманишӣ, тарғибу тараннуми фарҳангу маърифати бумӣ, ҳимояи шарафу номуси инсонӣ мебошанд. Аз ин хотир, алҳол дар замони истиқлоли давлативу миллӣ бо диди нав омӯхтани осори устод Улуғзода ва арҷгузорӣ ба шахсияти эшон аҳамияти хоса дорад. Ин тадбир албатта ба тарбияи маънавӣ, баланд бардоштани ҳисси зебои худшиносӣ ва ифтихори милливу меҳанпарастии ҷавонон файзе бахшад…

Улуғзода беҳтарин асарҳои таърихии худро дар марҳилаҳои душвортарини зиндагияшон эҷод кардаанд. Гӯё дар ҳолати вазнин дили озурдаи адиб ба воқиаҳои таърихи фоҷиабори миллаташ ҳамдарду ҳамнаво шудааст. Бубинед, таълифи достони «Ривояти суғдӣ», ки саршори мубориза дар

роҳи озодист, ҳангоми назарбанд будани муаллиф аз моҳи май то сентябри соли 1975 ба охир расида. Ин асари кӯчак, вале аз ҷиҳати ғоя ва ҳадаф басо бузургу пурарзиш аз ҷавонмардӣ, садоқат ва иродаву ҷасорати бузурги фарзандони шердили суғдӣ дар мубориза алайҳи аъроби истилогар бо дарду алам ва ифтихори бепоён ҳикоят мекунад. Қаҳрамони асар Виркани далер, Наниманчаи вафодор ва Ёдхишетак ба ғосибон оштинопазиранд. Онҳо бо хислатҳои наҷибу шарифашон мисли пайкараҳои мармарини абадзинда қомат меафрозанд, дар зеҳни хонанда чун азизтарин шахс нақш мебанданд. Дигар чеҳраҳои муқтадири офаридаи устод: Рӯдакӣ, Ибни Сино, Фирдавсӣ, Темурмалик, Восеъ ва Аҳмади Дониш бо хираду фазилатҳои беҳамто, ҳунару корнамоӣ, ҳушмандиву ҷасорат ёдрас менамоянд, ки фарзандони ҷоннисору нобиғаи миллати тоҷик дар мудҳиштарин гардишҳои таърихӣ машъали донишу маърифат афрухтаанд, ҳеҷ гоҳ буздилу меҳанфурӯш набудаанд, балки парчами адлу инсоф ва озодихоҳӣ дар даст, на бо харобкориву ғорат, калабуриву сӯхтор, балки бо кашфу офариниши шоҳкорҳои беназир, бо нақши дурахшон дар равнақи илму тамаддуни башарӣ номвару шӯҳратёр шудаанд.

Арзиши фаъолияти тарҷумонии устод Сотим Улуғзодаро метавон дар радифи хидматҳои нотакрори нависандагияшон гузошт. Агар нек бингарем, дармеёбем, ки устод танҳо ба хотири такон додани маърифати адабии адибони муосир, хоса носирони тоҷик, тарбияи маънавии хонандагон ва ба ин васила ғанӣ гардонидани ҷаҳонбинии хурду бузург ба кори пурзаҳмати тарҷумаи бадеӣ даст задаанд. Устод барои осон рӯёндани ҳаққи қалам на ҳар асари хасакиву арзонбаҳо, балки беҳтарин шоҳкориҳои адабиёти дунё: «Ғурмагас»-и Войнич, «Гунаҳгорони бегуноҳ»-и А. Островский, «Модар»-и М. Горкий, «Ҳамлет»-и Шекспир, «Табиби зӯракӣ»-и Молйер, «Дон Кихот»-и Сервантес, «Достони Уленшпиггел»-и Шарлде Костерро интихоб карда, онҳоро бо заҳмати зиёд эҷодкорона бо забони пуробуранг баргардондаанд. Ва нашри ҳар як асари тарҷума кардаи устод чун падидаи нав дар муҳити адабӣ пазируфта мешуд. Аслан

таҷрибаи тарҷумонии устод Улуғзода ба сари худ мактаби хосаи адабист.

Хидматҳои бузурги нависандаи маҳбуб устод Сотим Улуғзода дар рушди фарҳангу адабиёти миллӣ ҳамеша дар мадди назари хонанда ва аҳли таҳқиқ қарор дошту дорад. Перомуни арзишҳои адабии устод С.Улуғзода бисёр донишмандону адибони маъруфи тоҷик М.Шакурӣ, С.Табаров, Х.Мирзозода, Ш.Ҳусейнзода, Х. Шарифов, Л. Демидчик, Р. Ҳошим, А. Сайфуллоев, Ҷ. Бақозода, Ҷ. Икромӣ, Ф.Муҳаммадиев, С.Турсун, Кӯҳзод… мақолаҳои пурмӯҳтаво ба нашр расондаанд. Пас аз соҳиб шудан ба истиқлоли давлатӣ марҳилаи нави омӯзиш ва пажуҳиши осор ва шахсияти устод оғоз ёфт ва донишмандони шинохтаи тоҷик Х.Асозода, М.Раҷабӣ, И.Исоматов, С.Имомалӣ аз рӯзгор ва арзишҳои осори устод Улуғзода рисолаҳои пурмӯҳтаво нашр карданд. Ва боиси сарфарозист, ки барои абадӣ гардонидани хотираи адиби донишманду фарзанди фарзонаи миллати тоҷик бо амри Президент Эмомалӣ Раҳмон Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи неки Сотим Улуғзода гузошта шуд.

Ва инак солзоди устоди зиндаёд ба сад расид. Ҳақиқат ин аст, ки меҳру самияти миллати тоҷик ба шахсият ва осори гаронбаҳои азизтарин ҷигарбандаш – Сотим Улуғзода то ҷовидон боқӣ хоҳад монд.

*2.XII. 2010*

*Муҳаммадҷон ШАКУРӢ,*
*доктори илмҳои филологӣ*

## ЯК НАМУНА АЗ ФОҶИА ВА ҚАҲРАМОНИҲО

Таърих ба халқи тоҷик ками дар кам меҳрубонӣ кардааст. Ин халқи қадимӣ ва аҷдодони ӯ дар умри чандинасраи худ аз гардиши айём бисёр ҷафоҳо дидаанд.Ғосибону ҷафокорони «худӣ» ва аҷнабӣ ба сари онҳо хеле рӯзҳои сахт овардаанд.Дар таърихи мардуми мо бисёр саҳифаҳо аз қаҳрамониҳои камназире низ ҳикоят мекунанд. Фоҷиаи таърихии халқ ва қаҳрамонии ӯ ҳамеша бо ҳам будааст.

С.Улуғзода дар повести «Ривояти суғдӣ» яке аз он фоҷиаҳо ва қаҳрамониҳоро ҳикоят мекунад.

Замони истилои араб (асри VII) яке аз сахттарин даврахое дар инкишофи таърихии аҷдодони мо буд. Ҳуҷуми лашкари гарони халифаҳои араб замоне сар шуд, ки Осиёи Миёна, кишвари Суғд ва ҷамъияти ғуломдорӣ ба сохти феодалӣ мегузашт ва зиддиятҳои синфӣ тезу тунд шуда истода буданд. Дар Осиёи Миёна давлати мутаммаркази пурқуввате ҳанӯз ба вуҷуд наомада, мамлакат пароканда ва камқувват буд. Бо вуҷуди ин, агарчи истилогарони араб нағз мусаллаҳ шуда, қувваи кишварҳои зери дасташонро сафарбар намуда, чун мӯру малах ҳуҷум оварда буданд, суғдиён дар муқобили онҳо қаҳрамонона истодагӣ карданд ва якчанд бор онҳоро аз сарзамини худ берун ронданд.

Асари С.Улуғзода ҳаҷман чандон калон набошад ҳам, мазмунан васеъ аст. Вай рафти воқеаи таърихӣ – дуюмин ҳуҷуми калони арабҳоро ба Мовароуннаҳр ва ҷанги зидди онҳоро тасвир менамояд. Дар зимни ин вай моро бо баъзе шароити хоси зиндагии мардумони Суғди онвақта, бо расму одатҳои қадимии аҷдодони мо, тартиботи иҷтимоии кишвар ва ғайра низ як андоза шинос мекунад. Дар ин хусус маълумот гирд овардан кори душвор буд, зеро аз замонҳои қадим дар таърихномаҳо маълумоти этнографӣ ва ғайра кам боқӣ мондааст. Барои он ки нависандае аз зиндагии он айём чанд

манзара тасвир кунад, лозим меояд, ки ҷустуҷӯи бисёреро анҷом диҳад, аз сарчашмаҳои гуногуни таърихӣ ва тадқиқоти илмӣ зарра-зарра материал ҷамъ оварад. Хушбахтона, С. Улуғзода аз ҷумлаи нависандагонест, ки ҷустуҷӯи илмию бадеиро бо суботкории тамом то нуқтаи охир давом дода метавонанд. Дар ин мавридҳо вай на фақат чун як нависандаи моҳир, балки ба сифати як нафар олими нозукбин низ намоён мешавад.

Пояҳои илмии «Ривояти суғдӣ» бисёр мустаҳкам аст. Воқеаи асосии он – асирони суғдиро ғулом кардани арабҳо, аз маликаи Бухоро гаравгон гирифтани онҳо (ба ривояти Наршахӣ – 80 нафар), аз тарафи ин ғуломону гаравиҳо кушта шудани Саид бинни Усмон дар таърихҳо зикр шудааст. Тасвири рафти ҷангҳо низ ба бисёр ҷузъиёташ дар повести С.Улуғзода асосан мувофиқи ахбори таърихшиносон омадааст. Маликаи Бухоро Хотун, ҳусну ҷамол ва хислатҳои инсонии вай, тарзи мамлакатдорӣ ва муомилаи ӯ бо ғоратгарони араб, ғайр аз баъзе ҷузъиёту тафсилот, ҳама дар асоси гуфтаҳои муаллифони китобҳои таърих тасвир ёфтааст. Онҳое, ки дар воқеаҳо аз тарафи арабҳо иштирок кардаанд, ҳама шахсони таърихӣ буда, нависанда ҳатто номи ягон нафаре аз онҳоро дигар накардааст.

Дар яке аз ахбори таърихӣ чунин лавҳае аз ҷанги Самарқанд оварда шудааст:

«Дар миёни ҷанг муборизе аз сипоҳи Самарқанд бурун омад, бар аспе зард нишаста ва дар майдон ҷавлон кард ва мубориз хост. Аз лашкари Саид (бинни Усмон) касе рағбат намекард бо вай рӯ ба рӯй гардад. Молик ибн-ур-Райб пурсид, ки ин мард, ки ба майдон омадааст, чӣ мегӯяд?» Молик ибн-ур-Райб гуфт: «Кас нест аз шумо, ки баробари ӯ равад?» Гуфтанд: « Ҳамагон аз вай ҳаметарсанд ва касро заҳраи он нест, ки бар муборизати ӯ берун шавад». Молик гуфт: «Ин бузург айбе бувад». Яке аз ёрони Молик гуфт: «Туро рағбат меафтад, ки бо он мубориза бикӯшӣ?» Молик гуфт «Меафтад». Пас ба асп тозиёна зад ва ба майдон тохтан гирифт ва бар он мубориз ҳамла бурд. Ҳарду ба найза

ҷанг оғоз ниҳоданд. Муборизи суғдӣ даромад ва найзае бияндохт. Найза бар зинкӯҳа расид ва зин бишкаст ва Молик аз асп бияфтод ва дарҳол барҷаст ва найза ҳамчунон ба даст дошт. Найзабар муборизи суғдӣ зад ва аз аспаш бияндохт (афтонд). Суғдӣ хост, ки бархезад, Молик бар ӯ давид ва хештанро дар ӯ андохт (партофт) ва ӯро бигирифт ва медавонид, то пеши Саид оварад ва бар замин бияфканд...»

Ин эпизод дар повести С. Улуғзода ҳам тасвир шудааст. Лекин муаллиф бо тахайюл (фантазия)-и нависандагӣ, ки эҷодиёти бадеӣ онро ҷоиз медорад ва бе он намешавад, ин эпизодро мувофиқи идеяи асараш як қадар ба таври дигар ба қалам медиҳад, чунончи агар дар таърихнома суғдиҳои паҳлавони асир афтодаи худро аз Молик ибн-ур-Райб ба пули калон харида гиранд, нависанда он паҳлавонро Виркан ном ниҳода бо ҳамроҳии асирони дигар то Мадина бурда, дар шӯришҳои онҳо чун сардор иштирок мекунонад. Улуғзода дар баъзе мавридҳо ба он чанде ҷузъиёту тафсилот илова мекунад, аммо дар баъзе мавридҳо ба воқиа дигаргуниҳое медароварад.

Ин дигаргуниҳо, албатта, бояд дар асоси нағз омӯхтани ҳамаи фактҳои таърихӣ ва ба хубӣ ҳис кардани рӯҳи замон анҷом дода шаванд, ба инкишофи таърих зид набошанд, дар он сурат барои пурратар ифода шудани ҳақиқати таърихӣ ёрӣ мерасонанд.Он «муборизи суғдӣ», модом ки дар лашкари суғдиён ва дар муборизаи зидди арабҳо мавқеи муҳим доштааст, бешубҳа, сарнавишти вай сазовори андешаҳои доманадор буд, ин аст ки нависанда ӯро ҳатто қаҳрамони асосии қисса гардонида, ба вай «тарҷумаи ҳол»-и дар он замон ва дар он шароити иҷтимоию таърихӣ имконпазирро дода, дар воқеаҳо ӯро то охир амал кунондааст.

Дар повести С. Улуғзода он чи ба амалиёти арабҳо ва саркардаҳои онҳо дахл дорад, бисёр кам ба дигаргунӣ дучор шудааст. Нависанда кӯшиш дорад, ки ба тадқиқоти илмии таърихшиносони замони мо такя карда, қисми асосии маълумоти таърихномаҳоро бе дигаргунӣ ё бо дигаргунии андак истифода намояд. Вай ҳатто баъзе диалогҳоро қариб

айнан аз китобҳои таърих гирифтааст.

Аммо образ ва саргузашти дигар персонажҳои суғдӣ – Наниманча, Ревахшиён, Нӯфарн ва ғайра маҳсули тахайюли бадеии нависанда аст.

Манзараҳои зисту маишати суғдиёни қадим дар қисса боварибахш тасвир ёфтаанд. Ин зиндагӣ дар фараҳбахштарин лаҳзаҳо ҳам аз шиддат холӣ нест. Аз аввали повест, аз рӯ ба рӯ омадани Виркан ва Молик ибн-ур-Райб дар саҳрои регзори Арабистон сар карда, тамоми воқеаҳо, ҳама ҳолату вазъиятро як шиддати драмавии рӯзафзун фаро гирифтааст ва ба сӯи нуқтаи олӣ меравад. Ин шиддату моҳияти фоҷиавии замон ва сарнавишти инсонро ифода мекунад. Вазъият чунон аст, ки ҳар шахс ва ҳама кишвари Суғд ҳар лаҳза мумкин аст ба даҳшате дучор оянд ва дучор меоянд. Баъзе аз қаҳрамонони асар ҳар кадоме ба тарзи худ, чунончи маликаи Бухоро бо рою тадбир ва сулҳҷӯӣ, Виркан бо қувваи бозу ва фидокорӣ. Наниманча бо дилсӯзӣ ва ҷасорати камназир мекӯшанд, ки фалокатро аз сари мардум ва кишвар дур андозанд. Ин кӯшишҳо дар он шароит моҳиятан намунаи қаҳрамонист. Ба фалокати азим фақат қаҳрамонӣ, ҷасорат ва қатъиятро муқобил гузоштан мумкин аст. Нависанда рӯҳи мағлубиятнопазири онҳоеро, ки барои дафъи бало ҷон ба каф гирифтаанд ва тан ба тақдир надода, то дами вопасин талош мекунанд, нишон медиҳад.

С.Улуғзода ин гуна қаҳрамонии мардони таърихро дар якчанд асараш тасвир кардааст. Дар драмаҳои вай «Рӯдакӣ», «Ҷавонии ибни Сино « (шарикмуаллифаш В.Виткович), «Темурмалик», «Алломаи Адҳам ва дигарон» (Дар бораи Аҳмади Дониш), дар романи «Восеъ» дар шароити гуногуни таърихӣ ба шаклҳои гуногун зоҳир шудани рӯҳи қаҳрамонӣ тадқиқ шудааст. Нависанда дар ин асарҳояш гоҳ ба симои шоирону мутафаккирони бузург, гоҳ ба хислати як лашкаркаши номӣ ва ё пешвои шӯриши деҳқонон чашми диққат дӯхта, бунёди халқии ҳастии онҳоро муайян мекунад, аз манфиатҳои халқу кишвар қувват гирифтани ҷидду ҷаҳди

қаҳрамононаи онҳоро ошкор месозад. Агарчи сарнавишти қаҳрамонони ҳамаи ин асарҳои ӯ фоҷиае дорад, қувваи азими халқ дар он фоҷиа ифода ёфтааст, рӯҳи озодихоҳи ӯ, ба ҷавру ситам ва хориву зорӣ сар нафуровардани вай, ки боиси умри ҷовидонаи ӯст, бо қувваи тамом намудор мегардад.

Повести «Ривояти суғдӣ» бори аввал соли 1975 дар журнали «Садои Шарқ» чоп шуда, соли 1977 ба шакли китобчаи алоҳида интишор ёфта буд. Ҳоло нависанда онро аз нав таҳрир карда, дар бобҳои « Наниманча» ва «Самарқанд ҷиҳод кунад» чанд фасли тоза, дар бобҳои дигар ҳам порчаҳое илова намудааст.

Ин иловаю таҳрирҳо боиси равшантар шудани вазъияти таърихӣ, хусусан боиси беҳтар намоён шудани хислатҳои қаҳрамони асосӣ ва амиқтар рафтани психологияи онҳо гардидаанд.

# РИВОЯТИ СУҒДӢ

*(повест)*

## ВИРКАН
## 1

Савдогари ғайюр ва корчаллони суғдӣ дар паси суд ба куҷоҳое ки намерафт. Роҳҳои дуру дарози Хитой, Ҳиндустон, Эрон, Рум[1] ба вай монанди кӯчаҳои шаҳри худаш Самарқанд ё Бухоро ё ки Пайканд шинос буданд.

Корвонҳои бозаргонии суғдиён «Роҳи абрешим»-и кабирро, ки бо вай абрешими хитоӣ ба Эрон ва Рум бурда мешуд, мепаймуданд, тилло, навшодир, зарфҳои нуқра, карбосу алочаи машҳури занданегӣ, дебо[2], чарми нафис, кимхоб, гилем, камону сипару ҷавшанҳои аълои суғдиро ба мамолики шарқу ғарб мебурданд. Инчунин ба тавассути ин корвонҳо моли бозаргонии кишварҳои гуногун ба ҳамдигарашон интиқол меёфт. Аҷаб нест он бозаргоне, ки ба Шайх Саъдӣ гуфта буд, ки гӯгирди порсӣ ба Чин, косаи чинӣ ба Рум, дебои румӣ ба Ҳинд, пӯлоди ҳиндӣ ба Ҳалаб, обгинаи ҳалабӣ ба Яман, бӯрди[3] яманӣ ба Порс бурдан мехоҳад, бозаргони суғдинажод бошад.

Яке аз корвонҳо дар соли 673 (мелодӣ) ба Яман рафта буд, дар он ҷо бозаргонон шуниданд, ки амири араби Хуросон Убайдулло бинни Зиёд аз Ҷайҳун гузашта Суғдро тохта, Бухоро, Пайканд ва шаҳру деҳоти дигарро тороҷ кардааст. Бозаргонон, ки дар Суғди Бухоро ва Самарқанд оилаҳошон монда буданд ва коху кошонаҳо, молу мулк доштанд, аз ин хабари нохуш ба хавотир афтода, дастгоҳи тиҷоратиашонро саросема барчиданду роҳи бозгашт пеш гирифтанд.

Корвон бо соҳили баҳри Аҳмар роҳи биёбон мепаймуд. Вайро дастаи муҳофиз – бист нафар чокирони мусаллаҳ, ки онҳоро бозаргонон аз ҷумлаи ҷавонони далери суғдӣ яккачин карда ба киро гирифта буданд, мушоят мекарданд.

---
[1] Византия.
[2] Матои нафиси абрешимӣ, ҳарир.
[3] Карбоси дурушт.

Бештарини чокирон аспсавор буданд, дигарҳояшон дар качовахо ба ҳар шутур ду нафарӣ савор шуда мерафтанд.

Корвон баъди ду моҳ ба Мадина расид.

Акнун боз ҳамон гуна роҳи дур ва пурмашаққати Шом дар пеш буд.

Офтоб сӯзон, ҳавои регзорон чун дами кӯраи оташ тафсон. Зангӯлаҳои чаҳорсаду сӣ уштури боркаш дар хомӯшии биёбони Ҳиҷоз ҷиринг-ҷиринг... нағмасози мақоми якнавохт...

Рӯзи панҷуми сафар баногоҳ дар ақиби корвон аз дур сиёҳии савороне намудор гашт. Саворон аз хомаи баланди рег сарозер шуда тез-тез пеш меомаданд.

Сарҳанги чокирон, ки бо нисфи дастаи худ дар думи корвон равон буд, аз эҳтиёт якеро сӯи нисфи пешгарди даста давонд, ки огоҳ ва ҳушёр бошанд.

Саворони пайдошуда бо ҳамон гуна яроқе, ки чокирон доштанд, яъне бо шамшеру ханҷару найзаҳо мусаллаҳ буданд. Маълум набуд онҳо кистанд: сипоҳиёни ҳокими Мадина ё сарбозони ягон шайхи бодия? Ё балки роҳзанон бошанд?

Бадтарин гумони корвониён рост баромад: саворони ношинос наздик омада якбора бо ҳаёҳу ба болои чокирон тохтанд. Чокирон сари роҳи онҳоро гирифтанд, задухӯрд ба вуқӯъ пайваст. Мубориzони ҳар ду тараф дар фаввораи гарди тафсон ба ҳам омехта шамшер мезаданд ва найза мекӯфтанд.

Яке аз чокирон, марди сисолаи тануманд, шонафарох, ришсиёҳ, ҷавшан дар бар ва кулаҳхӯрди мисин бар сар, савори аспи саманди қашқа, бо нахустин ҳамла ду роҳзанро аз асп фурӯ ғалтонд ва найзаи саввуминро бо як зарби шамшери дарозаш шикаст. Аз яке роҳзани захмхӯрда ҳангоми ғалтидани ӯ шамшерашро рабуда, бо ду шамшер бо ду даст бар чапу рост ва пасу пеш задан гирифт.

Ин мард сарҳанги чокирон буд, Веркан ном, ғуломи бозаргони бухороӣ Нӯфарн.

## 2

Яке аз роҳзанон, ки ҳамчунин ҷавшану кулоҳдор буд, ба Виркан дарафтид. Виркан араби миёнсоли зеботалъат ва хушсавлатеро дар баробари худ дид, ки ба гумон саркардаи роҳзанон буд, ришу бурути кӯтоҳи базеб, чашмони калони сиёҳи шарорафишон дошт, аз ваҷоҳаташ шуҷоат меборид. «Шояд Молик ибн-ур-Райб ҳамин мард бошад», – ба дил гузаронд Виркан, зеро корвониён дар Мадина шунида буданд, ки дар он тарафҳо роҳзани бебоке, Молик ибн-ур-Райб ном, бо дастаи ғоратгарони худ пайдо шудааст. Виркан хато накард: саркардаи роҳзанон ҳақиқатан Молик ибн-ур-Райб буд.

Дуяшон бо ниҳояти тундӣ ва шиддат шамшерзанӣ карданд.

Ба зудӣ дасту гардан, китфу ронҳои ҳар ду хунин гашт. Араб дар ҳоли чорхези аспи тозиаш ба чапу рост чандон мехамид, ки сараш қариб ба замин мерасид ва аз таги асп ба шиками аспи ҳариф ё ба пои савори он шамшер заданӣ мешуд, ҳам гоҳо болои зин рост истода ҳамла меовард. Воқеан ҷангисавори пурҳунаре буд.

Аммо паҳлавони суғдӣ ҳам аз вай намемонд.

Дар айни задухӯрд чокирони пешгарди корвон ҳам даррасиданд ва ба роҳзанони латхӯрдаву талафотдода дарафтиданд.

Он гоҳ Молик навмед шуд, ӯ наърае кашида ба забони худ чизе гуфт, зоҳиран ба шариконаш фармони ақиб гаштан дод, ки онҳо якбора гурезон шуданд ва баъд саркарда ҳам аз пасашон фирор кард.

Кушташудагон ва маҷрӯҳони дастаи Молик дар регзор монданд, аспҳои ононро шариконашон этал карда бурданд.

Аз чокирон ҳам як нафар ҳалок, се нафар захмин ва маъюб шуда ғалтида монда буданд.

Рафиқонашон онҳоро бардошта сӯи корвон, ки пештар рафта қарор гирифта буд, равон шуданд.

## 3

Корвониён онҳоро бо нидоҳои таҳсину офарин истиқбол карданд. Чанде аз хизматгорон зуд ба гӯрковӣ ва дафни мурда, як суғдии солхӯрда аз доруҳои эҳтиётии бозаргонон ба марҳам молидан дар ҷароҳати се чокири захмдор машғул гардиданд.

Дар ин асно аз Нӯфарн, хоҷаи Виркан, рафторе ба зуҳур омад, ки ҳеҷ кас ва алалхусус Виркан мунтазири он набуд. Хоҷа чӣ гуна ба роҳзанон ҷангидани ғуломашро назора карда буд, ҳоло вай нохост Виркани саропо дар гарду регу хун олударо оғӯш карда, аз сару пешониаш бӯсида ба ситоиш даромад:

– Дер зӣ, паҳлавонам, гурди сафдарам! Агар ту намебудӣ, ҳоли мо чӣ мешуд? Ту корвонро наҷот додӣ, моро аз аҷали муаллақ раҳонидӣ!

Нӯфарн он қадар ба таассур ва риққат омада буд, ки ҳатто дар чашмони аз офтоби сӯзон ва гарди биёбон сурх гаштааш ашк ҳалқа зада, ду-се қатраи он ба риши сиёҳу сафедаш шорид. Сипас хоҷа ба корвониён рӯ оварда гуфт:

– Вирканро ман ба чорсад дирам харида будам, вай имрӯз баҳои худро саду чанд ва балки ҳазор чанд ба ман бозгардонд. Ҳамин ки сиҳат саломат ба ватан расидем, ман ба подоши фидокорие ки дар муҳофизати корвон ва ҷони мою шумо аз ин диловар ба зуҳур омад ва ба шукронаи наҷот ёфтанамон аз қатлу ғорат, Виркани азизамро аз ғуломӣ озод мекунам. Шумоёнро ба ҳамин қавли худ гувоҳ мегирам.

Шариконии бозаргонии Нӯфарн, чокирон ва дигар аҳли корвон ҳама ба вай офарин хонданд, олиҳимматии ӯро ситуданд ва ботинан хурсанд буданд, ки шарики савоби ғуломозодкунӣ шуданд. Бозаргонон ба Виркан, ки аз ин пешомади ногаҳонӣ, аз ин хушбахтии ғайричашмдошт моту мабҳут ва забонаш лол гашта буд, хитоб мекарданд, ки:

– Ба хоҷаат таъзим кун, шукр гӯй! Дасташонро бибӯс!

Паҳлавон саросема ба хоҷааш таъзим кард ва дар пешаш зону зада дасташро бӯсид...

## 4

Вай аз падари суғдӣ ва модари турк таваллуд ёфта буд.

Падараш Ревахшиён аслан самарқандӣ буда, бисту панҷ сол дар кишвари туркон Ҷеттису (Ҳафтрӯд) зист.

Суғдиён дар сарзамини туркон ҳам то ҳудуди Хитой сокин шуда, дар қади «Роҳи абрешим» ҷо-ҷо ба худ деҳаҳо, нишемангоҳҳо сохта буданд ё ки дар авулҳои туркон дар байни бошандагони тагҷоӣ мезистанд. Баъзе аз он деҳаю авулҳо манзилгоҳи корвонҳои раҳгузар буданд. Ревахшиён дар яке аз манзилгоҳҳо гумоштаи як нафар бозаргони самарқандӣ буд. Дар он ҷо туркдухтареро ба занӣ гирифт. Зан дар вақти зоиши аввал мурд, кӯдакаш зинда монд, вайро бо шири буз, оҳу, асп парвариданд. Бача то бистсолагӣ дар Ҳафтрӯд ба тарбияи падараш буд. Монанди ҳамсолони туркнажоди худ аз сесолагӣ аспсаворӣ омӯхт. Чун ба воя расид, ҷавони бокитфу бозу, неруманд ва ниҳоят чобуке гардид. Аз аспи савории худ ба пушти аспи ромнашудаи гурезон меҷаҳид ва онро то ром накунад, аз пушташ намефуромад. Шикордӯст буд, бо саворон пайваста ба шикори гург, рӯбоҳ, гавазн мерафт.

Падараш дар пиронсолӣ ба Самарқанд баргашта дар деҳаи Ревдод, ки зодгоҳаш буд, сукунат ихтиёр кард.

Фарзанди даштҳои бекарон ва кӯҳҳои баланд Виркан ба деҳқонию боғдорӣ одат накард, ҳавасаш ба асп ва камон буду бас. Аспе дошт саманди қашқа, тезтаки пӯлодсуми фарбеҳсинаи пуштфарох, ёлдарози говдум, ки ба вай Рахши пасин ном ниҳода буд, яъне рахши пешин аспи Рустами Дастон аст ва ин пас аз вай. Ҷавон ҳар гоҳ, ки бар Рахши пасин менишаст, худро шаҳсавори ҷаҳон ҳис мекард. Бо он асп ба шикор мерафт, чавгонбозӣ мекард (чавгонбозӣ дилписандтарин бозии ҷавонони Суғд буд), ки дар маъракаҳо савора гӯштӣ мегирифт. Дар ду бозии охир аксаран ғолиб мебаромад.

Дар байни ин шуғлҳо вай ҳафтае як бор – ду бор аз дараи Киштут ба ду уштури падараш ангиштсанг бор карда оварда, дар бозори Самарқанд мефурӯхт.

## НАНИМАНЧА

### 5

Дар Ревдод ҷомашӯйзанаке буд, Наниманча ном духтаре дошт, ки хона ба хона гашта пӯшоки чиркин меғундошт ва баъди шустан онро ба соҳибонашон оварда медод. Вай ҳафдаҳро пур карда, ба ҳаждаҳ қадам монда бошад ҳам, ҳанӯз шавҳар накарда буд, ҳол он ки духтарони чордаҳ-понздаҳсоларо ба воя расида медонистанд ва ба шавҳар медоданд. Наниманча худаш шавҳар кардан намехост, зеро аз якка мондани модари пири дардмандаш андеша дошт ва модараш ҳам аз ҳамин тарсида духтарашро маҷбур намекард. Занак барвақт бева монда, дар чилсолагӣ аз меҳнату машаққати зиндагӣ пир гашта буд ва ҳам тез-тез бемор мешуд. Ду дафъа ду сағирро ёфта хонадомод карданӣ шуд, лекин духтарак онҳоро рад кард. Агар хостгоре мебаромаду розӣ мешуд, ки модарарӯси ояндаашро ба хонаи худ бараду пояд, Наниманча шояд ҳоло шавҳардор мебуд, аммо чунин хостгоре ҳанӯз набаромада буд. Духтарак ба чеҳра он қадар зебо набошад ҳам, дилкаш буд, пайкари рехтаи мавзуне дошт. Мардон ба вай бо чашми ҳавас менигаристанд, ҷавонон гап мепартофтанд, аммо Наниманча аз ҷумлаи духтароне буд, ки мақоли «Даст расону ба бало мон» дар ҳаққи онҳо гуфта шудааст. Вай ба болои чаққонию боғайратӣ шаттоҳ ҳам буд, бало буд бо забони тундаш ба як гап ду гап мегардонду ба кулӯхандоз санг меандохт. Дар хонаводаи ғарибиашон мард набуд, лекин ба ҷои мард Наниманча бас буд, ки кори ду ҷавонмардро мекард.

Модару духтар пӯшоки Ревахшиён ва Вирканро ҳам мешустанд.

### 6

Рӯзе аз рӯзҳо пӯшоки шустаи онҳоро ба ҷои Наниманча модараш овард.

Ҳангоме ки занаки нимҷон ва хастаҳол бӯхчаи вазнинро ба замин гузошта, аз даруни он пӯшоки падару писарро мебаровард, Ревахшиён ба вай раҳмаш омад ва пурсид:

– Чаро бӯхчаро худат бардошта гаштаӣ, духтарат куҷост?

Занак ҷавоб надода ба замин нигарист, оби ба чашмони чӯкидаи камнураш омадаро бо нӯги сарпечи даридааш пок кард.

– Чӣ хабар? Магар ба Наниманча ҳодисае рӯй дод? – ба хавотир афтод пирамарди раҳмдил.

– Ҳодиса гуфтию мондӣ! – ҷавоб дод занак ва давоми суханашро бо душворӣ ба забон ронд: – Ин гапро ба кас гуфта намешавад, лекин ба ту мегӯям, ту одами бохирадӣ, рози касонро ифшо намекунӣ... Духтарам... дуҷон шудааст. – Зан дар ин ҷо боз гирист. – Шармандаам ман, додар. Ба мурданам сад бор розиам, лекин аҷал ҳам ба ман механдаду маро намегирад...

– Аз кӣ? Аз кадом зиногари нокас бошад?

– Ман чӣ донам?.. Вай намегӯяд. «Напурс, айб ба худам» мегӯяду дигар гап намезанад... Ҳомилагиаш маълум... Шарм карда аз хона намебарояд...

Ревахшиён андешаманд сар ба зер афканду дигар пурсуков накард; ба музди ҷомашӯӣ ним ғалбер ҷав баровардa дода, занакро гуселонд.

Рози ғамангези занак дили пирамардро сиёҳ кард. Ва ин на фақат аз роҳи раҳмдилӣ буд, балки ваҷҳи дигаре ҳам дошт.

Чанде пеш Виркан аз падараш хоста буд, ки Наниманчаро ба зании ӯ хостгорӣ кунад. Гуфта буд: «Модарашро ҳам ба хона меорам, модару духтар хизмати рӯзгори туро ҳам мекунанд». Аммо Ревахшиён ин гапро ҳатто шунидан нахост, қатъиян рад кард. Вай аз хешии ҷомашӯйзанаки дарбадар ор мекард. Ҳоло пирамард аз хаёли он ки бо рад кардани хоҳиши писараш аз ғайри ихтиёри худ як дараҷа сабабгори бадбахтии духтарак ва модари ӯ шудааст, азияти виҷдон мекашид.

Виркан аз шикор баргашт.

Ревахшиён розро ба дилаш ғунҷонда натавониста ба вай гуфт:

– Ҷомашӯйзанак омада буд, гирёну нолон. Духтараш аз кадом як зиногари нокас обистан шудааст.

Виркан якбора дар ҷои нишастааш безобита шуд, чашмонашро калонтар кушода, сӯи падараш хамида пурсид:

– Обистан?

– Оре, – аз безобита шудани писараш тааҷҷуб карда ҷавоб дод Ревахшиён.

Виркан бархост, хотирпарешон қадаме чанд дар рӯи ҳавлӣ гашт, лаби ҷуй сари ду по нишаста даст шуст, боз хест, мурғони сайдкардаашро аз ҷое ки гузошта буд, бидуни зарурат бардошта ба ҷои дигар гузошт; сипас баргашта назди падараш нишасту гуфт:

– Ман... падари кӯдакаш манам...

– Ту? – пирамард ба шунида бовар кардан намехост.

– Оре, ман...

– Ту чӣ кор кардӣ, лаънатӣ? – шӯрид Ревахшиён. – Агар ин роз ошкор шавад, туро ба дор мекашанд, ӯро сангсор мекунанд.

– Ором бош, падар. Наниманчаро ба занӣ мегирам. Акнун ту не гуфта наметавонӣ. Кайҳост, ки дӯсташ медорам.

Ревахшиён якбора дам фурӯ баст, ҳеҷ нагуфт.

Фасли харбузапазӣ буд. Виркан аз полизча, ки падараш дар ҳаётаи пушти боми хона кошта буд, ду харбузаи калонро канда оварда ба хӯрҷин андохт, боз ду нони тобагӣ ва чорто мурғи титав, ки он рӯз сайд карда буд, дутояшро андохт ва хӯрҷинро ба китфаш гирифта бадар рафт...

## 7

Воқеа чаҳору ним моҳ пеш рӯй дода буд...

Дар хонавода агар ҷавонмарди муҷарраде бошад, солиму нирӯманд ва ба он хонавода духтаре рафту омад дошта бошад, қадрасу дилкаш, – оқибаташ чӣ мешавад? Мумкин аст

бахайр шавад ва мумкин аст нашавад, вале он чи бо Виркану Наниманча воқеъ гардид, ҳамчунин аз мумкинот буд...

Ҷомашӯйзанак пӯшоки Ёдихишетаку Вирканро ҳам мешуст. Пӯшоки шустаро ба соҳибонашон одатан Наниманча оварда медод.

Ҳар бор ки духтарак меомад, Виркан, чунон ки одати ҷавонон аст, ба вай шӯхона суханони хушомадомез мепаронд. Наниманча қаҳр мекард, итоб мекард, ба суханони ӯ ҷавобҳои газанда мегардонд. Аҷаб ин ки Виркан аз қаҳру итоби ӯ, ҳатто аз дашномҳояш на фақат намеранҷид, балки хушаш меомад.

Магар ин аломати он нест, ки ӯ дар дилаш ба Наниманча меҳре ва майле эҳсос мекунад? Ва духтарак чи тавр инро ҳис мекунад?

Қаҳру итобҳо кам-кам ба сурх шуданҳои ниҳониву нигоҳҳои шармомез бадал шуданд.

Як дафъа Виркан аз падараш пинҳонӣ Наниманчаро дар паси дари берун поида истода, ногаҳон дар бағал кашиду аз лабу рӯяш бӯсид. Духтар рӯи ӯро ханҷол кард ва гурбавор тоб хӯрда худро аз бағали ӯ раҳониду гурехт. Дар аснои гурез яке ба қафо нигариста гуфт: «Дигар ба остонаат қадам намемонам! Даратро пушти сарам бинад!»

Аммо ин паймон, зоҳиран, ба зудӣ фаромӯш шуда буд: Наниманча баъди ду ҳафта боз дар ҳавлии Ревахшиён падидор гашт.

Ба абрувонаш усма молида ва дар мобайни онҳо холи сабз ниҳода буд. Одатан куртаи карбосии на он қадар покиза ба тан медошт, вале ин дафъа гӯё ки ба ид баромада ё худ ба тӯйхона омада бошад, пероҳани озодаи кабудранг ва камзӯлчаи сурхи беостин пӯшида омада буд, камзулча ба танаш таранг часпида миёни борик ва қомати мавзуни ӯро аёнтар месохт. Бар сараш тоқичаи гулдӯзии лолагун дошт. Зеби андоми ӯро фақат кафши кӯҳнаи даридаву гардолудаш халалдор мекард.

Виркан ба шарфаи пои ӯ аз хона баромада буд, Наниман-

ча ба вай нигоҳ накарда ба тарафи суфае, ки Ревахшиён дар он нишаста буд, равон шуд. Вақте ки хиромон аз назди Виркан мегузашт, бӯи турши ҷурғон ба машоми ҷавон расид: духтарак он рӯз бо ҷурғон сару рӯй шуста буд. Гесувони қиргуни дар пушташ ёзида монанди чашмони сиёҳи ҷилодори банур буданд. Виркан, албатта, маънии ин арзи ҷамолу худнамоии соддалавҳонаро зуд фаҳмид.Дилаш гум зад. Вай ин бор ҳам дар назди дари берун духтаракро поида, вақти бaромаданаш ногаҳон дар бағал кашиду ҳарисона бӯсае чанд аз лабонаш рабуд. Муқобилати духтар чандон боқувват набуд. Ҳамоғӯшии онҳо хомӯшона гузашт, на ин сухане гуфт ва на он калимае бар забон ронд. Дар воқеъ сухан чӣ даркор? Забони дил гӯётар аст. Хуни аз шарм бар чеҳра давида ва як-ду нигоҳи барқвор ба рӯи Виркан тофта малоҳати ҷозибадори духтарро дар назари ӯ даҳчанд карда буданд.

Акнун Виркан рӯзҳо ва ҳафтаҳоро бо хаёли Наниманча мегузаронд. Ҳар гоҳ ки «Рахши пасин»-ашро савор шуда бо камону тирдон ба шикор мерафт, дар дашту дараҳо ба хаёли ӯ суруд мехонд, ё вақти аз Киштути Панҷрӯдак ангишт меовард, дар болои шутур худ ба худ замзама мекард.

**8**

Як пагоҳ аз сари дастархони ношто Ревахшиён аз хонадор кардани писараш сухан ба миён овард. Ӯ хоҳарзодааш Махшераро ба зании Виркан муносиб дида буд.Хоҳар ва язнаи солхӯрдаву аёлманди ӯ ба масофаи се фарсах аз Ревдод дар деҳе аз деҳоти кӯҳсори Шавдар мезистанд. Ревахшиён худ чанде пеш ба манзили онҳо рафта, бе он ки ризояти писарро бигирад, маслиҳати издивоҷи Виркану Махшераро «пазонда» омада буд. Виркан ҳам ба тариқи «сукут аломати ризост» раъй дода буд.

Пирамард мегуфт, ки Виркан бояд ангиштро барои фурӯш ҳарчӣ бисёртар кашонаду пулашро барои тӯи арӯсӣ сарфа кунад.

– Махшераро намегирам, – якбора аз ӯ ҳамчун бачаи арозкарда рӯ тофта гуфт Виркан.

– Намегирӣ? – Ревахшиён бо ҳайрат ба тарафи ӯ хам шуд. – Чаро намегирӣ?

– Як дасти ӯ шаш ангушт дорад, – ваҷҳ овард Виркан. – Ман шунида будам, ки зани шашангуштдор бехосият мешудааст.

Духтари аммаи ӯ воқеан дар дасти росташ ба паҳлӯи ангушти хурд ангушти шашум дошт. Виркан то алвақт аз бехосиятии он даҳон накушода буд. Акнун ин ба вай баҳонаи дилхоҳ шуд.

Ревахшиён бо қаҳру тамасхур баҳонаи ӯро рад кард. Аз ончи дар умри дарозаш дида буду медонист, мисолҳо оварда исбот кард, ки ҳар кас ангушти шашум ва ё монанди он зиёдатиҳои тани одамиро бехосият гӯяд, нодон ва аблаҳ аст.

Аммо Виркан аз қавлаш нагашт:

– Ӯро намехоҳам, – гуфт ва якбора парда аз рӯи рози худ бардошта илова кард: – Наниманчаро хостгорӣ кун.

Ревахшиён пораи чапотии ба даҳон бурдаашро гашта ба дастархон гузошт. Чинҳои ҷабини пиронаи ӯ ҷафстару ғафстар шуданд. Бо ҳайрату шубҳаву ғазаб ба рӯи Виркан чашм дӯхт. Вай аз писараш ин суханро ҳаргиз чашм надошт.

– Наниманча?.. Ҳавасат ба ҳамон гадойдухтар рафт? Медидам-а,ҳар бор ки меомад, ӯро бо чашмат хӯрам мегуфтӣ. Бесабаб набудааст!

Виркан хомӯш буд, ба таънаи падараш ҷавоб намедод, то ки ғазаби ӯ боз бештар ҷӯш назанад.

– Ман хешии гадоёни дарбадарро намехоҳам! – суханашро давом дода раъйи қатъии худро изҳор кард пирамард. – Ор мекунам. Чӣ, ту мехоҳӣ маро дар пеши мардум шармсор кунӣ? Магар намегӯянд, ки Ревахшиён ба писараш аз ҷои баобрӯтар зан наёфта, ӯро ба духтари гадойзане хонадор кард?

– Гадой не. Ризқашонро аз дастранҷи худ меёбанд. – Вир-

кан ба падараш бо мулоимат танҳо ҳамин қадар ҷавоб гуфта тавонист. – Ҳар чӣ бошад, бо падару модари Махшера паймон кардаем, ман паймонро намешиканам. – Ревахшиён инро гуфта бархост ва досашро гирифта сӯи боғча равон шуд...

Як рӯзи баҳор Виркан барои хабар гирифтан аз шутуронаш роҳи даштро пеш гирифт. Ду шутури ӯ дар дашт ба шутурон ва галаи аспони як нафар деҳқони самарқандӣ мечариданд, галабони ӯ Ромтиш ном ошнои Виркан буд, ки ба шутурони вай ҳам нигоҳ мекард.

Дар яке аз тангкӯчаи канори деҳа Виркан нохост ба Наниманча дучор омад. Духтар бухчае ба даст аз дари як ҳавлӣ баромада буд. Рӯзи офтобии баҳорон буд, ҳаво аз ҳамагуна ғуборҳо пок, дар осмони лоҷувардии ҳамчун обгина мусаффо лаккаи абре пайдо нест. Аз паси деворҳои ду бари тангкӯча сарҳои гулпӯши дарахтони олуча, зардолу, шафтолу ҷилва мекарданд ва бӯи диловези шукуфаҳо ба машом мерасид. Аз боғу дарахтзорон чаҳ-чаҳи шодонаи гунҷишкҳо, қу-қуи кафтару мусичаҳо баланд буд.

– Хуш бош, Нанӣ! – аз ин тасодуфи дилхоҳ хурраму хушҳол салом дод Виркан ба духтар.

Наниманча ҷавоб надод, гузашта рафтанӣ шуд, Виркани савор пеши роҳи ӯро дошт.

– Ҳанӯз ҳам аз ман қаҳрӣ ҳастӣ?

Наниманча ба замин нигарист.

– Хайр, ман гунаҳкорам, – узр хост Виркан, – тавба кардам. – Сипас бо овози меҳромез изофа кард: – Аммо гуноҳи ту ҳам ҳаст...

Духтар сар боло карда сӯи ӯ теғи нигоҳ кашид.

– Гуноҳи ту ин ки зебо ҳастӣ, – гуфт Виркан.

Наниманча тоб хӯрда рӯяшро тарафи дигар гардонд, ба Виркан чунин намуд, ки дар чеҳраи ӯ табассуме дурахшид.

– Якбора ба хонаи мо ҳам даро, пӯшоки шустанӣ ҳаст, гирифта бар. Хуб? – гуфт Виркан. – Падарам дар хона, – изофа кард ӯ, аммо дурӯғ гуфт, падараш он пагоҳ ба Шавдар рафта буд.

– Медарой? – пурсид ӯ.

Наниманча ба вай нигоҳ накарда ба тангкӯчаи дигар ҳамида аз назар ғоиб гашт, пас ҷавон асп ронда, аз роҳи дигар ба хонаашон шитофт.

## 9

Дар ҳавлӣ аспашро дар пеши собот ба яккамех басту рӯ-рӯи ҳавлӣ ба гардиш даромад. Хотираш мушавваш буд. Наниманчаро ба даъват кардан даъват карду ба хонаи хилват, лекин аз ҳилаи нисбат ба ӯ ба кор бурдааш дилаш ғаш буд. Аслан, худаш ҳам намедонист барои чӣ ӯро даъват кард. «Боз чаро дурӯғ гуфтам-а! – ботинан надомат мекард ӯ. – Биёяду фиреби маро фаҳмад, чи мегӯям? Ранҷида маро дурӯғгӯй, фиребгар номида бадар раваду дигар ба хонаи мо наёяд ҳам аҷаб не. Беҳтар мешуд, ки ҳозир наояд...»

Аммо ба зудӣ дари берун ғиҷиррос зада боз шуду Наниманча намудор гашт.

Виркан саросема шуд, аблаҳона табассум карда гуфт:

– Омадӣ?... Ман... вай... ба хона аз ту пештар расидам... Падарам ба куҷое баромадааст. Бӯхчаатро мон, шишта камакак дам гир.

Наниманча ба лаби суфа нишаст. Бо назари шубҳа ба Виркан нигарист.

«Бовар накардагӣ барин, – аз дил гузаронд Виркан. – Фаҳмид магар?» Ҷавони ошиқ ҳис кард, ки сурх шуда истодааст. Осори саргумиаш, бадасту по шуданаш аён буд.

– Зудтар биёр! – гуфт Наниманча.

Виркан нафаҳмид:

– Чиро?

– Пӯшоки чиркин.

– Ҳа... пӯшок... Ҳозир... Ман ҳозир...

Виркан тарафи хона равон шуда, ногоҳ аз пушти сараш қоҳ-қоҳ хандидани Наниманчаро шунид. Истода қафо нигарист. Бо ҳамон табассуми аблаҳонанамо пурсид:

– Чӣ механдӣ?

– Ба афту башараи ту механдам, – аз қаҳқаҳа боз наистода гуфт Наниманча.

– Ба башараи ман чӣ шудааст? – Виркан беихтиёр кафи даст ба рӯй молид.

– Башараат ба фиребгариат гувоҳӣ дода истодааст.

– Аҷаб!.. Чӣ хел фиреб? Ту чиҳо мегӯӣ, Нанӣ?

– Аммо бе гувоҳии башараат ҳам ман фиреби туро дониста будам. Дар сари кӯча ба як нафар ҳамгузаратон дучор шудам, пурсид:»Куҷо меравӣ?» Гуфтам: «Ба хонаи Ревахшиён». Гуфт: «Дар хонаи ӯ касе нест, худаш ин пагоҳ ба Шавдар ва писараш ба дашт рафтанд». Бо вуҷуди ин омадам, ки шояд мардак саҳв карда бошад. Ту ба ман гуфта будӣ, ки падарат дар хона аст, чаро дурӯғ гуфтӣ? Худат ба дашт мерафтӣ, чаро аз роҳ гаштӣ?

Виркан ҷавобе наёфт, ҷуз ин ки ҳамаи воқеаро ба шӯхӣ гардонад. Хандида гуфт:

– Ҳазл кардам, Нанӣ. Аз гуноҳам гузар.

– Ҳазл? Барои чӣ?

Виркан андак сукут карду қарор дод, ки мақсадашро рӯирост гӯяду монад:

– Хостам, ки боре бо ту якка ба якка бошам. Ана ҳамин.

Табассуме, ки ҳанӯз дар чеҳраи Наниманча бозӣ мекард, якбора хомӯш гашт. Ӯ бархоста бӯхчаашро бардошт ва ба сӯи дари берун равон шуд.

Се-чор қадам рафта буд, ки ногоҳ дари берун сахт такон хӯрд ва сипас сахт-сахт кӯфта шуд. Овози баланди зане ба гӯш расид:

– Кӣ ҳаст дар хона? Виркан! Ҳастӣ ё не?

Виркан оҳиста ба Наниманча гуфт:

– Ҳамсояамон. Ту ба хона даро, ман ӯро аз дар мегардонам.

Наниманча ноилоҷ худро ба даруни хона гирифт. Виркан рафта тамбаи дарро бардошт. Ҳамсоязанаки миёнсол сабаде дар даст ворид шуд:

– Падарат орди ҷаворӣ дода буд, ки нон пухта биёрам. Инак

овардам. Ту дар хона танҳоӣ? Бигиру дар гармиаш бихӯр, ки нони ҷаворӣ дар гармиаш бамазза аст. Пиёзнок пухтам.

– Миннатдорам, хола. Хуш бош. – Виркан сабади нонро гирифта занакро гусел карду боз дарро тамба зад.

Ба хона даромада, бо тани худ даҳони дарро пӯшонд ва бо ин тарз монеи баромадани Наниманча шуда, ба ӯ, ки дар паҳлӯи дар рост истода буд, гуфт:

– Акнун биншин, нони гарм мехӯрем. Охир ту меҳмонӣ. – Ӯ сабадро ба замин гузошт.

– Не, ман меравам, роҳ бидеҳ, – тақал кард Наниманча.

– Нанӣ, як дам биншин, – хоҳиши илтимоскорона кард Виркан. – Маро меранҷонӣ. Натарс, ман ба ту даст намерасонам. Дар кӯча мардумон гашту гузор доранд, медонанд, ки ман дар хона танҳоям, баромадани туро бинанд, аҷаб не гапу калоча кунанд.

Зоҳиран, ин ваҷҳи охирин ба Наниманча асоснок намуд, ки суст шуд. Он гоҳ Виркан бӯхчаи ӯро аз дасташ гирифта ба тоқча гузошт ва худашро қариб ба зӯрӣ ба фарши намадпӯш нишонд. Дари хонаро нимроғ пӯшида монд. Хонаи хурдакак ва шифти паст, ки дасти одами миёнақад ба он мерасид, тирезаву дарича надошт, рӯшноӣ ба он фақат аз дар медаромад; ҳоло шаммае рӯшноии аз дар тобанда онро фақат нимравшан мекарду бас. Виркан аз мехи чӯбини девор дастархонро гирифта ба рӯи намад ёзонд, чандто нони ҷавориро ба он гузошт ва пора кард. Сандуқчаи дар тоқча истодаро кушода аз вай ба лаъличаи сафолин мавизу ангур ва тутмавиз андохта ба пеши меҳмон ниҳод. Ҳама ҷунбишу тараддуди ӯ аз ғайри ихтиёри худаш бошитоб буд. Ба хилофи таомул, дар рӯбарӯи меҳмон нанишаст, дар паҳлӯяш нишаст. Боз таоруф кард:

– Марҳамат, бихӯр. Шарм накун, насибаат будааст.

Наниманча таоруфи Вирканро пазируфта бошад ҳам, парешонхотир ва беқарор буд:

– Виркан, бигузор ман равам. Мабод ки ногоҳ ягон кас биёяду бинад...

– Ҳеҷ кас намеояд, хавотир накаш. Падарам пагоҳ меояд.

– Охир, модарам ҳам нигарон...

Виркан лаҳзае чанд сукут карду баъд нохост бо як қадар дуруштӣ гуфт:

– Нанӣ! Дилтанг мабош ва маро ҳам ба танг наёр. Ман мизбонам, ҳар вақт ки рухсат додам, меравӣ. – Сипас бо овози нармтар изофа кард: – Ба ман нигар, Нанӣ, бидон ки ман ҳеҷ духтареро хуш накарда будам, туро хуш кардам. Зебо ҳастӣ, Нанӣ, ба дилам нишастӣ. – Инро гуфта вай бо як даст аз китфи лоғараки майдаустухони духтар оғӯш карду аз лабонаш бӯсаи гарм рабуд. Дар лаҳзаи дигар ӯро сабук бардошта ба зонуяш нишонд. Наниманча муқобилат накард ва балки ёрои муқобилат кардан надошт. Духтари нахустин бор ба бӯсу канор афтодаро хуш-хуш ҳаяҷони қалб ва изтироби хотир фаро гирифта буд.

... Вай бемаҷолу бесадо ба ҷавон таслим шуд. Фақат он гоҳ ки дарди сабуке ҳис кард, садои нолишмонанде бароварду халос...

## 10

Нимвайрона кулбаи шустагарзанак дар канори деҳа ба лаби ҷилдиробаи сой воқеъ буд. Занак дар як гӯшаи ҳавлича рӯи суфа ба сояи дарахти зардолу нишаста буду чарх мересид. Наниманча пӯшоки шусташударо ба арғамчине, ки аз дарахти зардолу ба тути дар канортар рӯида кашида шуда буд, меовехт.

Модару духтар аз болои тавораи пастаки хасин Виркани хӯрҷинбардӯшро, ки бо қади ҷӯй аз байни сафедору маҷнунбедҳо калон-калон қадам партофта, ба тарафи кулбаи онҳо меомад, дида ҳайрон шуданд: писари Ревахшиён пеш аз ин ба хонаи онҳо ҳеҷ наёмада буд. Наниманча ба болои ҳайраташ бедасту по ҳам шуд. Виркан низ ҳар дуро медид ва аз онҳо чашм наканда хандон меомад. Духтар дар ҳолати беқарорӣ сурх шуд, сафед шуд, яктаҳи тари аз тағора бардоштаашро гашта ба тағора партофт ва саросемаву

ҳаросон рафту худро ба даруни кулба гирифта дари онро пӯшид...

Модараш ин ҳолу ҳаракати вайро дида, гумоне ба дилаш соя андохта бошад ҳам, он кайфиятро аз шарми ҳомилагии ӯ донист.

– Шод бош, хола! – гӯён дари ҳавличаро тела дода (аз тела додани ӯ дари фарсудаи аз навдаҳои бофташуда қариб канда шуда афтида буд) ворид гардид ҷавон. (Суғдиён ҳанӯз «саломалайкум»-и арабиро намедонистанд ва ба ҷои салом «шод бош» ё «хуш бош» ё ки «дуруд» мегуфтанд).

Занак чарху пилтасабадашро онсӯтар гузошта, бо ҳар ду даст бар зонувони лоғари нотавонаш такякунон ба истиқболи меҳмон бархост. Аз даруни пилтасабад гурбаи ниҳоят лоғару нимҷоне ҷаста, пушташро кӯз ва думашро теғ сохта, норизо ва малул ба каноре хиромид.

– Хуш омадӣ, Виркан, – таоруф кард ҷомашӯйзанак. – Шамол аз куҷо парондат?

Вай пӯстаки сиёҳи чанголудро, ки бар он нишаста буд, як сӯ афканду ба кулбааш шитофт, аз он ҷо кӯрпачаи кӯҳнаеро оварда ба рӯи бӯрё андохт.

– Марҳамат, биншин.

Вақт миёни пешин ва аср, офтоби тобистон ҳаворо хеле тафсонда, лекин суфа дар сояи дарахти сершоху барги зардолу як қадар салқин буд; ҷавон ҷомаи алочаи абра астарашро кашида, ба шохи дарахт овехту нишаста, дасторчаи малларангашро аз сар гирифта бо вай арақи рӯю гарданашро пок кард. Аз ҷониби сой, ки канори дигари он то чашм расидан ҳама боғу дарахтзор буд, андак-андак насими форам мевазид. Дуртар – дар лаби сой бачаҳо ғалоғулакунон чормағз меафшонданд.

Занак бо меҳмони нохондааш пурсу пос мекарду худ аз гирди зардолуи тари рӯи бӯрё барои хушконидан чидашуда гунҷишку мусичаҳоро меронд; забонаш ба гуфтор буду хаёлаш ба чизи дигар: «Писари Ревахшиён ба чӣ кор омада бошад?»

Виркан баногоҳ гуфт:

– Ин камак савғотиро бигиру аз имрӯз маро фарзанд бигӯ, хола, – вай ба хӯрҷини дар лаби суфа гузоштааш, ки онро гурба аллакай коҳилона бӯ карда истода буд, ишора намуд.

Ҷомашӯйзанак табассумаш дар чеҳрааш ях басту нигоҳи суоломезаш дар рӯи Виркан дӯхта гардид: «Фарзанд бигӯ?» Яъне чӣ? Вале дар лаҳзаи дигар Наниманчаи ҳомила ба пеши назараш омаду гумони ҳаяҷонангезе хотирашро мушаввaш кард: «Наход, ки сабабгори ҳамин Виркан бошад?..»

Ҷавон хандида боз гуфт:

– Духтаратро бихон, хола.

Аммо аз занак пештар худи Виркан ба духтарак овоз дод:

– Баро, Наниманча, ман пеши ту омадам. Касон дуи моро ба ҳам пайвастан нахостанд, худоён пайвастанд.Ту барои ман паҳлавонписаре хоҳӣ овард.

Ваҳ чи суруре аз ин суханон бар синаи Наниманча роҳ ёфт, чӣ рӯшноие ба дилаш тофт! Вай гӯё аз ғайб овози фариштаи Сурушро шунид, ки аз толеи фирӯз ва истиқболи рахшонаш башорат медод. Дилшикастагӣ, тарсу бадномӣ, ғами бекасӣ ва бепаноҳӣ, ки вақтҳои охир пас аз маълум шудани обистаниаш ҷони ӯро дар шиканҷа андохта буданд, ба як бор нопадид гаштанд. Вай даст ба шиками як қадар баромадааш, – хаёлан ба китфи кӯдаки ҳанӯз ба олам наёмадааш ниҳода, хушбахт ва ризоманд, ҳамчун касе, ки ғарқи орзуи ширине шуда бошад, бо чашмони намгирифта ба дуродур менигарист ва девори хона ҳам гӯё ба дидани ӯ дуродурро монеъ намешуд. Агар ин дам назари Виркан ба вай меғалтид, чӣ малоҳати дилрабое дар вай медид ва шояд ба худ мегуфт, ки арӯсаш воқеан зебост, нозанин аст. Алҳақ шодию хушбахтӣ ҳатто безеброзебо ва пирро барно мегардонад.

Фақат Виркан дар ҷавоби даъваташ аз кулба чунин овозе шунид:

– Намебароям! Бирав!

Аммо ин овози ноз буд, на қаҳр. Виркан хандиду боз гуфт:

– Хуб, барову худатро ба ман бинамой, баъд меравам.

Модар ҳам , ки акнун гумоштаи хирааш ба яқини равшан табдил ёфта буд, духтарашро садо кард:

– Баро! Аз кӣ шарм медорӣ? Он вақт ки ба ин ҷавон хилват мекардӣ, шарм намедоштӣ ва акнун медорӣ? Баро зудтар, беҳаё, меҳмонро пазирой кун! – гуфт, лекин худаш даҳонашро бо нӯги остинаш пӯшонда табассум мекард: гуфтораш ба шунидан сарзаниш буд ва ба фаҳмидан навозиш.

Баъди андак фурсат Наниманча аз дари кулба намоён шуд: рӯяшро бо оринҷаш панаҳ карда буд, паҳлӯнокӣ дар дами дар истод. Виркан ба наздаш рафти, оҳиста даст ба китфаш гузошт, арӯс китф ҷунбонда дасти ӯро дур кард; домод дар ҳоле ки лабханд мекард, овозашро қасдан дурушттар намуда гуфт:

– Ба ман нигар, духтар! Тезтар ана он титавҳоро пат бикан ва кабоб бикун, ки ман гуруснаам.

Наниманча ҳам акнун хандида, сурх шуда як нигоҳи шармзадаи гурезон ба рӯи Виркан афканду бо ҷадал сӯи суфа равон шуд...

## МУРОД ВА НОМУРОДӢ

### 11

Дертар Вирканро мастии ҷавонӣ ва ғурури паҳлавонӣ ба васвасаи зӯрозмоӣ бо паҳлавони Суғд андохт. Ба ин вайро ёру ошноҳо низ якзайл тарғиб мекарданд: Ту ба ин китфу ёл, бо ин зӯри паҳлавонӣ, ки дорӣ, ғолиб мебарой. Нахустпаҳлавонӣ ҳақи туст». Ҳатто мегуфтанд, ки агар вай аз хариди лавозимоти набард – сипар, кулоҳу ҷавшан андеша дошта бошад, онҳо тайёранд ин чизҳоро худашон шарикона барояш бихаранд.

Виркан ҷазм кард.

Расми суғдиён буд, ки ҳар сол рӯзи якуми моҳи Навсард, ки сари соли суғдӣ – Наврӯз буд ва оғози тобистон ҳисоб меёфт, нахустпаҳлавони Суғд муқаррар мегардид, бо ин тариқ ки он рӯз барои паҳлавон суфраи таому шароб густрурда мешуд, ҳар ки аз он таом ва шароб хӯраду нӯшад, бо ҳамин худро рақиби паҳлавон эълон карда ӯро ба майдони мубориза мехонд. Агар дар майдон бар вай ғолиб ояд, худаш паҳлавони якуми Суғд мешуд. Ва ҳам мағлуб ба дасти ғолиб кушта мегардид.

Боре Виркан аз бозори Самарқанд ба Ревдод баргашта уштурони аз бори ангишт холишударо дар дашт раҳо карду ба ҳавлиашон омада падарашро дар боғчаашон машғули токбурӣ ёфт. Дуяшон дар лаби ҷӯй барои дамгирӣ нишастанд.

Виркан гуфт:

– Падар, Наврӯз наздик аст.

– Наздик, – тасдиқ кард пирамард ва пурсид. – Чаро ту ёди Наврӯз кардӣ?

– Ман бо Ёдхишетак набард кардан мехоҳам.

Ёдхишетак номи паҳлавони Суғд буд. Ревахшиён ҳайрон шуд, бо диққат ба писараш нигаристу гуфт:

– Туро чӣ шуд? Магар дар кони ангишт бо шимну[1] дучор шудӣ ва ӯ туро гумроҳ кард?

– Не, падар, шимнуро ман надидам. Даме ки ин хаёл дар ман пайдо шуд, дилам ба худоёни бузургамон Зарвон, Бағ, Митра буд, ин хаёлро ба дили ман онҳо андохтанд.

– Охир ба Ёдхишетак агар даст наёбӣ, кушта мешавӣ? Чӣ магар аз ҷонат сер шудӣ?

– Хоҳу махоҳ рӯзе ҷон маро тарк мекунад, пас чӣ фарқ дорад, ки андак пештар ё андак дертар. Аммо агар худоён маро мададгор шаванду бар паҳлавони Суғд даст ёбам, ҳароина сарафрозӣ ёфтаам.

– Ба занат гуфтӣ?

---

[1] Шимну бо суғдӣ дев, аҳриман, иблис.

– Ҳанӯз не. Вай албатта, розӣ намешавад, мешӯрад. Даст задани маро ба ҳеҷ як коре, ки андак хатаре дар вай бошад, намехоҳад.

– Зеро ҳар хатаре, ки бар сари ту ояд, ба сари вай фарзанди ояндаи шумоён ҳам омадааст.

– Агар ту маро манъ накунӣ, ман ба Наниманча мегӯям, ки падарам ин корро раво донист ва иҷозатам дод.

Ревахшиён ба сукут рафт ва сипас гуфт:

– Ман туро аз оқибати ин кор огоҳ кардам. Ту кӯдак нестӣ, марди рашид ва ҳушмандӣ, худат хуб биёндеш. Аммо агар ба набарди Ёдхишетак ҷазм кунӣ, аввал ба вағн[1] бирав, назр бикун, аз мағупат[2] дуо бигир.

Худи Ревахшиён бе он ки аввал ба парастишгоҳ биравад, ба ҳеҷ кори муҳим иқдом намекард, марди солеҳ ва тақводоре буд. Дар ризоияти ӯ ба набарди писараш бо паҳлавони Суғд низ сухани Виркан, ки гуфт ин хаёлро худоён ба дили вай андохтаанд, бетаъсир набуд...

## 12

Дар ду хонаи айвон дар миён Виркан бо занаш ва модарарӯсаш мезистанд. Ревахшиён рахти пирии худро ба қазноқ кашида буд, қазноқро аз ашёи кӯҳна холӣ ва андова карда буданд. Бо пайдо шудани ду зан рӯзгори хона, зисту зиндагӣ дар вай низом гирифта буд. Даруну берун доим рӯфтаю чида, хонаҳо озода, ҳар рӯз дар сари вақт оташдон гарм ва деғ ҷӯшон, пӯшокҳо покиза. Ин ҳама аз кӯшишу ғайрати кадбонуи ҷавон ва модари ӯ буд. Аҳли хонавода бо ҳам меҳрубон буданд. Наниманча зани маҳбуба буд ва худаш ҳам шавҳарашро аз ҷон дӯст медошт. Гӯё саодат ва саломат ҳамъинон буд. Фақат як чиз ҳамчун пораи абре дар рӯзи равшани офтобӣ соягустари хотир шуда буд: тарси мӯҳтоҷӣ. Аз ду шутур яке барои тӯи арӯсӣ ба фурӯш рафт

---

[1] Вағн – парастишгоҳ, оташкада.
[2] Мағупат – мурғи калон, нигаҳдорандаи оташи муқаддас.

ва нисфи пасандози ангиштфурӯшӣ ҳам харҷ шуд (нисфи дигари онро Виркан ба рӯзи мабодо нигоҳ медошт). Ҳосили ним ҷуфт замин ва ҳамин миқдор боғ то нимаи зимистон ҳам намерасид. Ангишткашӣ бо як уштур суди казоӣ надошт. Виркан ин шуғлро тарк кард; шикор ҳам камтар (зеро ба ҷои падари пир хоҳу нохоҳ, дар замину боғ кор кардан лозим буд) ва аммо хароҷоти оила бештар шуда буд. Дасти беамони нодорӣ, мӯҳтоҷӣ дари ин хонаводаро мекӯфт.Мақсади ниҳонии Виркан аз набарди паҳлавони Суғд рафъи ҳамин мӯҳтоҷӣ буд. Зафар бар Ёдхишетак ӯро паҳлавони лашкари подшоҳ хоҳад кард ва ин мансаб ба вай ном, иззат, дороӣ хоҳад овард.

Виркан ба Наниманча, ки нияти пурхатари шавҳарашро ҳеҷ намеписандид, ба таври нимҳазлу нимҷидӣ манзараи ҳаёти ба ҷоҳу ҷалолеро тасвир мекард:

– Ту ҳариру дебо хоҳӣ пӯшид, барракабоб бо шароби ноб хоҳӣ хӯрд. Ба меҳмонӣ равӣ, ё ки ба гармоба равӣ, дар тахти равон хоҳӣ рафт. Дар кӯчаҳо мардумон тахти равони туро аз дур дида хоҳанд гуфт: Ана Наниманчабону, зани нахустпаҳлавони Суғд, ба дарбор, ё ба ҷашн, ё ба гармоба равон аст.

Не, Наниманча ба ин афсонаю афсун фирефта намешавад.

– Магӯ, Виркан! – ҷавоб медод ӯ. – Ман хоҳони ҳариру дебо нестам, кабобу шароб ҳам дар гӯр шавад; ман бо ту ба нони ҷавину оби ҷӯш серам. Зорӣ мекунам, азизам, аз ин хаёлоти хом даргузар ва худатро, маро, фарзанди ояндаамонро дар хатар наандоз.

Виркан аз изҳори нияти худ ба занаш пушаймон шуд. «Чаро гуфтам? – надомат мекард ӯ. – Гуфтан лозим набуд. Зан аз чор девори ҳавлӣ берунро намебинад, аз кори дунё бехабар аст, дили мардро намедонад. Лекин ман, – мегуфт ӯ ба худ, – ман мардам, набояд аз гапи зан ба нияте, ки худоён ба дилам андохтаанд, баргардам».

Боре вай ба Самарқанд рафта, аз он ҷо бо сипар, ҷавшан

ва кулоҳи мисин баргашт. Маълум шуд, ки уштурро фурӯхта ба пули он пасандози ангиштфурӯширо зам карда ин анҷомро харидааст. Наниманча аз зорию илтиҷои беҳудааш маъюс шуд, гирист. Аммо акнун ӯро ба ҷуз тан аз қазо додану дуои ҷони шавҳарашро кардан ва ҳаросу ларзон оқибати корро нигарон шудан чора набуд.

## 13

Ризояти падар ҳосил шуда буд, акнун Виркани зардуштимазҳаб буғзолаеро барои назр кашола карда паи ризояти худоён ба оташкадаи Самарқанд рафт.

Чун аз дарвозаи баландтоқ вориди саҳни васеи парастишгоҳ шуд, дид, ки мағупати сафедриши мӯдароз ва сарупобараҳна пеши оташхонаи тиллокорӣ дар айвони дарози мунаққаш ва мусаввар, ки ба ҳашт сутуни кандакории нафис қарор гирифта буд, нишастааст. Вай донандаи китоби муқаддаси «Авесто» ва нигоҳдорандаи оташи абадӣ буд. Ба эътиқоди зардуштиёни оташпарасти Суғд ин оташро ҳазор сол пеш писари Сиёвуш барафрӯхта будааст, онҳо дар қатори худоёни бисёри худ Сиёвушро ҳам мепарастиданд ва рӯзи марги ӯро, ки дар моҳи ҳафтуми суғдӣ воқеъ шуда будааст, мотам гирифта, сиёҳ пӯшида, побараҳнаву гирёну синазанон мегаштанд. Мағупат нишаста буду китоби дуоҳои зардуштӣ «Офарингон»-и дар варақҳои чармин навишташударо мехонд. Виркан бузғоларо ба муғбачаи хизматгор супурд ва мӯкиашро кашида ба айвон баромаду аввал сӯи оташхона саҷда кард ва сипас назди мағупат зону зада, дасти ӯро гирифта бӯсиду гуфт:

– Эй донои доноён, донандаи ошкору ниҳон, воқифи асрори замину осмон, барои ман аз худоён неру бихоҳ, ки нияти набард кардан дорам.

Мағупат пурсид:

– Ту кистӣ?

– Виркан писари Ревахшиёни ревдодӣ, – ҷавоб дод ӯ.

– Магар туро душмане пеш омадааст?

– Не, бо Ёдхишетаки паҳлавони Суғд набард мекунам.

Мағупат чашмони хираи мижгонрехтаашро калонтар кушода ба андоми гӯянда нигарист, лекин дар вай чандон нишони паҳлавонӣ надид: на китфу бозуи сутург, на синаи чун сипар дамида, на гардани ғафси пуррагу пай. Виркан ҷавонмарди қадаш аз миёна болотар, шонафарохи миёнборик ва хушпайкар буд. Фақат дастҳояш, панҷаҳои дурушти шахшӯлаш, ки ҳоло ба рӯи зонувонаш ёзида буданд, аз нерӯмандии ӯ хабаре медоданд: чунин менамуд, ки он панҷаҳо ниҳоят сахтчанголанд ва ҳар чиро қапанд, чун анбӯри оҳанин меқапанд. Ва инчунин нигоҳи зираконаи чашмони калони мешии ӯ як навъ гувоҳи шуҷоати ниҳониаш буд.

– Агар ба Ёдхишетак даст ёбам, ба вағн ду сар гӯсфанд бахшиш меорам, – ваъда дод Виркан.

Мағупат бо овози хиррӣ дуое аз дуоҳои зардуштиро хонда ба ҷавонпаҳлавони номҷӯй дар набарди хатарноки ӯ зафар талабид:

– Эй подшоҳи худоён Зарвон, аё Митра, аё Бағ, шумоёнро мепарастем, бандаи худатон Виркани Ревахшиёнро мададгор бошед, бар неруи тану ҷонаш бияфзоед ва дар разму набардҳо забардасташ бикунед...

## 14

Дар Суғд ҳеҷ кас аз маросимҳои бисёри суғдиён бо чунин фарохӣ, шукӯҳ ва хуррамии тамоми халқ ҷашн гирифта намешуд, чунон ки Наврӯз гирифта мешуд. Марду занҳо, бачаҳо либосҳои рангоранги идона пӯшида ба сайри саҳроҳо, боғу бӯстонҳо мебаромаданд ва ба шарафи вуҷуди тобистони файзбор таронаҳо мехонданд, бозиҳои гуногун барпо менамуданд. Меҳмондориҳо, зиёфатҳои ҳамдигарӣ авҷ мегирифтанд.

Ин ҷашн аз ҳама бошукӯҳтару хуррамтар дар сайргоҳи беруни шаҳр баргузор мешуд: дар он ҷо созанда ва сарояндагон, қавволон, раққосон, шаъбадабозон издиҳоми халқро

дилхуш месохтанд. Ҷавонон гӯштигирӣ, чавгонбозӣ мекарданд, пойга метохтанд.

Дар сояи садаи калон, рӯи тахтасуфаи баланд барои нахустпаҳлавони Суғд хони алвон густурда, дар лаълиҳои биринҷӣ нон, гӯшти пухта, кӯзаи шароб гузошта шуда буд. Дар сари хон касе набуд, худи паҳлавон дар як канори сайргоҳ бо саворони ишхид[1] саргарми чавгонбозӣ буд.

Саворе, ҷомаи абрешимини сабзу гулобӣ дар бар ва камарбанди нуқра дар камар, аспи саманди қашқаашро тунд ронда омаду дар пеши тахтасуфа пиёда шуд. Аспро набаст, ҷилавашро раҳо кард: ҷонварро ба нобаста истодан дар наздики соҳибаш одат кунонда буд.

Аҳли ҷашн Виркани ревдодиро, ки дар маъракаҳо на як бору ду бор дида буданд, шинохтанд ва зуд ба вай гирд омада буданд, ки пиёда шудани ӯ дар наздики хони зиёфати паҳлавони Суғд бесабаб нест. Виркан даст бар сина ниҳода ба гирду пеш сӯи марду занҳо салом кард ва ба болои тахтасуфа баромада нишасту аввал аз кӯза ба ҷоми калони сафолин шаробро пур рехта покиза дам кашид ва сипас нон ва гӯштро бо луқмаҳои калон-калон хӯрдан гирифт. Табъаш чоқ, чеҳрааш хандон буд. Аз издиҳоми мардумон ғалоғула, нидоҳои таҳсину тасанно баланд шуданд:

– Офарин, Виркани далер!

– Ҳамоварди Ёдхишетак танҳо туӣ!

– Ту ӯро мағлуб мекунӣ!

– Худоён паҳлавонии Суғдро ба ту фармудаанд!...

... Инак дар майдони машқи сарбозон Ёдхишетаки паҳлавони паҳлавонон ва Виркани ҷӯяндаи ин номи фохира аз ду ҷониб баромаданду шутурмурғвор ҷаҳида-ҷаҳида, дастҳояшонро чун боли уқоб афшонда-афшонда ба истиқболи якдигар равон шуданд.

Дар миёнҷои майдон ба якдигар расида ду даст ба ду даст гирифтаанду як-як китф ба китф расонда вохӯрӣ карданд.

---

[1] Ишхид – лақаби подшоҳи Суғди Самарқанд.

Ҳар ду то миён бараҳна, мӯи сари ҳар ду то буни гардан фуромада ва бо чанбараки нафиси симин баста. Ёдхишетак бузургпайкар, сари синаву китфони тавонояш пурмӯй, қадаш аз ҳариф ним сар баландтар.

Виркан нисбат ба ӯ бориктар, мушакҳои бозувонаш ва ду паҳлуяш арғамчинвор печида ва ҷаста.

Дар гирдогирди майдон тамошобинон – мардумони шаҳр, сарбозон, аъёну ашроф, дарбориёни ишхид давра гирифтаанд. Дар ҷои баланд ишхиди зарринкулоҳу камар, риши кӯтоҳу сиёҳи наълшаклаш ба гирди чеҳрааш аз чакка то чакка нимҳалқа зада, дар иҳотаи дарбориёни худ ба тахт нишаста буд. Офтоби пагоҳонӣ тобон, карнайҳо, таблу нағораҳо пурсадо.

Паҳлавонон гарми гӯштингирӣ. Гоҳ аз дӯшу миёни якдигар гирифта фурсате оромона алвонҷ мехӯранд ва гоҳе тундутез гардида, ҳамдигарро бардошта заданӣ мешаванд. Зӯр ба тарафи Ёдхишетак буд. Вай ҳарифро бо вазни филонаи худ пахш карданӣ мешуд ё ки сабук ба дӯш, ба паҳлӯ, ба болои сар мебардошту меандохт, лекин Виркани чобук ҳар бор ба по меафтид ва намеғалтид, балки худи паҳлавонро зер карданӣ мешуд. Вай ҳам се бор поҳои Ёдхишетакро аз замин канда бо тамоми қувваташ ӯро чаппагардон карданӣ шуд, лекин поҳои оҳанини Ёдхишетак ҳеҷ қат намешуданд ва ҳар бор сутун шуда соҳибашонро аз ғалтидан нигоҳ медоштанд.

Ҳар дам ҳаёҳу ва ғулғулаи издиҳоми тамошобинон бонги таблу карнайҳоро пахш мекард.

Паҳлавонон қариб ду соат гӯштин гирифтанд, аммо зафар ба ҳеҷ тараф даст надод.

Он гоҳ ишхид амр кард, ки бас кунанд ва баъд аз пешин савора гӯштӣ гиранд.

Аммо гӯштигирии савора ҳам, бо вуҷуди он ки хеле тӯл кашид, натиҷа надод, саворон якдигарро аз зин канда натавонистанд. Ишхид дилтанг шуда маъракаро баст ва фармуд, ки паҳлавонон рӯзи дигар бо найза набард кунанд.

## 15

Дар бозгашт ба шаҳр Ёдхишетак аз ақиби ихшид дар сари саворони вай мерафт. Ихшид дар нисфи роҳ ӯро ба назди худ хонд. Ёдхишетак шитобон рафта дар наздики вай аз асп фуромаданӣ шуд (дар пешгоҳи подшоҳ савора ҳозир шудан мамнӯъ буд), лекин ихшид ишора кард – иҷозат дод, ки савора ояд. Паҳлавон чанде дар паҳлӯи вай асп ронд. Ихшид пурсид:

– Ҳарифатро чӣ гуна ёфтӣ?

– Ҳарифи шоистаест, шоҳам,– ҷавоб дод Ёдхишетак. – Бо неру шерро монад, ба тезчангӣ палангро ва ба чобукӣ гурбаро.

– Ту аз ӯ бим дорӣ?

– На, шоҳам, ғуломи шоҳам умедвор аст, ки бо мадади худоён ва меҳрубонии шоҳи бузург фардо бар вай зафар ёбад.

– Аммо чунин умедро ӯ ҳам дорад?

– Оре, лекин ғуломи шоҳам гумон намекунад, ки умеди Виркан бо дилпурӣ бошад.

– Пас ту бо дили пур умедворӣ?

– Охир, ғуломи шоҳам бо мадади худоён ва меҳрубонии шоҳи бузург дар се соли гузашта се навбат бар рақибон зафар ёфт, пас чаро бо дилпурӣ умедвор набошад, ки ин навбат ҳам худоён ва шоҳи бузург ба вай меҳрубон ва мададгор хоҳанд буд?

– Мо хоҳони зафари туем, аммо… ҳайф аст, ки ҷавонпаҳлавоне чун Виркан кушта гардад.

– Савганд ба Зарвони бузург, ки инро ғуломи шоҳам низ намехоҳад ва агар шоҳи бузург нафармояд, ғуломи шоҳам ӯро намекушад, аммо ғуломи шоҳам чӣ кунад, ки ин расмро пешиниён ниҳодаанд…

Оре, паҳлавони номдори найзаву шамшеру каманду камон Ёдхишетак ба зафар ёфтани худ дар набарди фардо дилаш пур буд.

Пас Виркан чӣ?

Виркан ба шубҳа афтода буд.

Ёдхишетак аз гумони ӯ пурзӯртар, пурҳунартар баромад. Дар гӯштии савора Виркан қариб буд, ки мағлуб шавад.

Дар хонаашон вай парешонхотир менамуд, кам гап буд. Ревахшиён, ки дар маърака ҳозир ва гӯштигирии писарашро бо дили тапон назора карда буд, ба андешаи Виркан пай бурд ва гуфт:

– Бешак, Ёдхишетак аз ту пурзӯртар аст, аммо назар ба ту тезтар монда мешавад. Ту аз вай ҷавонтар, чобуктар ва ҳам пурбардошттарӣ; ба гумонам, агар ту тавонӣ, ки набардро кашол дода ӯро монда кунӣ, шояд ба ӯ даст ёбӣ.

Аммо ин маслиҳати падар хотири Вирканро осуда накард. Вай шабҳангом боз ба зиёрати оташкада рафта аз мағупат дуою фотиҳа гирифт…

## 16

Пагоҳӣ роҳи аз шаҳр то майдони машқи сарбоз беш аз пеш сертараддуд буд. Тӯда-тӯда пиёдаҳо, аспакиҳо, харакиҳо ба он сӯ мешитофтанд.Ихшид бо мушояати дарбориён ва чокаронаш низ дар он ҷо ҳозир гашт.

Ёдхишетак савори аспи гарданфарози йӯрғаи ҷиран, Виркан савори саманди қашқаи худ ба майдон даромаданд. Ҳар ду бо ҷиҳозу аслиҳаи ҷанговарон: найза, зиреҳ, сипар, кулаҳхӯди мисини рӯпӯшакдор муҷаҳҳазу мусаллаҳ.

Бо ишораи ихшид гулбонги дуҳулу наъраи карнайҳо оғози набардро эълон кард.

Паҳлавонон аз ду ҷониби майдон аспони шиҳакаши беқарорро бо чорхези пурҳайбате андохта, найзаҳоро ба пеш рост карда ба муқобили якдигар тохтанд.

Пайконҳои пӯлодини найзаҳо яке ба сипари Ёдхишетак ва аз они ӯ ба зиреҳи Виркан дар ғояти тундӣ кӯфта шуданд, аммо нахалиданд, ғеҷиданд, аспони ҷангии ба ҳам бархӯрда шиҳаи пурғулғулае кашида ду пои пеш барафроштанд, гузаштанд, рафтанд.

Издиҳоми халқ аз ҳаяҷони қалбӣ дам ба дарун кашида, садое намебаровард.Имрӯз ин набард бояд ба ҳалокати яке аз паҳлавонон анҷомад.

Ҳамлаҳо, мусодамаҳои шадиду қаттол дувоздаҳ карат такрор ёфтанд. Найзаи ҳамлаовар гоҳ бо зарби найзаи муқобил гардонда мешуд, гоҳ ба сипару зиреҳ ё кӯҳаи зин бармехӯрд, гоҳо ҳариф дар лаҳзаи хатар зуд ба ин ё он паҳлӯ хамида пайкони ҷоншикорро чапғалат медод.

Дар карати ёздаҳум найзаи Виркан аз зарби силоҳи рақиб шикаст, Ёдхишетак ҳамон лаҳза бо тамоми қувваташ ба зери шиками зиреҳпӯши Виркан найза зада ӯро аз болои зин чаппагардон кард.

Ғиреве аз издиҳоми халқ бархост. Фарёди ҷигархароши марде баланд гардид.

– Вой писарам!Ҷавонмарг шудӣ! Э вой хок бар сарам!

Ревахшиён ду дасти мусибат ба сар мезаду менолид.

Виркани латхӯрдаву дар замин ёзида ҳаракати бархостан кард, лекин Ёдхишетаки савор найзаашро ба синаи ӯ фишурда ӯро ҷунбидан намемонд.

Ғолиб дар ҳамин ҳолат сӯи ихшид таъзим кард.

Ихшид бояд ба вай бо ишора иҷозати куштан диҳад ва он гоҳ паҳлавон найзаашро ба гулӯи мағлуб халонда ӯро хоҳад кушт.

Аммо ихшид даранг мекард,– шояд дилаш ба Виркан месӯхт.

**17**

Дар ҳамин лаҳза як марди фарбеҳҷуссаи паҳнриши ҷомадароз аз байни издиҳом шитобон пеш баромада сӯи ихшид таъзим кард ва бо овози баланд гуфт:

– Зиндагонии подшоҳи бузург дароз бод, ман хуни Вирканро харидам!

Гӯянда бозаргони машҳури бухороӣ Нӯфарн буд, ки бо кори бозаргонии худ ба Самарқанд омада буд. Маънии хитоби Нӯфарн ин буд, ки: агар Ёдхишетак розӣ шавад, ман

Вирканро аз вай ба ғуломӣ мехарам. Мағлуби набард асири ғолиб ҳисоб меёбад, ғолиб одатан ӯро мекушад, аммо агар подшоҳ иҷозаташ диҳаду харидор пайдо шавад, метавонад накушаду фурӯшад.

Агарчӣ Виркан мағлуб шуд, Нӯфарн паҳлавониву диловарии ӯро дар майдон дида тан дода буд. Бо бозаргони давлатманде чун ӯ барои муҳофизати корвонҳояш дар роҳҳои пурхатари машриқу мағриб ҳамин гуна чокири далер даркор буд.

Виркан ба Ёдхишетак хитоб мекард, ки:

– Бикуш маро! Ба фурӯхтан розӣ нестам, зудтар бикуш!

Ёдхишетаки зотан нармгуфтор ва хушмуомила ба вай ҷавоб медод, ки:

– Худат медонӣ, додар, ризоияти асирро намепурсанд. Баъд, инак ихшид ишора кард, ки туро фурӯшам. Хайрият! Аз рехтани хуни ту халос шудам. Ту зинда мемонӣ, Виркани далер!

Вай баҳои Вирканро чаҳорсад дирам кард. Мардумон ҳайрон монданд: охир, ин – баҳои як нафар ғуломи оддист. Ёдхишетак метавонист асири паҳлавонашро ақаллан ду баробар зиёд баҳо кунад.

– Паҳлавони Суғд кӯдаквор содда аст, – мегуфтанд мардумон.

Асп, сипар, ҷавшану кулоҳи Виркан ҳам азони Ёдхишетак шуданд. Бозаргон аспро аз вай ҳамчунин ба чорсад дирам харид.

Никоҳи Виркану Наниманча бекор шуд, зеро дар паймони заношӯӣ, ки ба расми суғдиён домоду арӯс бо ҳам дар пеши қозӣ мебастанд, гуфта шуда буд, ки агар яке аз тарафайн ба асорат ё ғуломӣ афтад, тарафи дигар аз қайди никоҳ озод шумурда мешавад.

Бозаргон ғуломи зархаридашро бо ҳамроҳии падари дилрешу дилафгори вай ба манзили худ – ба меҳмонхонаи ошнои самарқандиаш бурд.

Бо падару писар гуфтори нарм дошт, меҳрубонвор муомила мекард.

Ревахшиён аз вай иҷозат хост, ки Виркан ба Ревдод рафта бо занаш хайрбод кунад.

– Албатта,– гуфт бозаргон. – Худам ҳам дар ин фикр будам. Бо падарат бирав Виркан, то фардо ба ту рухсат. Фардо ба ҳамин ҷо биё, пасфардо сафар дар пеш аст.

Вақте ки падару писар ба Ревдод расиданд, посе аз шаб гузашта буд.

Он шаб ҳавлии онҳо мотамсаро гардид…

Ба зинда чун мурда гӯё азо медоштанд. Модару духтар навҳа андохтанд. Наниманча рӯю мӯйканон бехудона фиғон мекард. Доду фарёдро шунида ҳамсояҳо омаданд. Яке аз занҳо дар ҳоле, ки худ мегирист, Наниманчаро ором карданӣ мешуд:

– Худатро дор, духтарам, дуҷон ҳастӣ, мабод ки ба бачаат зиёне расад.

– Бачаам ба дунё наомада ятим шуд,– менолид ӯ. – Вой Виркан! Вой мани тирабахти ноком!

Виркан бо ду даст сарашро фишурда дар кунҷи айвон нишаста буду ба худ орзуи марги муфоҷот мекард. Пушаймонӣ аз кардаи худ, пушаймонии дардноктар аз захми теғи ба ҷигар халида вуҷуди ӯро месӯзонд. Дар дилаш зор-зор аз Ёдхишетак шиква мекард, ки чаро ӯро накушт. Дидани ин фоҷиаи тоқатфарсо, ки бо гуноҳи ӯ ба сари хонавода омадааст, барояш аз марг бадтар буд. Чӣ бояд кард? Фикри гурехтан, пинҳон шуданро вай аз сараш дур меронд. Ба куҷо гурезад? Ғуломи гуреза дар ҳеҷ ҷо паноҳ намеёбад, ӯро мекобанд, мегиранд. Занаш ва падараш дар банд меафтанд. Худи ихшид ӯро дастгир хоҳад кард,– охир ихшид ба накуштану фурӯхтани мағлубшудаи набард фармони муфт намедиҳад, албатта аз Нӯфарн «музд»-и фармонашро рӯёндааст.

Мӯсафеди деҳа Ревахшиёни мусибатзадаро таскин медод:

– Шикебо[1] бош, додар, сабукии гаронихо, осонии мушкилхо аз шикебоист. Сипос бигӯ, ки писарат зинда монд, чун ӯ аз меҳрубонии яздон зинда монд, яздони пок пас аз ин ҳам ӯро аз меҳраш бебаҳра нахоҳад гузошт. Писарат то равон[2] дар бадан дорад, умеди халосиаш ҳаст.

Пагоҳӣ Ревахшиён, Наниманча ва модараш Вирканро то сари роҳи Самарқанд гусел карданд. Монанди азодорон навҳа мекарданд, айнан монанди азодороне, ки ҷигарбандашонро ба роҳи охирин мегуселонанд.

Дар кӯчаи деҳа ба онҳо як тӯда мардон, занон ва бачагон ҳамроҳ шуданд. Аксари онҳо низ мегиристанд. Виркан чеҳрааш тирагун гашта буд, хомӯшона қадам мезад.

Падараш, занаш, модарарӯсаш ӯро охирин бор оғӯш карданд, фиғон карданд, видоъ гуфтанд, ашки аламу ҳасрат рехтанд.

Чун вай ба раҳи калон афтод, Наниманча худро ба замин партофт, дар хок ҷӯлид, ду даст ба қафои шавҳараш ёзонда фарёд зад:

– Виркан! Бидон, ки шавҳари аввалу охирам туӣ!... Аввалу охир!... Аввалу охир!!!..

Баъди ду рӯз бозаргони бухороӣ Виркани нокому номуродро ба ватани худ гирифта бурд.

Дар он ҷо вай Вирканро саиси калон – сари саисони худ таъин кард.

## 18

Наниманчаи мусибатзада, азбаски дигар зани Виркан ва келини Ревахшиён ҳисоб намеёфт, гирёну нолон, дар қадаш кӯдаки панҷмоҳа, бо модараш ба кулбаи пешинаашон кӯчиданд.

Ревахшиён дар хона танҳо монд. Акнун вай, агар тавонад, мебоист ба бекасӣ одат мекард.

---

[1] Шикебо–басабр.
[2] Равон–ҷон.

Рӯзе чанд гузашт, як бегоҳ дар ҳавлии ғарибонаи Ревахшиён нохост Ёдхишетак пайдо гардид.

Ревахшиён дар зери толори баланди ток рӯи суфа бедор хобида буд. Вай ба саломи паҳлавон алейк нагирифта, аз бистараш, ки намади кӯҳнапорае буду бас, зеро пирамарди ғамзадаи дилафгор ба ҷогаҳ андохтан ҳам ҳавсалааш намонда буд, барнахост ва меҳмонашро ба нишастан ҳам таклиф накард.

Паҳлавон ба лаби суфа нишаста гуфт:

– Аз ман ранҷиданат беҷост. Гуноҳи ман чист?.. Чаро ту шукр накунӣ, ки ба ҳар ҳол писарат зинда монд?.. Ноумед нашав, шояд вай рӯзе ба ту баргардад. Инак, ман ба ту баҳои ӯро овардам, ин чорсад дирамро бигир. – Гӯянда ҳамёни пулро сӯи Ревахшиён афканд.

Паҳлавон марде бошараф ва поктинат буд.

– Намехоҳам, бубар! – ба паҳлу хобида бо алам гуфт Ревахшиён. – Ба захми дилам намак мапош. Ман фарзандфурӯш нестам.

– Ман бо писарат на бо ихтиёри худам набард кардам, на бо ихтиёри худам фурӯхтамаш, аз ман наранҷ, падар. Пул аз они туст. – Ёдхишетак инро гуфта бархост ва тез-тез қадам монда аз ҳавлӣ бадар рафт.

## МОЛИК ИБН-УР-РАЙБ

### 19

Чанде пеш навкарони ҳокими Мадина бори дуввум аз паи ӯ афтода буданд, лекин ӯро ҳеҷ дошта наметавонистанд.Паланги биёбонӣ ҳилагар буд, дум ба даст намедод.

Падари бодиянишини Молик ибн-ур-Райб ҳам роҳзан буд. Шабҳо баромада дар биёбон роҳи мусофиронро ки мепоид, гоҳо писари навҷавонашро низ ҳамроҳ мегирифт.

Молик пас аз марги падараш касби ӯро маҳкам ба даст гирифт ва равнақ дод.

Чун баъди як ғорату куштори фаҷеъ навкарони ҳокими Мадина ба таъқиби роҳзани қотил баромаданд, Молик ба Ироқ гурехт ва дар Басра пайдо гашт.Амири Ироқ бародари халифа, мустабидтарин ва хунхортарини ҳокимони араб Зиёд бинни Абусуфён буд. Молик ба хизмати ӯ рафт, амир ӯро аввал ҷаллод ва сонияни асас, яъне миршаби Басра таъйин кард.

Боре мардумони Басра бар амиру амалдоронаш шӯрида буданд, ки сарбозони амир шӯришро ғарқи хун карданд ва сипас Зиёд гардиши мардумро баъд аз хуфтан дар кӯю кӯчаҳои шаҳр манъ кард, ба асасҳо фармон дод, ки шаб ҳар киро дар кӯчаҳо ёбанд, бикушанд.

Он гоҳ теғи хунрези Молик ибн-ур-Райб ба ҷавлон омад.

Вай шаб ҳама шаб дар кӯчаҳо одам шикор мекард ва ҳар киро медид, хоҳ мард, хоҳ зан ва хоҳ кӯдак бошад, мекушт.

Дар аввалҳо вай қурбониҳои худро пеш аз куштан калимае чанд «истинтоқ» карда, боиси дар кӯча пайдо шуданашон, аз фармони амир огоҳ будан ё набуданашонро мепурсид, лекин баъди як воқеа онҳоро бе ҳеҷ як пурсиш кушта партофтан гирифт.

Воқеа ин ки вай шабе аз шабе араберо бо ду гӯсфанд дар буни деворе ёфт ва пурсид: Кистӣ ва чаро дар ин ҷо нишастаӣ? Араб гуфт: Аз бодия омада будам, мехостам гӯсфандонамро кушаму фурӯшам, лекин дер расидам, акнун онҳоро нигоҳ медорам, то ки пагоҳ бикушам. Молик бовар кард ва мардакро накушта ба зиндон бурд. Рӯзи дигар ӯро ба пешгаҳи амир ҳозир кард, амир узри он мардро шунида гуфт: Ба суханат бовар кардам, лекин ман дар мамлакат расм ниҳодаам, ки кӯчагардони баъд аз хуфтанро бикушанд, акнун ман туро зинда гузорам, фардо шаб дигаре омада. ҳамчунин баҳонае хоҳад кард ва ин расм табоҳ хоҳад шуд. Ту бегунохӣ, аммо барои табоҳ нашудани расм бояд кушта шавӣ.

Асас ин сухани амирро дар гӯши ҳуш гирифт ва ба сафҳаи хотираш навишт. Вай арабро бо ишораи амир дар

пеши ӯ бо шамшер сар бурид ва ду гӯсфанди ӯро тасарруф кард.Аз он баъд шабе набуд, ки Молик панҷ-шаш марду занро накушад.

Дар фосилаи байни ин кушторҳо вай ба хонаи мардум зер карда медаромад ва мардонро баста ё ки ронда, бо зану духтаронашон зино мекард.

Бо ин ҳама саффокию даррандагии ӯ занҳо ошиқаш мешуданд, зеро ҷавони барною ғаюре ва ба илова қасидагӯй ва сарояндаи хушовозе буд. Зани Зиёд бинни Абусуфён, ки шефтаи Молик буд, баъзе шабҳо дар либоси мардона пинҳонӣ ба манзили ӯ ё дигар ҷои хилвати ваъдагӣ меомад.Боре шабҳангом Молик дар кӯю кӯчаҳо машғули мардумшикорӣ буд, ки марде, аз асас бехабар, фаши дастор бар рӯй кашида, шитобон аз наздики ӯ гузашт. Молик аз паскӯчаи торик барҷасту ӯро хапгир ва бо як зарби ханҷар сарнагун кард. Дастори мақтул аз сараш париду аз зери дастор гесувони дарозаш баромада парешон гашт: вай зан буд, зани барнои амир, маъшуқаи Молик, ки дар либоси мардона шояд ба манзили ошиқи қотилаш мешитофт.

Молик нахустин бор аз куштори бошитобаш пушаймон гашт ва тарсид, аммо тарсаш аз пушаймонӣ бештар буд, вай гурехт.

Пас аз чанде вай, ҳамчун қотиле ки бешуурона ба ҷои ҷинояташ бармегардад, боз дар Ҳиҷоз, дар навоҳии Мадина пайдо гардид. Ва боз як даста duzдону қотилонро ба худ гирд оварда, касби пештараашро ба роҳ андохт.

Қасди ғорати корвони суғдӣ дар биёбони Ҳиҷоз охирин қасди роҳзании Молик буд, ки ба нокомӣ анҷомид.

Дере аз ин воқеа нагузашта, вай дастгир шуд. Аммо ин бор ҳам толеаш ба вай мададгор омад. Сарҳанги ноэҳтиёткори мадинагӣ асири худро ба як нафар навкараш супурд, ки ба зиндон барад ва худаш пеш рафт. Молик дар як манзил аз навкар пинҳонӣ ресмонеро, ки дастҳояш бо он баста шуда буданд, ба тани дарахт молида қариб ба канда шудан расонида буд. Чун боз ба роҳ афтоданд, навкар савор

буд ва асирро пиёда меронд, дар биёбон Молик ба ногоҳ ресмонро канда ва дастҳояшро раҳо карда барҷасту ба қабзи шамшери навкар чанг зад, навкар ниёми онро гирифт, шамшер аз ниём баромада ба дасти Молик даромад. Молик онро ба сари навкар зада ӯро кушт ва аспи ӯро савор шуда, аз ақиби сарҳанг тохт, вайро ҳам ёфта кушт ва гурехт.

Ба Бодият-уш-Шом (биёбони Сурия) гурехт: аз он ҷо боз ба Басра ғалтид ва натарсид, зеро дар ин миён Зиёд бинни Абусуфён аз аморати Ироқ маъзул ва ба ҷои ӯ писараш Убайдулло бинни Зиёд таъйин шуда буд.

Молик дар дарйи Шатт-ул-Араб ба маллоҳии киштии бозаргонии ҳиндӣ киро шуда, муддате дар халиҷи Форс шино кард ва дар охир якчанд маллоҳи дигарро ба худ ёр гирифта, як миқдор зару сим ва ҷавоҳироти бозаргононро дуздида, дар бандари Абӯшер ба хушкӣ–ба замини Форс фуромаду дигар ба киштӣ барнагашт.

Вай дар роҳи байни Абӯшер ва Шероз аз нав ба роҳзанӣ сар кард…

## АМИРИ ҲАЖДАҲУМ

### 20

Саид бинни Усмон, писари халифаи саввум, бо чаҳор зани шаръии худ дар Мадина осуда мезист. Ӯ марди порсое буд, дар байни намозҳои панҷкаратӣ нусхаи қуръони бо дасти падараш навишташударо тиловат мекард.Рӯзҳои сешанбе ва ҷумъа ба сайри зайъаташ – киштзору хурмозорҳояш, ки дар наздикии шаҳр буданду дар онҳо ғуломонаш кор мекарданд, мебаромад, дар бораи рафти корҳо арзи саркоронашро мешунид ва ғуломони мусолиҳакорро таъдиб мекард, яъне ба саркорон фармуда чӯб мезанонд.

Вай аз кашмакашҳои сиёсию мазҳабӣ канора гирифта буд, ба ҷангу ҷидолҳои қурайшиҳо ва умавиҳо, мадиниҳо ва шомиҳо ҳамроҳ намешуд, аз халифа Муовия розӣ буд, зеро

Муовия бо падари Саид хеш буда, бо талаби хуни Усмон бо кушандагони вай ҷангида буд ва ҳам ба авлоди он халифаи шаҳид назари нек дошт.

Лекин замоне омад, ки Муовия пир шуд, дар империяи паҳновари аз Нил то Ҷайҳун доман ёзондаи халифаҳо гуфтугӯ бархост, ки ворисӣ Муовия кӣ мешавад? Наход ки халифаи мӯъминон, муршиди мусулмонони олам писари тундхӯ, шикордӯст ва айёши ӯ Язид бошад?

Он гоҳ ба дили порсои Саид ҳам васваса афтод. «Охир ман,– мегуфт ӯ ба худ,– писари яке аз чаҳор ёри расули худо бошам, на фақат обид, балки муҳаддиси[1] маъруф ва фақеҳи[2] машҳур ҳам бошам, чаро халифа ман нашавам? Валлоҳ, ки ба халифагӣ ман аз Язид муносибтарам. Падарам аз падари Язид ва модарам аз модараш авлотар буданд ва ман аз ӯ авлотарам».

Саид ин суханонро на танҳо ба худаш, балки ба ҷамоати Мадина ҳам гуфта гирифт.

Гуфтори ӯро шамоли бодияҳои Арабистон аз Ҳиҷоз ба Шом бурда ба гӯши Муоия расонд.

Муовия бо вуҷуди ҳеҷ рақибе мадоро намекард, рақибонашро, агарчи хурд ва ночиз ҳам бошанд, бо ҳар воситае, ки аз дасташ меомад, нест мекард. Вай тавонист ҳатто Алии бузург ва тавоноро аз миён бардорад, писари ӯ Ҳасанро ба ҳила бо дасти зани худи ӯ кушонд ва сипас он зани ноқисулақли бевафоро ҳам кушт.Даҳҳо рақибони воқеӣ ва гумонии худро дар хок кард.Акнун вай дар тараддуди он буд, ки дар зиндагии худаш ба писараш Язид аз бузургони мамлакат байат[3] бигирад. Аммо инак ба халифаи оянда дар шахси Саид бинни Усмон рақиби наве пайдо шудааст!

Халифаи пир меандешид, ки бо Саид чӣ бояд кард?

Ӯро аз миён бардоштан душвор набуд, лекин Муовия

---

[1] Муҳаддис-донандаи ҳадисҳо (гуфтаҳо)-и пайғамбар.
[2] Фақеҳ–донандаи қонуни шариат.
[3] Изҳори садоқат, таслим.

намехост бо тамғаи қотили Саид бинни Усмон, разиаллоҳу анҳу[1], ба гӯр равад. Хуни Алӣ бинни Абӯтолиб, Ҳасан бинни Алӣ ва ақрабои онҳо дар гардани ӯ бас аст.

Ӯ чораи дигаре ёфт ва қарор дод, ки Саидро ба пойтахти худ Димишқ даъват кунад.

## 21

Дусад фарсах камобеш масофаи аз Димишқ то Мадинаро қосиди уштурсавори халифа қариб якуним моҳ ва шутури Саид ба ин сӯ ҳамчунин якуним моҳ тай карданд, дар поёни моҳи саввум халифазодаи порсо ба дарбори Муовия ҳозир гардид.

Ба кӯфтагии роҳи дур хотирпарешонии омехта ва ҳаросонӣ зам шуда буд, зеро Саид ба ваҷҳи даъват шудани худ пай бурда буд.

Вақте ки ӯро ба назди халифа даровbooked, пирамарди шикамғафс тани хомфарбеҳашро ба болиштҳо такя дода дар ҳолати муроқаба нишаста буд ва бо чашмони пӯшида тасбеҳ мегардонд, лабонаш тез-тез ҷудоюн пайваст мешуданд – вай оятеро беовоз мехонд. Саид аз пойгаҳ салом кард:

– Ассалом, эй халифаи муслимин.

Муовия чашм накушода дар ҷавобаш саре ҷунбониду ба вай ишорати нишастан кард.

Саид дар рӯбарӯи ӯ зону зад.

Тасбеҳ оҳиста-оҳиста як давр гашт, соҳиби он чашм накушод, аз оятхонии беовоз бознаистод. Саид ӯро дар синни кӯдакии худ дида буд ва чандон ба хотир надошт, шунида буд, ки халифаи умавӣ шахси пурсалобатест, ки салобати ҳамсӯҳбаташро пахш мекунад. Дар воқеъ дастори ниҳоят калон, риши сафеди душоха, абрувони ғафси дарозмӯи дарҳамкашидаи Муовия ба вай салобате мебахшид.Тасбеҳ ба даври дуввум сар кард. Меҳмон дар интизории илтифоти соҳибхона як латифаи оид ба писари вай Абдуллоҳро ба хо-

[1] «Худо аз вай розӣ бошад».

тир оварда, беихтиёр хандид. Латифа воқеӣ буд: Абдуллоҳи ба аблаҳӣ номбароварда рӯзе ҳангоми шикор дар як деҳа ба харосе[1] бармехӯрад ва мебинад, ки ба гардани хар зангӯла бастаанд, аз соҳиби он мепурсад: «Агар харат истода сар ҷунбонидан гирад, ту аз куҷо медонӣ, ки вай гашта истодааст ё не?» Соҳиби харос ба вай чунин ҷавоб медиҳад: «Шукр, ки худои таоло харро чандон хирад надодааст, ки писари амиралмуслиминро додааст».

Муовия баногоҳ чашм кушода пурсид:

– Ба чӣ механдӣ?

Саид пушаймон шуд ва тарсид, лекин тарс ба ҳозирҷавобии ӯ монеъ нашуд:

– Дурӯғ гуфтани баъзе мадинагиҳо ба ёдам омаду хандидам,– ҷавоб дод ӯ,– онҳо маро метарсонданд, ки «Агар ба дорулхилофа равӣ, Муовия туро ба наздаш даромадан замон мекушад», ҳол он ки тасбеҳи амиралмӯъминин ду давра гашт ва ман ҳанӯз зиндаам.

Халифа нахандид, ба рӯи Саид нигоҳ накарда пурсид:

– Ин чӣ суханест, ки аз ту ба мо мегӯянд?

Дили Саид таҳ зад. Вай мефаҳмид, халифа кадом сухани ӯро дар назар дорад, бо вуҷуди ин бо гулӯи аз тарс хушкидаву овози дигаргуншуда суол дод:

– Чӣ мегӯянд?

– Ту гуфтаӣ: «Пас аз Муовия ман ба хилофат аз писари вай сазовортарам».

Саид як нафас сукут кард ва дар аснои ин сукут худро як қадар ба даст гирифта қарор дод, ки мункир нашавад, зеро халифа аздусар ба воситаи шоҳидон метавонад дурӯғи ӯро фош кунад. «Тасдиқ мекунам, ҳар чи бодо бод»– ба дилаш гуфт ӯ ва ҷавоб дод:

– Агар ҳамин тавр гуфта бошам. чӣ шудааст? Ин сухан рост буд ҳақ гуфтаам.

– Мехоҳӣ ҷои маро бигирӣ? – ба қаҳр ва оҳиста боз пур-

[1] Осиёбе, ки онро хар мегардонад.

сид Муовия, лекин Саид дар пурсиши ӯ таҳдиди ниҳонӣ шунид.

– На, мо хилофатро ба таслим кардаем ва бар ту инкоре надорем, ту пас аз худат онро ба писарат Язид хоҳӣ гузошт.

– Пас чаро гуфтаӣ: «Ман аз Язид сазовортарам?»

– Эй халифа, охир ин ҳақиқат аст, наход ки ту инкор кунӣ? Худои ягона шоҳид аст, ки падари ман аз падари Язид, модарам аз модари Язид беҳтар буданд ва… ман…ман аз вай беҳтарам…

Ин бор Муовия сукут кард ва дар поёни сукуташ бори аввал нохост табассум карду бар хилофи интизории Саид гуфт:

– Рост мегӯӣ. Усмон, разиаллоҳу анҳу, беҳ аз ман ва модари ту алҳақ беҳ аз модари Язид буд, зеро зани қурайшӣ ба зоту насаб беҳ аз зани яманист.

Воқеан халифаи ислом чӣ тавр метавонист ба худаш афзалият доштани Усмонро, ки хеш аз ёри пайғамбар буд ва бартарии қабилаи қурайшро, ки пайғамбар аз он қабила баромадааст, инкор кунад?

Пас Муовия ба ҷиддияти аввалааш баргашта боз гуфт:

– Аммо, эй Саид, ин ки мегӯӣ, «ман аз Язид беҳтарам», дили ман ба ин ҳаргиз розӣ намешавад. Савганд ба худо, ки ягонагӣ сифати ӯст, агар аз Ироқ то ин ҷо ки ман нишастаам, ресмоне кашанд, монанди ту касон даст дар он ресмон карда аз он ҷо то ин ҷо қатор шуда бошанд, ман Язидамро аз ҳамаи онҳо дӯсттар дорам.

«Ин аст падар!»– ба дилаш гуфт Саид. – Ин аст меҳри падарӣ! Кошки падари ман маро ҳамин тавр дӯст медошт». Усмонхалифа, ки нӯҳто зан гирифта буд (ва аз инҳо ду зан духтарони пайғамбар буданд), меҳри шавҳариаш аз меҳри падарӣ бар ёздаҳ писару шаш духтараш бештар буд…

– Лекин туро ҳуқуқ бисёр аст,– суханашро давом дод Муовия. – Дил хуш дор, ки Хуросонро ба ту додам.

Саид аз ҳайрату шодӣ даҳонаш во шуда монд. Ба по ҷаста дасти Муовияро бӯсид.

– Эй падари мусулмонони олам, эй муршиди…– Саид мехост бо беҳтарин калимаҳои забони араб бандавор изҳори шукр ва миннатдорӣ намояд, лекин халифа сухани ӯро бурид:

– Аз имрӯз,– гуфт ӯ,– ту амири Хуросонӣ. Фармон ва байрақ бигиру ба некбахтӣ ба он сӯ равон шав. Бошад ки худованд шаҳру қалъаҳоеро, ки дар он диёр ҳанӯз кушода нашудаанд, ё агар кушода шуда бошанд, боз аз даст рафтанд ва Мовароуннаҳрро, ки дар вай ҳанӯз кофирон салтанат доранд, ба дасти ту бикушояд.

– Эй халифаи мӯъминон, ту маро ба кишвардорӣ мефиристӣ ё кишваркушоӣ?

– Ба ҳар ду,– гуфт Муовия ва илова кард:– Ин сӯи Ҷайҳун то Балх кушода шудааст, он сӯ на. Ман Хуросонро чун ба Убайдуллоҳ бинни Зиёд додам, фармуда будам, ки аз Ҷайҳун бугзар ва Суғдро бигир. Вай аз рӯд гузашт, то Бухоро рафт, лекин аз гуфтаи ӯ ба мардумони Суғд ва туркон сахт муқовимат кардаанд, сахт ҷангидаанд.Убайдуллоҳ фақат навоҳии Бухороро ғорат карду баргашт. Ман ӯро аз аморати Хуросон маъзул кардам. Акнун туро мефиристам, то ки ту он кишварро тасхир ва ба мамлакати мо мулҳақ гардонӣ. Мегӯянд, ки Мовароуннаҳр, Суғд хеле сарватманданд. Ба ту нақдина, сипоҳ ва ҳарҷӣ лозим бошад, дода хоҳад шуд…

Ба ҳамин тарз Муовияи ботадбир Саид бинни Усмонро ҳам шод ва ҳам аз сари худ дафъ кард. Ӯ вақте ки шунид Саид худро ба халифагии баъд аз Муовия ҳақдор мешумораду дар сараш савдои салтанат мепазонад, дар ҳаққи вай ҳамин тадбирро андешида буд, яъне бигузор вай ба Хуросони дур биравад ва бо бухорхудоту ихшиди афшинҳо[1] ҷангида ба ғорату яғмои Мовароуннаҳр машғул шавад: агар вай дар он ҷангу ҷидолҳо кушта шавад, хонадони Муовия аз

---

[1] Афшинҳо–лақаби салтанати ҳукмдорони баъзе сарзаминҳои Мовароуннаҳр.

як рақиби худ халос хоҳад шуд ва агар зафар ёбад, боз ҳам фоидаи халифа аст, зеро вилоятҳои нав қаламрави халифа мешаванд ва ҳам хумс – панҷяки ғаниматҳои ҷанг ва дигар дастбурди ғорату яғмо ба хазинаи ӯ медарояд.

Халифа ва ноибони онҳо дар Ироқ (вилояти шарқии фатҳшудаҳо тобеи ноиби ироқии халифа буданд) аз соли 645, ки соли таъин шудани Саид бинни Усмон ба Хуросон аст, яъне дар арзи сӣ сол ҳафдаҳ касро паи ҳам ба аморати он кишвар фиристодаанд.Ҳар кадоми ин амирон ва соҳибмансабони онҳо дар муддати кӯтоҳи ҳукмронии худ аз ҳисоби халкҳои зеридастшуда на фақат хазинаи халифаҳошонро пур мекарданд, балки худашон ҳам аз он сарзамин ниҳоят тавонгар шуда бармегаштанд.

Саид бинни Усмон амири ҳаждаҳум буд.

## 22

Роҳи Саид ба Хуросон аз болои Басра ва Форс (ҷанубии Эрон) афтода буд. Муовия ба волии Басра фармон навишт, ки ба Саид ёрӣ кунад ва чӣ қадаре ки тавонад лашкар, пул ва мол, аслиҳа барояш муҳайё созад.

Саид ин фармон ва парчами амириро гирифта бо мушоияти дусаду чанд нафар моҷароҷӯён, муштоқони молу сарват ва мулозимон ба роҳ афтод.

Чун ба Басра расид, волии Басра фармони халифаро хонда, ба Саид ду миллион дирам лавозимоти сафари ӯро дод ва ҳам амр кард, ки зуд аз тамоми вилоят мардуми силоҳдорро гирд оваранд.

Дар як ҳафта ду ҳазор мардуми бесару сомони ғазоталаб ва омодаи қатлу ғорат ҷамъ омаданд, инчунин волӣ аз зиндонҳо дуздону одамкушонро баровarда ба ихтиёри Саид дод.Ба ин тариқ амири нави Хуросонро сипоҳе иборат аз чор ҳазор сарбоз муҳайё гардид.

Саид бо ин лашкар ба сӯи Форс саворӣ намуд.

Чун ба Шероз расид, волии Шероз аз лашкари ҷаррори Саид тарсида, ҳар чӣ Саид аз вай талаб кард, ҳамаро пази-

руфт ва ҳозир гардонид. Минҷумла зиндонҳои вилоятро холӣ ва бандиҳоро ба ихтиёри Саид вогузор кард.

Сипоҳи амири Хуросон боз ба ду ҳазор «дузду роҳзану каллабур» афзуд.Ин калимаҳоро дар даруни нохунак гирифтани мо аз он сабаб аст, ки гирифторони банду зиндонро арбоби замона ҳамин тавр меномиданд. Ҳол он ки агар ҷинояткорони касбию зотиро истисно кунем, бештарини зиндониён мардуми камбағали аз адои хироҷ саркашида, ё ба хоҷаҳои бемуруввати худ нофармонӣ карда, ё ба ҳукуматдорони ситамгар шӯрида, ё ки ба тӯҳмати нокасон дучор шудагон буданд. Фақат, ҷазои ноҳақ, маҳрумӣ аз мулку мол, хории аҳлу аёл, гирифтории дуру дароз ба азобу шиканҷаи зиндон оқибат шахсияти онҳоро табоҳ, ахлоқашонро фосид гардонида, худашонро ба дараҷаи ёбоигӣ расонида буд. Ба онҳо дигар чӣ мемонад? Дигар ҳар чӣ пеш ояд, барояшон фарқ надошт. Дар бораи зиндониёни Басра ҳам, ки акнун сарбозони амири Хуросон шуда буданд, гап ҳамин.

Саид дар беруни шаҳри Шероз ба даште чодир зада буд. Ду ҳазор марди ҷангҷӯи ғоратмуштоқ дар пешгоҳи ӯ саф кашиданд. Саид он шамоилҳои аҷибу ғариб, он мардумони сарупобараҳна, мӯи сарҳошон то китфу ришҳои чиркинашон то сари сина фуромада, чашмҳои гуруснаву пажмурдаи кунднигоҳ, дар дасту пою гарданҳошон нақши занҷиру кундаю завлонаро аз назар мегузаронд.

Дар байни онҳо чашми амир ба марди қоматбаланди хуштаркиб ва хушсимое ғалтид, ки бо ин «фазилатҳояш» аз дигарон ҷудо шуда меистод. Фармуд он мардро ба наздикаш оварданд, ӯ сӯи амир баланду бурро:

– Ассаломалайкум, ё айюҳ-ал-амир,– гӯён таъзим кард.

– Ту кистӣ? – пурсид Саид.

– Абд-ул-амир,[1] – ҷавоб дод мард.

– Номат чист?

---

[1] Ғуломи амир.

– Молик. Молик ибн-ур-Райб.

Оре, ин мард ӯ буд, ҳамон паланги биёбонҳои Ҳиҷоз, Сурия, Форс. Ӯро дар он қарибӣ навкарони ҳокими Шероз бо таъқиби дуру дарози пурмашаққат дастгир карда буданд. Вай дар зиндон мунтазири ҳукми ҳоким буд. Саид дар Мадина номи ӯро борҳо шунида буд ва ҳеҷ гумон накарда буд, ки бо вай дар Форс вомехӯрад. Тааҷҷуб кард ва дам назад. Чун муоянаи сипоҳи форсӣ поён ёфт, амир ба чодири худ баргашт ва фармуд, ки Моликро ба наздаш оваранд.

Молик ба чодир даромада таъзим баҷо овард ва бо ишораи Саид дар пойгаҳ ба канори қолини сурх зону зад.

– Ту чӣ тавр ба Форс ғалтидӣ?

– Нахостам ба дасти Марвон бинни Ҳакам сарбурида ё сар ба дор шавам,– ҷавоб дод Молик.

Марвон бинни Ҳакам амири Ҳиҷоз ва аз бадхоҳони Саид буд. Молик, ки инро медонист, бо бурдани номи Марвон хост ба Саид рамуз кунад, ки «Бадхоҳи ту бадхоҳи ман ҳам аст».

– Туро ғуломони Марвон дастгир карданд, ту онҳоро куштӣ ва гурехтӣ?

– Ҳамин тавр, амир.

– Чӣ гуна тавонистӣ?

– Эй амир, сайёд агар палангро ба дом орад, бояд аз худ бохабар бошад, зеро паланг дар банду дом ҳам паланг аст. Сайёдони ман ин пандро фаромӯш карда буданд.

Шунидам, ки ту аз он пештар корвони суғдиёнро зада будӣ?

– Муваффақ нашудам.

– Чаро?

– Паҳлавоне бо навкаронаш муҳофизи корвон буд. Ман то он рӯз бо марди ҷангисаворе чун ӯ дучор нашуда будам.

– Ба зиндони Шероз чӣ гуна ғалтидӣ?

– Аз беэҳтиётии худам, амир.

– Марде бадин сурати некӯ ва мардонагӣ, ки туӣ, чаро роҳ заданро раво медорӣ, моли мардум ба ноҳақ мебарӣ, хуни бегуноҳон мерезӣ?

– Аз тангдастӣ, амир. Дигар ин ки пайваста мехоҳам бахшиш кунам, дар ҳаққи дӯстонам эҳсон раво дорам, вале симу зар надорам. Меситонам, мехӯрам ва мебахшам.

«Вай ҳоҷиби[1] ман мешавад ва ҳам паҳлавони сипоҳ»– ба дил гузаронд Саид ва пурсид:

– Агар ман туро аз мӯҳтоҷии симу зар бираҳонам, роҳзаниро тарк мекунӣ?

Молик ғаниматҳои ҷанг ва дар кишвари суғдиёни «кофир» имкони фарохи ғорату яғморо ба хаёл оварда ҷавоб дод:

– Чаро накунам? Дар хизмати ту хулқу атвори хуб пайдо мекунам ва шукри онро ба худ лозим мешуморам.

– Пас биё, дар хизмати ман бош,– гуфт амир,– то он чӣ худо рӯзӣ диҳад, бо ҳам харҷ кунем. Хӯроку пӯшокат аз ман. Ғайр аз ин, ба ту ҳар моҳ панҷсад дирам медиҳам, то ба касе ки мехоҳӣ бубахшӣ.

– Зиндагонии амирам дароз бод, қабул дорам,– бархоста таъзим кард Молик.

Вай чунин бахту давлатро ҳаргиз ба хаёлаш ҳам наёварда буд…

## ХОҶА ВА ҒУЛОМ

### 24

Корвони суғдиҳо аз сафари дусолаи бозаргонӣ баргашта, дар баҳори соли 675 ба диёри худ расид.

Корвониён чун дар Омул[2] аз Ҷайҳун гузаштанд, ба чашмашон манзараҳое басо ғамангез боз шудан гирифтанд: аз соҳили рӯд то Бухоро шаҳру деҳоти валангор, бисёрии ҷӯйҳо хушкида, бештарини заминҳои киштро шӯраву янтоқ пахш карда, дарахтони боғҳо бурида, ё аз бех барканда ва ё каллак шуда буданд. Ҷо-ҷо барзгар, бо суғдӣ кадевор –

---
[1] Ҳоҷиб– муҳофизи шахсӣ.
[2] Чорҷӯи ҳозира.

деҳқони ҷулҳундипӯше ба назар мерасид, ки бо ҷуфти говони лоғару коҳил замин шудгор мекард.

Суғди Бухоро тороҷ шуда буд.

Гӯё тӯфони офатборе аз ин сарзамин гузар карда буд.

Оре, гузар карда буд, аммо на тӯфони табиат, балки тӯфони ғорату яғмо.

Онро кишваркушоёни бегонае оварда буданд, ки ба як даст шамшеру ба як даст қуръон, сарзаминҳои он сӯи Ҷайҳунро забт ва салтанати худро ба устухони халқҳои он тараф устувор гардонида ва акнун дар тараддуди он буданд, ки мамолики ин сӯи рӯдро ҳам тасхир кунанд, валекин аз шикастани муқобилати мардонаи суғдиён ва туркони муттафиқи онҳо оҷиз омада, ҳоли ҳозир ба тохтутозҳо, бо мақсади ғоратгарӣ ва асиргирӣ, иктифо менамуданд. Порсол амири Хуросон Убайдуллоҳ бинни Зиёд нохост бо лашкари гароне ҳуҷум овард.Бухориён ба ҷанг бархостанд. Бо талаби Хотун – маликаи Бухоро туркон ба вай як миқдор лашкар фиристоданд. Лашкари Убайдуллоҳ агарчи шуморааш бештар ва силоҳаш мукаммалтар буд, бо вуҷуди ҳамлаҳои пуршиддат шаҳри ба муҳосира афтодаро гирифта натавонист. Вай барои он ки бухориёнро ба таслим шудан водор кунад, дар шаҳрчаҳо ва деҳоти атроф харобкории азиме сар кард, ҷанги ғоратгариро бо ниҳояти бераҳмӣ бурд.

Бо фармони вай лашкариёнаш «…дарахтонро мекананд,– хабар медиҳад ровии ахбор,– деҳаҳоро вайрон месохтанд ва шаҳрро низ хатар буд», яъне Бухороро ҳам харобазор гардонданӣ буданд.

Аз гирди шаҳр ба шаш ҷониб деҳаҳои сераҳолӣ, киштзорҳо, боғҳо, ҷӯйборҳо, роҳҳо дар масофаи чандин фарсах ба биёбон табдил ёфтанд. Бухориён маҷбур шуданд сулҳ бихоҳанд.

Убайдуллоҳ зар ва моли фаровон талаб кард.

Хотуни шӯрбахт барои халосӣ аз офати ҷангу муҳосира ва наҷоти кишвар аз харобии тамом ночор ба додани хироҷи талабкардаи Убайдуллоҳ розӣ шуд. Ғоратгарон ин хироҷро

рӯёнида, чандин ҳазор ҷавонон ва духтарони суғдиро асир гирифта, «ғанимат»-и беҳисоби яғмогариашонро ба садҳо шутур бор карда, хоку хокистари ободиҳои дирӯзаро дар қафои худ гузошта рафтанд.

Бародарзодаи халифа ва ноиби ӯ дар Хуросон – амир Убайдуллоҳ, фарзанди арзандаи Зиёд бинни Абусуфён, ҳамон Абусуфён, ки дар Ироқ расми куштору яғмои оммавиро ҷорӣ карда буд ва дар Басра бо фармони вай асасҳояш баъд аз хуфтан ҳар киро дар кӯчаҳо меёфтанд, мекуштанд,– ин Убайдуллоҳи бисту панҷсола ба ҷавонии худ нигоҳ накарда ниҳоят ҷаббору хунхор буд, ки дар қатлу ғорату харобкорӣ ҳеҷ як ҳадду андозаро намедонист. Аз номус, виҷдон, мурувват тамоман бегона буд. Халифаҳои умавӣ Муовия ва пас аз ӯ Язид зишттарин ва ифлостарин корҳоро ба вай месупориданд. Онҳо куштани Имом Ҳусайн (писари Алӣ ва набераи пайғамбари Ислом)-ро ба Убайдуллоҳ супурда буданд. Убайдуллоҳ ӯро дар дашти Карбало бо як тарзи фоҷеъ бо ҳамаи занон, хоҳарон ва кӯдаконаш ба қатл расонд. Ривояте ҳаст, ки ӯ дар вақти аморати Хуросонро ба Саид бинни Усмон супурдан дар Нишопур ин амири нави ҳанӯз ба илми ҷангу сулҳ ва ба «ратқу фатқи умури мамлакат» (идора кардани корҳои мамлакат) «ноомил»-ро бо «таҷриба»-и худаш ошно намуда, ба вай маслиҳатҳо дода буд, гуфта буд, ки пайрави ман бош ва ба ман тақлид бикун…

## 26

Нӯфарн ба бошишгоҳи худ деҳаи Искиҷкат омад.

Дар он деҳаи косибон ва ҳунармандон вай дастгоҳи тиҷоратӣ, дӯконҳои бофандагӣ, устохонаҳо ва дар лаби ҷӯйбори Сомҷин кӯшки бошукӯҳе дошт. Дар устохонаҳо, дӯконҳо, ғуломон, қарздорон ва муздуронаш кор мекарданд. Дар ҳақиқати амр соҳиби Искиҷкат ӯ буд, аз ҳазор ҷуфт (ҷуфти гов) замини корами деҳа қисми бештаринаш ба вай таалluқ дошт.

Деҳаро вай ғоратшуда, кӯшку дӯкону устохонаҳояшро торочгашта, аҳли хонаводаашро мусибатзада ва гирён ёфт. Бештарини ғуломон, хизматгорон ва канизонашро сипоҳиёни амири Хуросон ба асорат бурда, дигарҳояшон ба ҳар тараф гурехта парешон гашта буданд.

Нӯфарн сахт ғамгин шуд, гирист, лекин ғаму андӯҳаш дер накашид, вай ки аз сафари бозаргонӣ бо хеле мол ва симу зар баргашта буд, ба зудӣ бо ғайрату кордоние, ки хоси ӯ буд, ба обод кардани макон ва барқарор намудани корхонаҳои худ машғул гардид.

Виркан бошад ҳушу ёдаш ба Самарқанд, ба Наниманча ва фарзанди нодидааш буд. Наниманча агар ба савгандаш истода шавҳар накарда бошад ( «не,не, – мегуфт ба дилаш Виркан, – «агар» надорад, вай на он занест, ки аз савгандаш гардад!»), ҳар гоҳ ки Виркан мувофиқи ваъдаи хоҷа аз ғуломӣ озод шуд, ба вай бармегардад. Зани маҳбубашро тасодуф, фалокат ба вай талоқ кард, худаш талоқ накардааст.(«Оҳ, ҳамсари азизам, чаро ман сухани туро нагирифтам, паҳлавони Суғд шудан хостам! Пушаймонам, Наниманча, аз ин пушаймонӣ ва надомати пурдард дилам хун аст»). Тани зораш аз ӯ ҷудост, аммо дар дилаш ҳозир.Наниманча писар зоида бошад ё духтар. Кӯдак агар зинда-саломат бошад, ҳоло дусола шуд. «Оҳ, писарҷонам, ё духтарҷонам, оё падари бадбахт рӯзе туро медида бошад»,– ҳасрат мехӯрд Виркан.

Интизории рӯзи озодӣ қарору ороми ӯро бурда буд. Аммо Нӯфарн аз баргаштанаш ба Искиҷкат як ҳафта гузашта бошад ҳам, аз озод кардани ғуломи худ даҳон намекушод. Гӯё ваъдаи дар биёбони Ҳиҷоз додаашро фаромӯш карда буд.

Дар ин миён вай бо корҳои тиҷоратии худ ду бор ба Бухоро рафт. Виркан ӯро мушоят кард. Дар бозорҳои шаҳр Виркан самарқандиҳои шинос ва ревдодиҳоро меҷӯст, то ки аз онҳо аҳволи падараш ва занашро суроғ кунад. Самарқандиҳо хешони ӯро ё намешинохтанд ё ки падарашро шиносанд ҳам, аз аҳволи ӯ хабар надоштанд, ревдодиҳо

бошанд, ба вай дучор намеомаданд, то ин ки ниҳоят дафъаи дуввуми рафтани ӯ ба Бухоро як нафар ревдодӣ дучор омад, ба Виркан хабари саломатии падараш ва занашро расонд ва гуфт, ки Наниманча бо модараш писарчаи Вирканро калон мекунанд… Виркан гирист. Аз бозориён ибо накарда, аз бозе ки ба ғуломӣ афтода буд, аввалин бор гирист. Ҳам аз шодӣ, ҳам аз алами ҷудоӣ мегиристу ашки шӯрашро бо мушташ пок мекард.

Тоқаташ тоқ шуда буд, ба Искиҷкат баргашта, ваъдаи Нӯфарнро ба ёди вай овард:

– Хоҷа хати бароти маро кай медиҳед?

– Хати барот,– хоҷа худро ҳайроншуда нишон дод.

– Шумо ваъда дода будед.

– Ваъда? Он рӯз ту маро бо наҷот додани корвон хушнуд кардӣ, ман туро бо ваъдаи озодӣ хушнуд кардам ; ҳисоби дуямон баробар аст,– гуфт бо заҳрханда Нӯфарн.

Виркан, гӯё ки мушти гароне ба сараш хӯрда бошад, гаранг шуда монд, ҳатто ба тезӣ забонаш ба гуфтор ҳам наёмад.

– Шумо,.. дурӯғ гуфта будед. Ваъдаатон дурӯғ буд?– пурсид ӯ ниҳоят.

Ин тарз гуфтори ғулом бо хоҷа густохӣ, нофармонӣ ҳисоб меёфт, Нӯфарн дар ғазаб шуд:

– Палид! Саг! – дод зад вай,– Ман туро аз мурдан халос кардам, умратро харидам ! Ту даҳ умри дигар бинӣ ва хизмати маро кунӣ, боз ҳам ҳаққи маро адо карда наметавонӣ, кӯрнамак! Бори дигар аз озодиат даҳон накушо, ки ба сутун мебандамат.

Нӯфарни аҳдшикан ғулом ва чокири баҳодуре чун Вирканро аз даст додан намехост.

«Аммо вай қавлашро дар пеши гувоҳони бисёр дода буд,– ба хотир гузаронд Виркан. – Оё бозоргони номдоре чун ӯ розӣ мешавад, ки ба дурӯғгӯӣ, фиребгарӣ ном барорад?» Не, Виркан хоҷаашро осуда нахоҳад гузошт ва домани ӯро раҳо нахоҳад кард…

## 27

Бозаргонон рӯзи ба Бухоро расиданашон Хотунро зиёрат карданӣ буданд, аммо вай дар шаҳр набуд, дар Фарахша буд (деҳи қадимаи Фарахша, воқеъ дар чаҳор фарсахии шаҳр ба роҳи Хоразм, бошишгоҳи бухорхудотҳо буд, онҳо дар он деҳ қалъа ва кох доштанд), дар он ҷо писари хурдсолаш Туғшодаи валиаҳд дар бистари беморӣ хобида буд, малика аз сари болини ӯ дур намешуд, вай хабар фиристода буд, ки бозаргононро дертар пас аз сиҳат ёфтани шоҳзода қабул хоҳад кард.

Шарикони самарқандӣ ва пайкандии Нӯфарн ночор дар интизории аз Фарахша баргаштани малика дар Бухоро монда буданд. Малика чун пас аз чанде ба Бухоро, ба кохи подшоҳии худ баргашт, онҳо инро ба Нӯфарн хабар доданд. Нӯфарн ҳадяву пешкаши барои малика тайёр карда мондаашро бардошта бо мушояати Виркан, ки ҳамчун саиси калон савора мерафт ва чанде аз ғуломону хизматгорони дигараш, ки аз паси хоҷа пиёда медавиданд, ба Бухоро равон шуд.

Бозаргонон ба қалъа даромаданд, хизматгору саисҳошон дар регистон монда мунтазири баромадани хоҷаҳои худ шуданд.

Аз чоштгоҳ то нисфи рӯз мунтазир шуданд, то ки маросими қабул дар ҳузури малика ба охир расиду бозаргонон аз қалъа баромаданд.

Дар ҳамин вақт Виркан ниятеро, ки дар дил дошт, ба амал овард:

– Ба ҳазратҳо сухане дорам, агар ба густохӣ ва беадабӣ нагиранду иҷозатам диҳанд мегӯям,– дар ҳоле ки лаҷоми аспи Нӯфарн ба дасташ буд, сӯи бозаргонон таъзим карда гуфт ӯ.

Бозаргонон истода ба вай нигоҳ карданд. Нӯфарн чин ба абрӯ оварда гӯшашро сих кард. Бозаргони пайкандӣ, ки пас аз воқеаи биёбони Ҳиҷоз ба Виркан бо назари лутфу навозиш менигарист, гуфт:

– Бигӯ, паҳлавон, чӣ сухане дорӣ?

– Ҳазратҳо ба хотир доранд, ки хоҷаам ба ман ваъдаи озодӣ дода буданд.

–Оре, ба хотир дорем. Гуфта буданд, ки ба ватан расидан замон туро озод мекунанд.

– Ман шодӣ карда будам, умедвор шуда будам, аммо…– Виркан суханашро қатъ карда ба Нӯфарн нигаристу боз ҳамон лаҳза аз вай рӯ гардонд ва хомӯш монд.

Нӯфарн ба тундӣ лаҷоми аспро аз дасти Виркан рабуд, яке аз ғуломонаш давон омаду хам шуда чорповор бар ду пой ва ду даст истод, хоҷа ба пушти вай по ниҳода ба зин барнишаст ва ба бозаргонон рӯ оварда Вирканро нишон доду гуфт:

– Ин ғуломи кӯрнамак аз худ рафтааст! Ҳамон як даҳон сухани маро, ки дар Ҳиҷоз ба тариқи навозиш барои хурсандии ӯ гуфта будам, маҳкам гирифта ба ман даъво мекунад.Бубинед густохӣ, нофармонии ин ғуломи зархарид то ба куҷо расидааст! Озод шудан мехоҳад!

Сипас хоҷа ба болои Виркан «дуаспа тохт»:

– Ту, нобакор, носипос, ба ман чи хизмати фавқулоддае кардӣ, ки дар ивазаш озодӣ бихоҳӣ? Дуздонро рондӣ, корвонро муҳофизат кардӣ, хуб ин хазмат-ку дар ӯҳдаи ту буд, ман туро ба сафар маҳз барои ҳамин кор бурда будам, маҳз барои ҳамин туро мехӯрондам, мепӯшонидам. Ту фаромӯш кардаӣ, ки ман туро аз чанголи марг раҳонида бақияи умратро харида будам?Боке нест, агар фаромӯш карда бошӣ, чӯбу тозиёна ба ёдат меандозад ва кӣ буданатро ба ту дурусттар фаҳмонда мемонад!

– Пеши хоҷаат зону бизан! Бахшоиш бихоҳ! – гуфт яке аз бозаргонон ба Виркан.

– Тавба кун ! – фармуд дигаре.

– Тавба мекунам, бахшоиши ҷасоратамро мехоҳам, аммо хоҷаам аввал ба ваъдаашон вафо кунанд,– ҷавоб дод Виркан. – Худашон умедвор карда буданд, ноумед накунанд, диламро нашикананд, охир ман ҳам одамам, бандаи худоёнам, агарчи ғуломам.

Дар чашмони Виркан ашк намудор гашт.

– Қавл ё ваъдае, ки хоҷа ба ғулом медиҳад, эътибор надорад,– гуфт бозаргони дигар,– хоҷа ҳар вақт ки хоҳад, метавонад ваъдаи худро ботил кунад. Инро ҳамаи ғуломон медонанд, фақат ту намедонистаӣ.

– Ман аз куҷо донам? Шунида будам, ки бузургон аз қавли худ намегарданд, беқавлиро беномусӣ медонанд.

Бозаргони пайкандӣ ба Виркан дилаш месӯхт, бинобар ин бо мулоимат гуфт:

– Ба ҳар ҳол хоҷа ҳамаи моро ба ваъдаашон гувоҳ гирифта буданд. Мо инро кори хайр дониста, ба олиҳимматии хоҷа тан дода, ҳатто худамонро ҳам дар савоби озод кардани ғулом якдараҷа шарик дониста, хушнуд шуда будем. Хоҷа, албатта соҳибихтиёранд, аммо, ба ҳар ҳол нағз мешуд, ки…

– Шумо, ки инчунин ҷӯёи савоб будаед, бо ҳиммати олии худатон аз ғуломонатон якеро озод кунед, то ман аз олиҳимматии шумо ибрат бигирам,– ба миёни сухани пайкандӣ давида киноя кард Нӯфарн.

Пайкандӣ дар ҷавоби ӯ даҳон кушода буд, ки мизбони бозаргонон – шарики бухории онҳо ба сухан ҳамроҳ шуда моҷарои сарзадаро қатъ кард:

– Гап тамом, азизон,– гуфт ӯ. – Кори ин ғуломро ба ихтиёри хоҷааш ҳавола мекунем. Биравем, ки вақти наҳории нимрӯзист.

Вай савор шуда аспашро ба роҳ андохт, бозаргонон аз пасаш ба кӯшки ӯ равон шуданд.

## 28

Нӯфарн рӯзи дигар ба Искиҷкат баргашт.

Вай таҳдиди худро фаромӯш накарда буд. Дар сарои пеши саисхона ба саисҳо ва дигар хизматгоронаш фармуд, ки Вирканро либос аз танаш баркананд, ба сутун банданд ва бизананд. Онҳо рафиқони Виркан буданд, аммо аз фармони хоҷа чора набуд, шаш нафар хоҳам-нахоҳам ба сӯи ӯ қадам

заданд.Ҳарчанд имою ишораҳояшон ба Виркан ин маъниро мефаҳмонд, ки «Ҳеҷ гап не, ба мо таслим шав, мо ҳамин тавр ба намуд чӯб мефурорему сахт намезанем», лекин паҳлавон сутунбанд шуданро ба худ ор медонист. Ӯ якеро лагаде заду ғалтонд, саиси дуввум ҳам аз зарбаи мушти ӯ замингир шуд. Бо вуҷуди ин онҳо аз ваҷоҳати хоҷа ваҳмида ба Виркан ҳамлаовар шуданд. Виркан дастколаро бардошта ниҳеб кард:

– Ҳар кадомат аз ҷонат сер шуда бошӣ, наздик биё!

Ниҳебаш ҷиддӣ буд, бо Виркан «ҳазл карда намешуд», онҳо инро медонистанд. Оне, ки аз зарби мушт замингир шуда буд, базӯр хеста ба пои Нӯфарн ғалтид, дигарон низ ҳамчунин карданд ва гириста ба зорӣ даромаданд:

– Хоки поятон мешавем, хоҷа, ба мо раҳм кунед, вай моро мекушад; ба ҷои вай моро занонед.

– Тарсуҳои нобакор! – ба сари онҳо дод зад Нӯфарн. – Шаш кас аз як кас тарсидед! Дар вуҷудатон як зарра мардӣ нест, ҷомаи занон пӯшед!

Вай дар ҳолати ночории ғазаболуд истод-истоду баъд сӯи Виркан:

– Ҳоло биист, ман адаби туро дигаргун хоҳам дод! – гӯён ба аломати азму ҷазм ришашро қабза карду аз сарой бадар рафт.

Ба нокомӣ анҷомидани додхоҳии назди бозаргонон Вирканро сахт маъюс карда бошад ҳам, вай ба худ қарор дода буд, ки дертар, ғазаби хоҷа пасанда, ки шуд, аз вай барои рафтан ба Самарқанд иҷозат мепурсад, аммо акнун баъди воқеаи саисхона дари чунин хоҳишро ҳам аз ҳар тараф баста медид.

Аз мобайн як ҳафта гузашт, хоҷа ба Виркан кордор нашуд,– шояд дар байни шуғлҳои худ ба Виркан «дигаргуна адаб додан»-ро фаромӯш карда ё ки ба ин кор фурсат наёфта буд.

Виркан бошад кӯшиш мекард, ки ба чашми хоҷа камтар намудор шавад.

Рӯзе аз рӯзҳо ба ҳавлии берунии Нӯфарн пирамарде ворид шуд. Дар танаш чакмани сурхи фарсудаву дарида, дар пояш мӯкии кӯҳна, вай хастаҳол менамуд. Виркан падарашро базӯр шинохт. Падару писар якдигарро оғӯш карда гиристанд.

– Падарҷонам, худат омадӣ. Мебоист ман ба дидани ту мерафтам, лекин чӣ кунам, ки хоҷа рухсатам намедиҳад, охир ман асирам, падарҷон.Наниро, набераатро мебинӣ? Онҳо сиҳат саломатанд?

– Шукр, писарам, ҳар ду саломатанд, ба ту дуруди пазмонию муштоқӣ мефиристанд.Ҳамдеҳаи мо бо ту дар бозори Бухоро вохӯрда будааст, ба ман хабари туро овард, ман пагоҳии дигар баромада ба ин сӯ равон шудам.

Бечора падарам, писари бехирадат ба сари ту ҳамин қадар ғаму кулфат овард. Лаънат ба рӯзе, ки хаёли паҳлавонӣ кардам, панди туро нагирифтам, сухани Наниро гӯш накардам ва ба ин асорати нангин афтодам. Ту гуноҳи маро бахшидӣ ё не, падарҷон?

– Бахшидам, писарам. Охир, ҷавон будӣ, ҳанӯз рӯзгорнодида, неку бад наёзмуда будӣ. Ман ҳам дар синни ту дар сарам чи савдоҳое, дар дилам чи ҳавою ҳавасҳое ки надоштам. Лекин навмед машав, дилшикаста машав, писарам. Ҳар як роҳро поёне, ҳар шаберо саҳаре ҳаст, бошад, ки асирии ту ҳам ба поён ояд. Аз омадани ман мақсад танҳо дидор нест, мақсадам озодии туст.

– Ту мехоҳӣ маро озод кунӣ? – бо ҳайрату ҳаяҷон пурсид Виркан.

– Оре,– гуфт Ревахшиён,– бо ҳамин ният омадам. Дар хона ҳар чи фурӯхтанӣ буд фурӯхтам, ба вағн назр кардам, аз мағупати бузург дуо гирифтам.

– Падарҷон!

– Баҳои туро овардам, ба хоҷаат медиҳам, шояд ба озод кардани ту розӣ шавад.

– Чорсад дирам?

– Оре.

– Аз куҷо ёфтӣ, падар?

Ревахшиён пул овардани паҳлавони Суғдро нақл кард, гуфт: «Ёдхишетак одами покдил аст, хайрхоҳи туст». Ревахшиён бо умеде, ки шояд рӯзе писарашро харида гирифтан муяссар шавад, ба мӯҳтоҷию маҳрумиҳои сахт тоқат карда, он пулро сарф накарда ду сол боз нигоҳ дошта омада буд.

Виркан дар ҳоле, ки боз ба чашмонаш об омада буд, ду дасти пирамардро гирифта бӯсид:

– Падарҷонам, дили ту бошишгоҳи худоён аст, чашмаи меҳру сафост. Агар дуямон ба умедамон расему ман озод шавам, дар дунё ба ту бандавор хизмат мекунам.

– Озодии ту барои ман саодати ҳар ду дунёст, дигар ба ман ҳеҷ чиз даркор нест. Агар озодии туро надида бимирам, саодати он дунё ҳам ба ман даркор нест: ман дар дами ҷон канданам аз худоҳо, аз Зардушт рӯ мегардонам ва муртади дӯзахӣ мемирам.

–Ин тавр магӯ, падар.

– Модом ки худоҳо ба подоши ибодати шастсолаам ба ман асорати писари ягонаамро медода бошанд, аз онҳо даргузаштанам равост.

Ревахшиён аз ҳисси хорӣ лабонаш меларзиданд, дар кунҷи чашмони хастаи камнураш ду қатра ашк ҳалқа зад.Виркан ба ҳоли падараш он қадар дилаш сӯхт, ки мехост дод гӯяд, фарёд кашад, сарашро ба дару девор занад, зеро барои ба ин ҳол расидани пирамард худашро гунаҳкор медонист.

Вай падарашро дар бошишгоҳи худ ҷой дод.

Нӯфарн ба куҷое рафта буд, бегоҳирӯзӣ баргашт.

Виркан ва хизматгорони дигар дар дами дарвозаи кӯшк аз вай истиқбол карданд ва ёрӣ дода ӯро аз асп фуроварданд.

Ревахшиён дар як канор ду даст ба пеш гирифта истода буд.

Виркан ба хоҷа ӯро нишон дода:

– Падарам ба хизмат омадаанд,– гуфт.

Ревахшиён ба Нӯфарн таъзим кард. Хоҷа истода бо қароҳат сӯи ӯ нигарист ва тааҷҷубомез пурсид:

– Ба хизмат?

– Оре, хоҷа арзи бандагӣ дорам,– гуфт Ревахшиён.

– Чӣ арз? – Нӯфарн ду даст бар пушт ва чашмонашро нимпӯш кард, ки одатан арзи аҳли ҳоҷатро дар ҳамин ҳолат мешунид.

– Зиндагониат дароз бод, хоҷа,– ба арзи муддао шурӯъ кард Ревахшиён,– ба карами ту умедвор омадам. Ду сол нахӯрдам, напӯшидам, бо сад риёзату машаққат чорсад дирам баҳои писарамро андӯхтам ва ба ту овардам. Пири нотавонам, бекасам, ба ман раҳм кун, хоҷа, ба аёлу кӯдаки ин ҷавон раҳм кун, ки аз ин зиндаҷудоӣ дилрешанд, ятим, бепаноҳ, бесару сомон мондаанд. Сарнавишти шум буд ё наҳси рӯзгор, ки писари озодам асир афтод. Ту бо караму ҳиммати худ аз марг наҷоташ додӣ, бар ман ва ӯ миннати беҳад ниҳодӣ, мо туро дар ду дунё сипосгузорем. Акнун чӣ мешавад, ки бо ҳамон караму ҳиммат ба вай озодӣ бахшӣ. Фарзанди ягонаамро ба ман бозбидеҳ, хоҷа,– Ревахшиён дар ин ҷо худро бохт, донаҳои ашки шӯр ба ришаш шориданд,– асои пириамро бозбидеҳ, ба беваи ҷавони шӯрбахт ва кӯдаки ятим шавҳару падарашонро бозбидеҳ. Худоён давлататро даҳчанду садчанд зиёда кунанд, ба раҳму шафқати ту умедвор омадам. Аз ман ин пасандози бечорагиамро бигиру Вирканамро раҳо кун, хоҷаи азиз.

Нӯфарн ҳамоно ду даст бар пушт фурсате ба замин нигоҳ карда хомӯш истод, ғуломон ва хизматгоронаш ба вай чашм дӯхта буданд, гӯё ба забони нигоҳ илтиҷо мекарданд, ки: рад накун! Розӣ шав!

Ниҳоят хоҷа сар боло карда ба гуфтор омад:

– Хуб, ман розиам, писаратро озод мекунам, аммо…– Нӯфарн суханашро қатъ карда ба ҳозирон нигарист ва табассуми шодии дар чеҳраи Ревахшиён, Виркан ва хизматгорон барқзадро дида дудил гашт:шарти озодии ғуломро

ҳозир гӯям ё баъд? Қарор дод, ки ҳозир гӯяду монад. «Савдо савдост, ман чаро дар фикри суд набошам ва зиёни худ хоҳам? – ба дил гузаронд ӯ ва гуфт:–Аммо ту он чорсад дирамро, ки писарат ба он харида шуда буд, қарз бишмор ва писаратро гарави қарз. Лекин ман ба касе ҳасана намедиҳам. Ба фоидаи ҳармоҳа се дар сад то панҷ дар сад медиҳам. Аз ту фоидаи ақал, яъне се дар сад мегирам. Чаро? Чунки агар он пул ба дастам мебуд, ман бо вай тиҷорат мекардам, чорсад дирам дар ин муддат чор ҳазор дирам мешуд. Ту пули маро бо фоидааш бидеҳ ва гараватро, ки писарат бошад, аз ман бisитон. Сухан тамом.

Нӯфарн инро гуфта ба дарвоза даромаду рафт.

## 29

Вай бовар дошт, ки пирамард чорсад дирамро бо фоидаи беш аз дусолааш дода наметавонаду аз талабаш дармегузарад.

Ревахшиёни дармондаву ҳайрон бо ду даст миёнашро гирифта ба суфаи паҳлӯи дарвоза фурӯ нишаст ва пушт ба девор дода чашмонашро пӯшид. Вай дар ин лаҳза ба каси якбора дардгирифтае монандӣ дошт.Виркан дар паҳлӯи ӯ ҷой гирифт. Ҳар ду хомӯш, ғарқи хаёлоти андӯҳбори худ буданд. Хизматгорони хоҷа ҳар яке аз паси кори худ рафтанд.

Фурсате ба хомӯшӣ гузашт, падару писар гӯё маҷоли сухан гуфтан надоштанд. Сипас Виркан бархоста даст дар бағали Ревахшиён кард ва:

– Биё, падар, ба ҳуҷра меравем,– гӯён ӯро гирифта бурд.

Вай кунҷаки каҳдонро, ки ҷои хобаш буд, ҳуҷра номид. Он кунҷакро вай аз коҳ холӣ карда аз бӯрё тавора кашида буд. Порае намад, пӯстаки буз, обдастаи сафолин ва як косаи чӯбин анҷоми «ҳуҷра»-ро ташкил мекарданд. Ғуломон ва хизматгорони дигар ҳам дар анборҳо, ҳезумхонаҳо ва ҳатто оғилҳо барои худашон ҳамин гуна «Ҳуҷраҳо» сохта дукасӣ-секасӣ ҷойгир шуда буданд.

Падару писари ғамзада шаб ҳама шаб дар кунҷаки тори

лаҳадмонанди каҳдон фоидаи се дар сади «қарз» – ашонро ҳисоб мекарданд. Дар бисту панҷ моҳу нуздаҳ рӯзи гузашта фоидаи қарз сесаду чанд дирам баромад, ки бо иловаи тани қарз ҳафтсаду чанд мешуд. Ин миқдори пулро Ревахшиёну Виркан дар умрашон ҳаргиз ба даст надоштанд.

Ревахшиён зуд ба Самарқанд ба деҳаи худ баргаштанӣ шуд.

– Заминро мефурӯшам,– гуфт ӯ. – Ба иҷора дода будам, ба худи иҷорадор мефурӯшам, ӯ дер боз онро харидорӣ мекунад. Ним ҷуфт замин ақаллан ба сесад-сесаду панҷоҳ дирам меравад.

Пирамард шитоб мекард, зеро ҳар як рӯзи таъхираш ба қарз меафзуд.

Вай рафт ва баъди ду ҳафта боз дар Искиҷкат ҳозир гардид. Заминашро фурӯхта сесаду шаст дирам ба даст оварда буд. Дар сурате ки ӯ Вирканро аз ғуломӣ озод мекард, аз даст рафтани замин чи аҳамияте дошт? Падар тайёр буд, ки озодии писарашро ба ҷон бихарад.

Нӯфарн ночор Вирканро раҳо кард.

Падару писар ба Ревдоди Самарқанд баргаштанд.

Виркан аз дари ҳавлӣ даромада хӯрҷинро аз китфаш афканду нанишаста ба манзили Наниманча шитофт.

Зан шавҳари ногоҳ аз дар намудоршудаашро дида, бехудона ба сӯяш тохт, вале ба вай нарасида яке истод, калавид, афтиданӣ буд, Виркан давон рафту ӯро дар бағал гирифта аз ғалтидан нигоҳ дошт. Зан нимбеҳуш буд, ҳам Виркан ва ҳам модари Наниманча тарсиданд: мабодо ки шодимарг шавад. Ӯро саросема ба рӯяш об пошида ба ҳуш оварданд.

– Агарчи мемурдам ҳам, беормон мерафтам, чунки туро дидам, Виркан, озод дидам,– мегуфт ӯ ба шавҳараш, – зиндаю саломат дидам, ба муродам расидам.

Виркан Шеркавичи дусоларо ба синааш пахш карда дасту почакҳояшро мебӯсиду мегирист…

## БАҲОИ СУЛҲ

### 30

Шаҳри Бухоро дар пои қалъа, ҳамчун дастархони пурнеъмате дар пеши меҳмони болонишин, густурда ва дар иҳотаи девори баланд қарор гирифтааст. Дар даруни қалъа боз қалъаи дигаре буд, ки кохи ҳукмдорони Бухоро – Бухорхудотҳо дар вай буд. Ҳафт дарвозаи шаҳристон дар ҳафт ҷониб ба рабаз[1], ба маҳаллаҳо, бозорҳои берунии шаҳр, деҳаҳо ва боғистонҳо боз мешуданд. Ба гирди рабаз ҳам девор кашида ва ин девор қариб нисфи ободиҳои вилоятро печонда гирифта буд. Дар арзи садҳо сол мардумони барои ҳифзи ҷон ва моли худ аз ҳар гуна ҳуҷумҳои ғоратгарию истилогарии берун маҷбур буданд гирдогирди ободиҳои кишварашонро девор бигиранд. Садҳо ҳазор мардум аз насл ба насл дар кашидани деворҳо ва таъмири онҳо меҳнат мекарданд. Меҳнат гарон буд, тоқатфарсо буд, лекин ғайр аз тоб овардан чора набуд.

Амали подшоҳии Хотун – маликаи Бухоро аз бомдод сар мешавад. Ҳар бомдод вай ба муқаррабон, надимони худ савора аз қалъа баромада, ба дами дарвозаи Регистон дар саҳна болои зинапоя бар тахт менишинад. Дар пешгоҳи ӯ, рӯбарӯи дарвоза, дусад ҷавони зарринкамари шамшердор ба ду қатор саф кашида ва омодаи хизматанд. Инҳо бузургзодагон, авлоди шоҳон ва моликони деҳаҳо мебошанд.Аз навад рустоқ[2] навад қавми кишвар ҳар қавме ҳар рӯз ин дусад ҷавони волотаборро ба пойтахт ба хизмати малика мефиристонанд, бо ин тариқ навбати ҳар қавм дар як сол чаҳор бор аст. Дар Регистон кам-кам ҳар тоифа мардуми додхоҳ, аҳли ҳоҷат ва инчунин дигар шаҳриёни булҳавас тӯб мешаванд. Хотун, ба ибораи соҳиби ахбор «Дар кори мулк фикр кардӣ (мекард С.У.) ва амру наҳй мерондӣ ва онро, ки хостӣ, хилъат додӣ ва онро ки хостӣ уқубат кардӣ» ва он ҷавонони

---

[1] Рабаз –беруни девори гирдогирди шахр.
[2] Деҳаи калон ё якчанд деҳаи тобеи як маъмурият.

зарринкамар дар паи ичрои фармонҳои ӯ ба ҷон мекӯшиданд.

## 31

Аввали тобистони соли 676, дар яке аз рӯзҳо, наздики чоштгоҳ Хотун дар Регистон ба ҳамин тарз машғули фармонравоӣ буд, ки баногоҳ аз дарвозаи Кандиз (Кӯҳандиз), ки бо вай аз шаҳр ба ҷониби қалъаи дар беруни шаҳристон воқеъшуда баромада мешуд, саворе намудор гашт. Савор асп тозонда ба наздики дарвозаи қалъа омада худро аз зин бар замин афканд. Ҷавони навхате буд, шитобзада ва гардолуд буд, ба ду зону афтида сӯи Хотун таъзим ба ҷо овард ва сар бардошта нигоҳ карду як лаҳза бо даҳони во хомӯш истод, гӯё он чиро бояд мегуфт, фаромӯш кард, лекин дар ҳақиқати амр вай аз ҳусну ҷамоли малика дар ҳайрат монда буд. Ҷавонзани гулгунчеҳраи шаҳлочашми латифандомеро дар пеши назар медид, ки бо нимтабассуми хавотиромез ба вай чашм дӯхта буд.

– Маро соҳиби[1] Фороб фиристод, – ниҳоят ба забон омада бо овози баланд гуфт ҷавон. – Парерӯз лашкари гарони арабҳо аз рӯд гузашт!

Хотун ва атрофиёнаш безобита шуданд, аз тӯдаи мардуми гирдомада ғалоғула бархост, дар лаҳзаи дигар шаҳриён ошуфтаю саросема ба ҳар сӯ пароканда шуданд, онон ба хонаҳо ва дӯконҳои худ мешитофтанд, то ки зудтар чизу чораашон, колояшон, нақдинаашонро пинҳон кунанд. Маросими арзшунавӣ, « амру наҳй» қатъ гардид. Мулозими дарбор ба ҷавонони зарринкамар, ки дар майдон акнун фақат онҳо монда буданд, амри маликаро эълом кард, ки ҳоли ҳозир ба деҳаҳои худашон барнагарданд ва дар қалъа истанду мунтазири фармон бошанд.

Малика ба кохи худ баргашта бо надимонаш ба машварат нишаст.

---

[1] Яъне молик, ҳаким.

Вай малул ва парешонхотир буд, надимонаш ҳам инчунин. Кишвар пас аз тороҷ ва хаpобкорие, ки перорсол Убайдуллоҳ бинни Зиёд дар ин сарзамин ба амал оварду чандин ҳазор ҷавонони онро асир гирифта бурд, ҳанӯз ба худ наёмада буд, пас ба ин тохти нави ӯрдуи ғоратгарон чӣ гуна, бо кадом қувва муқобилият бояд кард? Ӯрду баъди ду-се рӯз ба Бухоро мерасад, бухориёнро ҳатто фурсате намемонад, ки қувва ҷамъ кунанд ва аз ҳамсояҳошон ёрӣ талабанд. Агар талабанд ҳам, то ёрӣ мерасад, ки ӯрдуи ғоратгарон кишвари харобзорро бори дуввум харобтар мегардонанд.

Хотун ва надимонаш аз даричаи боргоҳ халқи гурезонро медиданд: марду занҳо, бори коло бар дӯш, пиёда, харакӣ ва аспакӣ аз шаҳр баромада, ба атрофу акноф фирор мекарданд.

## 32

Мушовирони Хотун ҳафт нафар буданд, ҳама деҳқонони[1] бузург ва бонуфузтарин шахсони кишвар.

Ҳама хешони дуру наздики хонадони бухорхудотҳо. Деҳқони бузург ва яке аз давлатмандтарин бошандагони шаҳр, марди солхӯрдаи мутакаббир Моҳбудон ба сулҳ хостан аз амири Хуросон исрор мекард. Ва ин исрори ӯ бе ғарази шахсӣ набуд: агар арабҳо шаҳрро бигиранд, молу мулки ӯ ба яғмо меравад ва агар сулҳ баста шавад, хироҷро хазинаи давлат ва аҳолии шаҳру кишвар медиҳанд.

– Ҷӯёи сулҳ бояд буд, фавран мӯътабарони шаҳрро ба пешвози амир бояд фиристод,– бо қатъият таклиф мекард Моҳбудон.

Сипоҳсолор (сарлашкар) Вғашфарн ба вай эътироз карда мегуфт:

– Ин пешниҳоди ту бе ҷанг таслим шудан аст. Нанг! Номус! Ту нанги маликаро мехоҳӣ?

[1] Заминдорони калон, ҳокимони маҳалҳо, моликони деҳкадаҳоро деҳқон меномиданд.

– Ман-ку инро намехоҳам, лекин ту, албатта, ҳақ дорӣ боз ҳам зиёдтар нахоҳӣ.

Ин сухани Моҳбудон кинояи борике буд аз муносибати сипоҳдор бо хотун, ки дар хуфия ошиқу маъшуқи якдигар буданд ва ин роз аз атрофиён пинҳон намонда буд. Бо ин ваҷҳ ва инчунин ба қиёси он ки Туғшода баъди нӯҳ моҳи вафоти бухорхудот – шавҳари Хотун таваллуд ёфта буд, бадхоҳони хотун бачаро аз Вғашфарн гумон мекарданд. Моҳбудор ҳам азҷумлаи нохайрхоҳони Малика ва инчунин Вғашфарн буд, вай мусибатҳои ба сари кишвар омадаро аввалан аз «касофат»-и занак будани ҳукмдори Бухоро ва сониян оқибати алоқаи норавои ӯ бо сипоҳдор медонист.

Маликаи соҳибҷамол ҳукмдори ботамкин ва боиродае буд, «ба рӯзгори вай аз вай соҳибройтар набуд ва ба исобати рой[1] мулк медошт ва мардумон вайрон мунқод[2] гашта буданд»–менависад муаррих.

Бо он ҳама тангии ҳол ва душвории вазъият малика ба муқобилат кардан қарор дод. Фармон содир кард, ки ҷавонони шаҳр яроқдор шаванд, қавмҳо ба Бухоро дастаҳои яроқдор фиристанд. Он дусад нафар ҷавони дар он рӯз ба хизмат омада ба сафи сипоҳи Бухоро дохил карда шуданд. Фавран ба Самарқанд, Кеш, Хатлон ба талаби ёрӣ намояндагони дарбор равона карда шуданд.

Мушовирон ҳар яке фармоне гирифта аз боргоҳ бадар рафтанд.

## 33

Малика бо Туғшода ба хонаи хоса даромад. Дилошуфта ва парешонҳол буд, дар хилвати хона ӯро тамкину хештандорӣ тарк карданд. Вай худро ба рӯи қолин партофта гиряро сар дод. Писари чордаҳсолаашро оғӯш карда меналид:

[1] Раъйи пухта, бехато.
[2] Фармонбардор.

– Вой бар ҳоли мани нагунбахт! Бало аз паи бало ба сарамон меояд, ман чӣ кор кунам. писарам? Кошкӣ ба ҷои падарат ман мемурдаму вай зинда мемонд. Падарат марди размовар буд, ботадбир буд. Ман зан ҳастам, ярок бардошта наметавонам. Падарат агар зинда мебуд, намегузошт, ки ин бегонаҳои чашмгурусна, ин аҳриманони одамсурат кишвари моро тороҷ кунанд, поймол кунанд. Наход ки ман ба ту мулки харобу табоҳеро боқӣ гузорам ? Писаракам, нури чашмам, зудтар калон шуда ба ҷойгоҳи падарат бинишину сарпанҷаи душманонро битоб, балою офати онҳоро аз сари кишварамон дафъ кун!

Бачаи дилсахт, тундхӯ, худписанд Туғшода «Гиряро бас кун, ҷомаамро тар кардӣ!» гӯён бо як ҳаракати тунд худро аз оғӯши модар ҷудо карду гуфторашро давом дод:

–Чаро намегузорӣ, ки ман ба ҷанг равам? Ман ба аспсаворӣ аз Вғашфарн намемонам, бо худаш шамшербозӣ мекунам, вай мегӯяд: «Кошкӣ сарбозони ман ҳамчун шоҳзода шамшер зада метавонистанд». Ман камон кашида метавонам, каманд ҳам меандозам. Маро сипоҳ бидеҳ ва ба ҷанг фирист.

– На, писарҷонам, ту хурдсолӣ, ҷангиданат барвақт аст.

Малика ба шоҳзода бо андӯҳ менигарист: дилаш аз хислатҳои нописандидаи писараш доғ буд, аммо вай он хислатҳоро нодида мегирифт, умед дошт, ки Туғшода баробари калонтар шудани синнаш хулқу атвораш ҳам дигаргун хоҳад шуд, лекин баръакс хулқи вай то рафт бадтар мешуд, ки беҳ намешуд. Меҳрубонии кӯронаи модар, тамаллуқ, хушомадгӯӣ ва хизматгузории дарбориён валиаҳди хурдсолро таври дигар «тарбия» мекарданд. Чун Туғшода фарзанди ягона ва бухорхудоти оянда буд, малика ба ҷони ӯ меларзид ва ларзону дилтапон парасториаш мекард: худо накунад ки ҳаёти ӯ дучори камтарин хатаре шавад ё ба танаш захме бирасад…

## 34

Ӯрдуи Саид бинни Усмон чун лашкари малах дар роҳи худ ҳамаи хурданиро хӯрда, нохӯрданиро хоида, киштҳоро поймол ва деҳаҳо, чарогоҳҳоро аз ҷинси чорпо холӣ намуда ба сӯи Бухоро ҳаракат мекард.

Амир дар миёни қувваи асосии лашкараш ва талоя (дастаи пешгард) гоҳо зинсавору гоҳе дар тахти равон нишаста меомад. Тахти равони ӯро даҳ ғуломи ҳабашӣ мебардоштанд.

Вай қарор дода буд, ки ба маслиҳати Убайдуллоҳ бинни Зиёд амал намуда, дар Бухоро зиёд таваққуф накунад, бо бухориён ба ҷанг надарояд ва ба ғорату яғмо андармон нашавад, балки зудтар ба Самарқанд равад. Дар юриши Самарқанд вай барои бехатарии пушти лашкараш аз бузургон, шоҳзодагони Бухоро ягон сад нафарро гаравгон хоҳад гирифт. Ин ҳам «маслиҳат»-и Убайдуллоҳ бинни Зиёд ва мансабдорони собиқаи «корозмуда»-и ӯ буд, ки дар тохтутозҳои ғоратгарӣ дар Суғди Бухоро ҳамрикоби амири худ буданд. Онҳо боз ба Саид гуфта буданд:

– Ту пойтахти ихшидро, ки гирифтӣ, Бухоро ва инчунин дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр худ аз худ таслим хоҳанд шуд.Агар ту ба ҷангу муҳосираи Бухоро машғул шавӣ, мабод ки ихшид, дигар моликони Мовароуннаҳр ва шояд туркон ҳам сипоҳ гирд оваранд ва балки ба мадади Бухоро оянд ва ту дар ин ҷанг андармон шуда фурсати ғаниматро аз даст диҳӣ. Агар аз ғорати Бухоро умеди молу чиз дошта бошӣ, бидон, ки баъд аз тохту юриши мо дар Суғди Бухоро чизи казоӣ намондааст, ки ба ғорат кардан арзад ва инчунин хазинаи Хотун ҳам холист. Ба Самарқанд биштоб ва ихшидро ғофилгир бикун, вай дар муқобили лашкари ҷаррори ту истодагӣ карда наметавонад, ва ту иншооллоҳ нахустин фотеҳи Мовароуннаҳр хоҳӣ шуд ва ҳам сарватмандтарини амирон, зеро сарвати Самарқанд аз зару сим, абрешим ва дигар молу матоъ ҳисоб надорад.

Ин «маслиҳат»-ҳо дар дили Саид бинни Усмон ҳирси ҷоҳу молро ба ҷӯш оварда буданд.

Вай дар чаҳор фарсахии Бухоро ба лаби ҷӯйбори Сомҷин таваққуф кард, хост, ки дар ин ҷо лашкарро дам диҳад ва бору бунаи ақибмондаро пеш кашад.Молик ибн-ур-Райбро бо ҳазору понсад савор барои иктишоф[1] (мабод ки Бухориён ба муқобили вай сарбоз бароварда бошанд!) пеш фиристод.

Молик як фарсах пеш рафта бегоҳии дер ба девори рабази Бухоро, ки роҳро бурида мегузашт, дакка хӯрд. Ба Саид пайке[2] фиристода хабар дод, ки то девори рабаз роҳ холӣ ва дарвозааш ҳам бепосбон аст, иҷозати ба рабаз дохил шудан ва то девори шаҳристони Бухоро рафтан пурсид, Саид иҷозаташ надод ва фармони қатъӣ фиристод, ки истад, то он ки пагоҳ худи Саид ба он ҷо бирасад. Амир хулқи ҳоҷибашро медонист. Молик дар рабаз фавран даст ба ғорату куштор хоҳад зад ва баъд аз он, агар имкон ёбад, ба худи Бухоро зада даромада, дар он ҷо низ ҳамин корро хоҳад кард. Аммо аслан хавфи Саид на аз ин буд, балки аз он буд, ки дар ин ҳол лашкариёнаш ба рабаз ва шаҳр даромадани Моликро шунида, аз итоат баромада сӯи шаҳр хоҳанд тохт, то ки аз ғорат намонанд. Айнан расму одати дуздон, ё балки ҳатто ба амири худ: ту қасдан Моликро пеш фиристодӣ, то ки вай Бухороро барои ту ва барои худаш ғорат кунад, моро аз дастбурд маҳрум кардӣ, гуфта бар вай хоҳанд шӯрид.

Молик ночор дар таги девори рабаз қарор гирифт. Дар атрофи дуру наздик деҳаҳои бисёре буданд, сипоҳиён ба зудӣ аз он деҳаҳо гала-гала гову гӯсфанду бузҳоро ҳай карда оварда ба сих кашидан гирифтанд. Дар гулханҳои қароргоҳ дарахтони зардолу, чормағз, тут, себ, биҳӣ ва токҳо, ки дар боғҳо бурида шуда буданд, ба зудӣ намесӯхтанд, дуд мекарданд, лашкариён барои сӯзондани

---

[1] Разведка.

[2] Пайк–қосид, чопар.

онҳо воишҳои хушки токзоронро, таворахҳои хасину чӯбини боғҳо, ҳавлиҳоро вайрон карда, кундаҳои ҷувоз ва дарвозаҳоро канда оварда дар гулханҳо қала мекарданд.

Дере нагузашта дар қароргоҳ занону духтарони гирёну нолон ҳам пайдо гардиданд, ки аз деҳаҳо ба зӯрӣ оварда мешуданд. Дар чодирҳои аскарӣ ва дигар гӯшаю канорҳои торик ҳайвонгарӣ, фисқу фуҷур авҷ гирифт.

**35**

Саркардаҳои бухороӣ ба тавассути ҷосусони худ аз ҳаракати лашкари Саид огоҳ буданд.

Сипоҳдор Вғашфарни далер бо понсад савори яккачин дар деҳаи Хуҷадаи воқеъ дар рабаз ба як фарсахии қароргоҳи Молик ибн ур-Райб камин гирифта буд. Ҷосуси ӯ – як нафар бошандаи деҳа шабона аз девори рабаз номаълумакак гузашта, ба лашкаргоҳи Молик роҳ ёфта, вазъи лашкаргоҳ ва шуғли лашкариёнро дид карда ба Вғашфарн хабар овард.

Вғашфарн ба шабохун задан қарор дод.

Вай дар тарафи чапи Молик истода буд, дусад саворро дарун-даруни рабаз ба тарафи рости ӯ фиристод, боқӣ сесад савор ба думи аспон намад баста бо сардории сипоҳдор нисфишабӣ аз паси девор ба наздикии қароргоҳи Молик омаданд. Шамшерҳо ва ханҷарҳоро ба дандон газида аз болои зинҳо ба девор ҷаҳиданду ба беруни рабаз гузаштанд. Аспҳо дар паси девор монданд. Посбонони хоболуди лашкаргоҳ оҳиста пахш карда шуданд. Сесад сарбоз барқвор ба сипоҳи дар ғафлат монда дарафтиданд. Аз дигар сӯ дастаи дусаднафараи бухориён низ расида шамшер ниҳоданд. Наъра мекашиданд, ҳаёҳу меандохтанд. Дар сипоҳи саросемаи душман воҳима ва гурезогурез афтод, лекин Молик тавонист як гурӯҳи калони сипоҳашро нигоҳ дошта, ба ҳамлаи ҷавобӣ гузарад. Арабҳо бо вуҷуди талафоти бисёре, ки доданд, боз ҳам ба шумораи бешатар буданд, бухориён торикии шабро ба худ ёр гирифта ақиб гаштанд.

Қариб нисфи сипоҳи Молик қир шуда буд. Талафоти бухориён як саду чор нафар буд (лекин Молик баъдан дар пеши Саид худписандӣ кард, ки ҳазор нафар суғдии «кофир»-ро кушт).

Шабохуни бухориён Саидро ва аз вай ҳам зиёдтар сарони сипоҳашро ба ғазаб овард.

Саид бо тезию тундӣ юриш карда омаду шаҳри Бухороро ба муҳосира гирифт.

Лашкарашро бо азми ҳуҷум ва гирифтани шаҳр сафҳо ороcт, манҷаниқҳои қалъакӯбро рост кард.

Бухориён аз болои бурҷу бораи шаҳристон лашкари бисёрҳазории душманро медиданд, ки ӯрдугоҳашон бо ду-се ҳазор чодир ва галаҳои аспу уштурҳо, арабҳо ба қадду бар то як фарсах ҷойро ишғол карда буд. Бухориён сипоҳи Саидро камобеш чиҳил ҳазор тахмин мекарданд (аз Форс то Марв ба лашкари вай беш аз бист ҳазор нафар ҷангталабони ғоратмуштоқ ҳамроҳ шуда буданд). Лашкари яроқдори Бухоро бошад аз панҷ ҳазор зиёд набуд.

Хотун, ки аз шабохуни бомуваффақияти сипоҳдораш далертар шуда буд, ба азми худ дар бораи муқобилат кардану ҷангидан устувор меистод. Сипоҳдор ӯро қавл медод ва бовар кунонд, ки ду-се моҳ ё дар бадтарин ҳол то як моҳ бурҷу бора ва дарвозаҳоро дифоъ ва шаҳрро муҳофизат карда метавонад. Дар ин муддат ихшиди Самарқанд, моликони суғдии ҳамсоя, ки Хотун аз онҳо мадад пурсида буд, лашкар хоҳанд фиристод.

Ихшиди Самарқанд, моликони Каш[1] ва Нахшаб[2] ба мадади Бухоро сипоҳ фиристоданд, лекин мо намедонем ин сипоҳ чи қадар буд. Ба қиёси рафторе, ки баъдан аз он сипоҳ ба зуҳур омад, мумкин аст гумон кунем, ки бисёре набуд: сарҳангон чун лашкари бисёрҳазории арабҳо диданд, «аз эҳтиёт» ба ҷанг надаромада сипоҳашонро ақиб каши-

[1] Номи қадимии Шаҳрисабз.
[2] Номи қадимии шаҳри Қаршӣ.

данд. Бухорои дар бало афтодаро ба тақдири худаш ҳавола карданду рафтанд.

Он гоҳ Хотун ночор ба сулҳ хостан маҷбур гардид.

Шабҳангом ҳафт марди савори беяроқ аз шаҳр баромада ба сӯи ӯрдугоҳи Саид раҳсипор шуданд. Дарвозабонҳои шаҳр ба онҳо монеъ нашуданд, зеро саворон рухсатнома доштанд ба мӯҳри малика.

Лашкариёни Саид онҳоро ба нишастангоҳи амири худ бурданд.Чодири калон ва баланди сегонаи дарун ба даруни амир ду мил дуртар аз дарвозаи шаҳр, миёни чандин чодари дигар, ки дар онҳо муқаррабон, мушовирон, муҳофизони амир ҷо гирифта буданд, меистод. Саид ханҷари зарандуд дар камар зада ва шамшере, ниёмаш мурассаъ ба ҷавоҳирот, бар зону гузошта, дар пешгоҳ рӯи қолини сурх бар пӯсти паланг нишаста буд. Дар паҳлӯи рости ӯ солхӯрдамарди сиёҳҷурдаи паҳнрише ҷо гирифта буд, ки дастори ниҳоят калоне ба сар, ҷомаи сиёҳ бар тан дошт ва дар ҳолати ниммуроқиба тасбеҳ мегардонд. Вай амакбачаи пайғамбари ислом – Қуссам ибни Аббос буд. Ин зоти акдас ба пиронсолии худ нигоҳ накарда, дар ин сафари дури пурмашаққат бо чи мақсад ба амири нави Хуросон ҳамроҳӣ карда буд, мо намедонем. Шояд имоми лашкар буд? Хатиб буд? Ё қозии лашкар? Ё балки дар паи молу сарват омада буд?

«Сурат-ул-ғанимат»-и Қуръон дар ҷанги кофирон молу мулки онҳоро ба мусулмонон ҳалол кардаасту-ку. Хумс, яъне панҷяки ғанимати ҷанг аз рӯи ин сура бояд ба пайғамбар ва пас аз ӯ ба халифаҳо дода ва боқӣ чаҳор ҳисааш ба лашкар тақсим карда шавад. Эҳтимол ба ҳазрати Қуссам ба эътибори хеши пайғамбар буданаш ҳиссаи зиёдтар мерасид?..

Мушовирон ва сарони лашкар дар пешгоҳи Саид давра нишаста буданд. Обиди порсо акнун ба солори мутакаббиру мағруре табдил ёфта буд, ки манаҳашро боло, риши тунуки нӯгборикашро ба сӯи мухотабаш сих карда ва чин ба абрӯ оварда гап мезад. Пеши ӯ рӯи курсии пастаки шашқирраи

мунаққаш Қуръони ғафси кушода ба ҷилди чармин меистод. Шӯълаи шамъҳои дарозе, ки дар шамъдонҳои зарҳалкорӣ фурӯзон буданд, дар қабзаҳои тиллоӣ ва дар ниёми ҷавоҳирнишонии шамшеру ханҷарҳои амир ва сарони сипоҳ бозӣ мекард.

Мулозими амир бухориёнро даровардa дар дами даромадгоҳи чодир қатор гузошт. Онҳоро ба нишастан таклиф накарданд.Онҳо Моҳбудон, Нӯфарн, дигар деҳқонони бузург ва бозаргонони номии Бухоро буданд, ҳама мардони бовиқору салобат. Тарҷумони эронӣ, марди танумaнди сиёҳриши калончашми пайвастаабрӯ, гуфтугӯро бо суғдӣ ва арабӣ тарҷума мекард.

– Кистед? Чӣ мехоҳед? – итобомез пурсид Саид, ки аз шабохуни бухориён ҳанӯз дар ғазаб буд.

– Мо фиристодагони маликаи Бухороем,–иззати худро нигоҳ дошта бо тамкин ҷавоб дод Моҳбудон.

Фиристодагон фаҳмиданӣ буданд, ки оё Саид ба сулҳ раъй мекунад ва агар раъй кунад, чигуна шартҳо пешниҳод менамояд.

Раиси ҳайъати вакилон Моҳбудон суханашро давом дода гуфт:

– Маликаи муаззама аз амир мепурсад: ба мулки мо барои чӣ омадӣ? Мақсадат чист?

Саид бо лабханди истеҳзоомез ба ҷои ҷавоб суол дод:

– Малика аз ман боз чӣ мепурсад?

– Маликаи муаззама мегӯяд: ту агар чун дӯст омада бошӣ, марҳамат фармой, ту меҳмони олиқадри моӣ ва агар чун душман омада бошӣ, ваҷҳи душманиат чист? Аз мо чи бадӣ дидӣ? Даъвоят чист? Магар ҳуҷуми ноҳақ ва қатлу ғорате, ки ду сол аз ин муқаддам салафи ту Убайдуллоҳ бинни Зиёд дар кишвари мо кард, басанда набуд, ки боз ту ба озори мо омадаӣ? Агар барои симу зар, мол ва асирон омада бошӣ, пас ҳар чи мо доштем, Убайдуллоҳ аз мо ситонд ва бурд, дигар чизе намондааст. Аммо агар барои он омада бошӣ, ки мулки мо ва подшоҳии моро бигирӣ, пас

моро бо ту ба ҷуз ҷангидан то охирин тири камону охирин сарбоз чора нест.

Пас аз тарҷумаи ин суханон Саид андак тааммуле карду гуфт:

– Маликаи шумо ваҷҳи омадани маро пурсидааст. Ҷавоби маро шунаведу ба малика расонед. Худои ягона қавми арабро бар ҳамаи ақвоми олам афзалият дода, пайғамбари худро аз байни вай интихоб кардааст. Пайғамбари мо, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳӣ ва саллам, ки ҳар як суханаш аз худост, мефармояд, кофиронро ба дини ман оред, агар наоянд, биҷангед, ки хуни онҳо ва мулку молашон бар мусулмонон ҳалол аст. Шумо кофирон ва мушриконед[1], мо мулку молро аз шумо ба ҳақ меситонем. Худо бо мост, пайғамбар бо мост, ҳақ бо мост. Баъд, ман бо малика нияти ҷангидан надоштам. Ба Бухоро кордор набудам, мақсади ман Самарқанд буд, лекин малика, бе он ки ман баҳонае барояш дода бошам, ба ҷанги ман бархост, сипоҳашро ба роҳи ман дар камин нишонд ва шабохун кард. Акнун дасти ман боз аст, ман бояд маликаро ва шумо бухориёнро ҷазо диҳам.

Мушовирон ва сарони сипоҳи Саид дар ҳар як ҷумлаи ӯ ба аломати тасдиқу таҳсин сар меҷунбонданд; ҳар гоҳ ки вай дар аснои суханронии худ ба сӯяшон менигарист, онҳо ба вай нимтаъзим мекарданд.

Саид таҳдиди худро бо ҷумлаи зерин тамом кард:

– Ман фармон додам, лашкари фотеҳи ман пагоҳ қалъаи шуморо зерузабар, шаҳратонро толон ва қатли ом хоҳад кард.

Хун дар рагҳои Моҳбудон ва ҳамроҳонаш ях баст; кандани рангҳояшон ҳатто дар рӯшноии хиратоби шамъҳо аён буд.

Мувофиқи фармони малика вакилонаш дар ин гуфтушуниди аввал ғайр аз суолҳои боло, ки ба Саид дода шуданд, дигар чизе нагуфта, ҷавоби Саидро ба вай расониданашон

[1] Мушрик – эътиқодкунанда ба якчанд худо.

лозим буд, – малика гумон карда буд, ки агар Саид раъе ба сулҳ дошта бошад, инро дар зимни ҷавоби суолҳои зикрёфта изҳор ва шартҳои худро баён хоҳад кард,– бигузор гапи сулҳро аввал вай гуяд! – Лекин Саид аз сулҳ калимае бар забон наронд, бинобар ин Моҳбудон аз ғорату яғмо ва қатли ом сахт тарсида, дар асари он тарс аз фармони малика таҷовуз карду пурсид:

– Агар аз сулҳ сухан ба миён ояд, шарти амир чӣ бошад?

– Сулҳ? – гашта пурсид Саид ва гуфт. – Агар хоҳони сулҳ бошед, шарти он сесад ҳазор дирам аст. Сад ҳазор ҷизъя[1], сад ҳазор фидя[2] ва сад ҳазор товони шабохун.

## 36

Вакилон ба шаҳр наздики бомдод баргаштанд.

Малика бедор ва мунтазири баргаштани онҳо буд.

Вай ба пурсишҳои худ ҷавоби Саидро аз вакилон шунида ба даҳшат афтод, беқарор гашт, дар ҳузури онҳо виқору тамкини шоҳонро фаромӯш карда, аз курсӣ барҷаст ва ду даст бар сар зада, тамоми нафрати сӯзонашро, ки нисбат ба зӯроварони бемурувват дар дил дошт, бар забон ронд. Малика фаҳмид, ки хатари таҳлуканоке, балои азиме бар сари ӯ ва кишвараш қоим шудааст.

– Сесад ҳазор дирам! – мегуфт ӯ ва ба унвони амири Хуросон хитоб мекард:

– Эй ғоратгари аз шарму ҳаё бегона, эй гург, ман ин миқдор симу зарро аз куҷо меёбам, аз кӣ мегирам? Вой бар ҳоли Бухоро, вой бар ҳоли ин кишвари нагунбахт!... «Молу мулки кофирон ҳалол», «Худо ва пайғамбар бо мост!»– бо истеҳзои ғазаболуд гуфтори Саидро такрор мекард Малика. – Дурӯғ! Дурӯғ! Худои онҳо кӣ будааст, ки ба як қавм ғорату куштори қавми дигарро мефармудааст?! Он кадом пайғамбари даррандасириште будааст, ки ба умматонаш

---

[1] Ҷизя – хироче, ки аз ғайри мусулмонон гирифта мешуд.
[2] Фидя-пул ё моле ки барои халосии ҷон ва мол дода мешавад.

зӯроварӣ, хунрезӣ, асорат, куштору торочи мардумонеро, ки ба дини ӯ нагаравидаанд, ҳалол кардааст? Пайғамбари пок Зардушт аст, вай мардумонро сӯи ростӣ, раҳму шафқат, бародарӣ ва аҳлият роҳ менамояд, дигар ҳама пайғамбарон дурӯғианд, қаллобон, маккорон, фиребгаронанд, мағубати бузург ба ман ҳамин тавр гуфта буд…

Моҳбудон аз «монолог»-и дарози вай ба танг омада онро бурид:

– Малика, ҳарчи гуфтед, рост гуфтед, лекин амир суханони шуморо намешунавад, вай мунтазири ҷавоб аст.

Малика асабӣ шуд.

– Ба фикри шумо, ман чи ҷавоб диҳам? Оё шарти амирро қабул кунам? На, ман қабул карда наметавонам.

– Пас чӣ кор мекунем? Оё ба қатли ом, вожгунии тахту тоҷатон тан медиҳед?

– Ту маликаро натарсон! – ба Моҳбудон хитоб кард Вғашфарн, ки андаке пештар вориди боргоҳ шуда буд.

– Вғашфарн ҳеҷ набошад то як моҳ тоб меоварад,– гуфт малика,– дар ин миён аз Самарқанд, Кеш, Нахшаб мадад мерасад. Бигӯ, сипоҳдор, оё ҳамин тавр нест?

–Ҳамин тавр, малика,– ҷавоб дод Вғашфарн.

– Ту, сипоҳдор, лоф мезанӣ, маликаро ба роҳи хатарнок мекашӣ! – ба Вғашфарн ало нигоҳ карда гуфт Моҳбудон. Ғурури олинасабӣ ва давлатмандии Моҳбудон чунон буд, ки ӯ бо ҳамаи аркони давлат ва хусусан бо Вғашфарн, ки бадаш медид, мутакаббирона ва ҳатто нописандона гап мезад. – Аслаш ин балоро ба сари малика ва ҳамаи мо ту овардӣ! – таъна зад ӯ ба сипаҳдор. – Агар ту бо худсариву кӯтоҳандешӣ шабохун намекардӣ, амир имрӯз Бухороро муҳосира намекард, мегузашту мерафт. Вай ба мо ҳамин тавр гуфт.

– «Бо Хотун нияти ҷангидан надоштам, ба Самарқанд равон будам» гуфт,– илова намуд Нӯфарн.

– Акнун ту боз ҳам тезӣ мекунӣ, лоф мезанӣ,– ба Вғашфарн нигариста таънаи худро давом дод Моҳбудон. –

Чӣ ҷои лоф задан аст? Магар лашкари ҷаррору хунхори арабро надидӣ? Манҷаниқҳои қалъакӯбашро надидӣ? Ту мехоҳӣ бар зидди лашкари чилҳазорӣ бо ҳамин чор панҷ ҳазор сипоҳи худ биҷангӣ?

– Оре, бо ҳамин сипоҳ! – ҷавоб гардонд Вғашфарн. – Бо ҳамин сипоҳ талояи арабро торумор кардам, бо ҳамин сипоҳи ҳафт-ҳашт карат камтар аз лашкари араб метавонам якмоҳ думоҳ душманро дар паси бораи шаҳр нигоҳ дорам, то вақте ки ихшид ва дигар моликони Суғд ба ёрии мо бирасанд. Ҷавонони Суғд аз дуздону қотилони амири Хуросон диловартаранд.

Ман худро ба хатар задам, шабохун кардам, зеро мурдан дар майдони ҷанг беҳтар аст аз зиндагӣ дар таслиму бандагии нангин. Ту ва ин бузургон тарсидед,– ба ҳамроҳони Моҳбудон ишора карда, гуфтори пур аз ғуруру ифтихорашро давом дод сипоҳдор,–лекин тарси шумо аз ғорати молу мулки худатон аст, на аз харобии кишвару вожгунии давлати бухорхудотҳо. Ба ҳар шарте ки бошад, сулҳ мехоҳед, зеро хироҷро аз халқ чида медиҳанд ва гарчанде дар ин ҳол аз шумо чизе ситонанд ҳам, ба давлататон осебе намерасад.

–Мубоҳиса бас аст! – гуфта Хотун кашмакаши саршударо қатъ кард.

– Шумо умедвори мадади ҳамсояҳо ва турконед, малика,– ба гуфтугузор ҳамроҳ шуд яке аз шарикони Моҳбудон,– онҳо дар ҷанги Убайдуллоҳ ҳам ба мадад омада буданд, лекин аз боиси носозӣ ва нифоқу талош, ки бо ҳам доштанд, коре карда натавонистанду рафтанд.

– Боз кошкӣ ба нағзӣ мерафтанд,– илова кард дигаре аз бозоргонон,– Лашкари ҳоқон дар саросари роҳи бозгашти худ шаҳрҳо ва деҳкадаҳоро ғорат карда рафт.

– Шумо ба ҳар гуна лофу газоф гӯш наандозед, ки худатон ва подшоҳиатонро ба хатар меандозед, малика, балки маслиҳати мани пири ҷаҳоншинохтаро гиред. Шарти амир ҳарчанд гарон бошад ҳам, ғайр аз қабул чора нест,– бо шевае, ки эроду эътирозро намебардошт, гуфт Моҳбудон. –

Шумо аз амир як-ду ҳафта мӯҳлат мехоҳед, то ки фидяву ҷизяи зормондаро ба аҳолӣ саршикан кунем.

– Аҳолӣ аз тороҷи Убайдуллоҳ ва саршикани маблаға, ки вай аз мо ситонд, ҳанӯз ба худ наомадааст, аҳолӣ имрӯз ҳатто хироҷи муқаррариро ҳам бо ҷангу ҷидол базӯр адо карда истодааст, хироҷи нави саронаро намебардорад,– гуфт малика.

– Кадеварон[1] муғамбиранд, малика ва шумо раҳмдил,– лабханд карда гуфт Нӯфарн.

– Ақаллан нисфи сесад ҳазорро саршикан мекунем,– боз маслиҳат дод Моҳбудон ва худписандона илова кард: Худи ман панҷ ҳазор дирам медиҳам.

– Нисфи дигараш-чӣ? – пурсид малика.

– Аз хазина.

– Ҳозир дар хазинаи мо ин миқдор нақдина нест…

Ниҳоят гуфтугузор ба он анҷомид, ки малика бо исрору фишори Моҳбудон ба қабули шарти Саид розӣ шуд. Вғашфарни диловар мағлуб гашт, фақат на аз душман, балки аз ҳамватанони тавонгари худ. Оҳ?

## 37

Сесад ҳазор дирамро аз хироҷи сарона, қисман аз хазина ва қисман ба воситаи қарз гирифтан аз Нӯфарн ҷамъ карданду ба Саид бурда доданд.

Шодӣ карданд, ки гарчанде ба баҳои гарон бошад ҳам, аз ҷанги ғоратгарон растанд, лекин маълум шуд, ки шодиашон барвақт будааст. Саид боз гаравгони зинда талаб кард: бигузор малика аз ҷумлаи хешу табори худ бист нафар ҷавонро ба гарав назди вай фиристад.

– Ман чун сафари Самарқанд пеш гирифтам, бояд аз ақибгоҳи худ эмин бошам,– гуфт амир ба вакилони дарбори Бухоро. – Мабод ки бухориён пас аз рафтани ман аҳд бишкананду монанди он шабе, ки талояи маро ғофилгир кар-

[1] Яъне зироатгарон, ба маънии ҳозира деҳқонон, деҳнишинон.

данд, дар пушти лашкари ман фитнае барангезанд. Дар ин сурат ҳамаи гаравгонҳо кушта хоҳанд шуд.

Ночор ин талаби фотеҳ низ қонеъ гардонида шуд. Бист нафар шоҳзода аз авлоди бухорхудотҳо ҳамчун асирон дар ӯрдугоҳи арабон ҳозир шуданд.

Бо талаби амир гаравгонон ҳама бо нишонаҳои олинасабӣ, яъне ҷомаю мӯзаҳои гаронбаҳо пӯшида, ба миёнҳошон камарбандҳои заррину ханҷарҳои ҷавоҳирнигор баста омада буданд. Ба ақидаи амир, ин тӯдаи шаъшаадори асирони олинасаб мебоист бар ҷалолу шавкати ӯ меафзуд.

Аммо ҷалолу шавкатхоҳии амири навбаромад бо ин ҳам қонеъ нашуд. Вай хост, ки худи Хотун омада ба вай таъзим кунад.

Хотун бо нафрат ин иддаои ӯро рад кард.

Он гоҳ Саид бо бекор кардани сулҳнома ва шурӯъ кардани ҷанг таҳдид намуд.

Малика бо маслиҳати надимонаш ночор ба ӯрдугоҳи Саид рафт. Дар тахти равон бо канизу парасторонаш ва бо мушоияти сесад нафар муқаррабон ва чокирони хоса рафт.

Як даста сипоҳиёни Саид дар пеши чодари ӯ ба ду қатор саф кашида буданд, маликаро дар наздики чодари ӯ се нафар соҳибмансаби сиёҳриши салладор истиқбол карданд, аммо гуфтанд, ки ҳазрати амир фармуданд – малика бояд ба назди ҳазрат фақат бо ду нафар мулозимаи худ дароянд.

Малика бо мушоияти Моҳбудон ва боз як нафар марди дарборӣ дохили чодари амир шуд, дигар мулозимон, чокирон ва канизони хосааш дар берун монданд.

## 38

Саид дар пешгоҳ бо ҳашамату карруфар бар тахт ва муқаррабон, сарони сипоҳаш дар чапу рости ӯ қатор нишаста буданд. Малика ба ҷои таъзим сарашро саҳл хам карда, мартабаи худро нигоҳ дошта салом дод.

– Хато шуд, малика, шартро хилоф кардӣ, моро таъзим накардӣ,– бо мулоимат гуфт амир.

Малика вазъи ҷиддии худро дигар накарда тарҷумаи сухани ӯро аз забони мутарҷим шуниду дам назад, ҷавоб надод. Саид боз гуфт:

– Хуб, мо ин хатои туро ба лиқои ту бахшидем. Шунида будам, ки хотуни Бухоро хушлиқост, вале гумон накарда будам, ки то ба ин дараҷа соҳибҷамол бошад. Марҳамат фармой, малика, биншин.

Ҳамин гуфтаи Саид роҷеъ ба ҳусну ҷамоли малика сабаб шуда, баъдҳо дар Арабу Аҷам гап хоҳанд кард, ки вай бо як дидан ба Хотуни Бухоро ошиқ ва ҳатто хостгори издивоҷ шудаасту Хотун хоҳиши ӯро рад кардааст…

Малика дар тарафи рости амир ба курсӣ нишаст. Лаҳзае чанд хомӯшӣ ба миён омад. Саид гӯё меандешид, ки мусоҳибаро аз чӣ сар кунад.

Малика гуфт.

– Оё амир ба мо боз сухане дорад ё бо ҳамин таърифи ҳусну ҷамоли Хотуни Бухоро иктифо мекунад?

– Туро ба ҳузури худ хостанам на фақат барои таъзим буд,– ҷавоб дод амир,– балки ман хостам Хотунеро, ки бо чунин сиҳҳати раъю тадбир мулк медорад ва марду зан, пиру барно ҳама гӯш ба фармони ӯянд, боре бо чашми худ бубинам. Акнун сухан аз туст, малика.

Хотун як дам сукут карда, нохост чунин суоле дод:

– Оё дар мамлакати шумо калламушҳо ҳастанд, амир?

Аз ин суоли аҷиб ҳам Саид ва ҳам атрофиёнаш ҳайрон шуда монданд.

– Чӣ…Калламуш?.. Ин суол ба чӣ маънист, малика?

Хотун бо чеҳраи кушод ва як навъ лаҳни нуктаомез ба сухан даромад.

– Вақти омаданам аз деҳи вайронае гузаштам, дидам – калламуше, ки шояд мири ҳамҷинсонаш бошад, пораи нони хушке ба дандон газида мегурехт, аз қафо якчанд калламушони дигар медавиданд. Ин ҳолро дидаму соли қаҳтӣ ба ёдам омад. Ҳафт сол аз ин пеш дар кишвари мо баҳору то-

бистон хушк омада қаҳтӣ рӯй дода буд. Мушу калламушҳо аз гуруснагӣ чандон бебок шуда буданд, ки дар рӯзи равшан гала-гала дар хонаҳо, анборҳо, даштҳо такопӯ доштанд, ҳама ҷо ва ҳама чизро мешикофтанд, медариданд, мекан-данд, мехоиданд. Турфа махлуқони палиде ҳастанд ин калламушҳо. Зиндагониашон фақат аз роҳи дуздиву яғмогарист. Чӣ зарарҳое ки ба мардумон намерасонанд, чӣ офатҳое ки намеоваранд. Онҳоро бо калтак, заҳри марги муш, оби ҷӯш, бо ҳар чи дар дастраси мардумон бошад, куштан, нест кардан савоб аст. Он мири калламушон ҳам, ки дидам, эҳтимол охирин пораи нони бевазане ва ятимеро бурда бошад…

Дар маҷлиси амир турфа ҳолате барқарор гашт. Вай ва атрофиёнаш чандон бефаҳм набуданд, ки маънии кинояро нафаҳманд. Саид чин ба абрӯ овард, лабони борики камху-нашро ба ҳам фушурда, ба зонувони худ назар дӯхта буд, атрофиёнаш ҳар яке ба касе монанд шуда буд, ки ногоҳ ба унвонаш дашноме шунида ё худ як торсакӣ бар рӯяш хӯрдаасту намедонад чи аксуламале нишон диҳад. Ҳама хомӯш ва нигарон буданд, ки пешвояшон чӣ мегуфта бо-шад.

Саид ниҳоят сар боло карда ба Хотун нигарист ва оҳиста беқаҳр гуфт:

– Ин чӣ суханест, ки ту дар мо гуфтани онро ба худ раво доштӣ, малика?

– Одамӣ он чи ба хотираш меояд, мегӯяд, амир. Гуноҳи он мири калламушони дузд аст, ки офатеро ки дар соли қаҳтӣ аз онҳо зуҳур карда буд, ба хотирам овард,– бо зоҳири соддалавҳнамо посух дод малика.

– Чӣ магар дар хотири ту онгоҳ, ки вориди маҷлиси мо шудӣ, фақат ҳамин буд?

– Фақат ҳамин, амир.

– Калламушон?

– Оре, калламушон, палидии онҳо, яғмогарии онҳо.

– Хостӣ тамсил[1] бикунӣ, малика?

– Иҷозат фармой, ки ман ба ин пурсиши ту посух надиҳам, амир.

– Ту тамсил кардӣ, сухан ба киноя гуфтӣ, малика, аммо кинояи ту чунон буд, ки шаъну шарафи кинoягӯйро аз байн мебарад.

Мансабдорон ва сарони сипоҳ магар ин сухани амири худро ҷавоби шоистае донистанд, ки мамнунона ришханд карда, дар ҷоҳои нишасташон ҷунбон шуданд. Малика чеҳрааш барафрӯхт, чашмони шаҳлояш шӯълафишон гаштанд. «Акнун бе рамзу киноя мегӯям, ошкор мегӯям,– ба дилаш қарор дод ӯ. – Ҳарчӣ бодо бод. Сипас ин калламушон, ғоратгарон, қотилони саропо мусаллаҳ, агар хоҳанд, бигузор ба як нафар зани оҷизаи беяроқ дарафтанду шармандагӣ ва бадномии абадро ба гардан гиранд». Пас гуфт:

– Бешаъну шараф на он касест, ки аз калламушон сухан мегӯяд, балки он касест, ки кирдораш калламушони гуруснаро ба хотир меорад.

Мансабдорон, сипоҳиён худро таҳқиршуда دониста бeқарор гардиданд: нидоҳои қаҳру ошуфтагӣ, овозҳои ғазаболуд бароварданд. Ҳатто даст ба қабзаи шамшеру ханҷарҳо бурданд. Моҳбудон ва шарики вай, ки то ин дам қиёфаҳошон аз гуфтори кинояомези малика норозӣ буданашонро ифода мекарду лекин вайро аз он гуфтор боздошта натавониста ба танг омада буданд, акнун рангу ҳангашон канд ва раъша дар андомашон афтод. Малика бошад ҳеҷ дигаргун нашуда ба амиру атрофиёнаш бо назари нафрату кароҳат менигарист.

Саид ба атрофиёнаш ишораи ором шудан намуда, ба малика хитоб кард:

– Ту, Хотун, мустаҳиқи сар буридан шудӣ, лекин ман

[1] Мисол овардан, монанд кардан.

намехоҳам теғи худро ба хуни зани ҳарзагӯе олуда кунам. Мукофоти ин ҷасоратро мо ба ту дертар хоҳем дод.

Вай инро гуфта бархоста ба чодири дарун даромад.

**39**

Малика бо мулозимонаш бархоста аз чодир бадар рафтанд.

Молик ибн-ур-Райб аз паси Саид ба чодири дарун даромаду баъди андак фурсат баромада ба берун шитофт, боз ба дигар чодири хурде, ки дар канори дуртар истода буд, дохил шуд ва баъди як дам баромада, тарҷумони эрониро ҳамроҳ гирифта сӯи тахти равони малика рафт. Малика ҳанӯз ба тахти равон нанишаста буд. Молик бо тавозӯи ҳарчи тамомтар ба вай чунин гуфт:

–Улёҳазрат! Бо иҷозати олӣ хоҳиши оҷизонаи як нафар ҳаким ва аълами уламои арабро ба самъи муборак мерасонам. Эшон агарчи бо мо ҳамсафаранд, лекин ба ҷангу ҷидолҳо коре надоранд, сайёҳ ва зоиранд[1] авсофи Хотуни Бухороро шунида, ба улёҳазратам ғоибона иродат меварзанд. Эшон имрӯзҳо каме нохушанд, аз чодири худашон намебароянд, оҷизона илтимос карданд, ки улёҳазратам ба лутфи мулукона қадами муборакашонро барои аёдати бемор ранҷа фармоянд, то ки аз хуршеди ҷамоли улёҳазрат дилу дидаи эшон нур бигирад ва бошад, ки аз баракати дидори файзбор сиҳат ёбанд. Чодири эшон инак наздик аст.

Молик тори суханро бо чунон лаҳни сидқу илтиҷо танид, ки малика дар он дармонд ва бехабар аз макри душман хоҳиши ӯро пазируфт. Бо мушояти чанде аз мулозимон ва парасторонаш сӯи чодири нишондодаи Молик равон шуд.

Аммо ба даруни чодир қадам ниҳоданаш ҳамон буд ва ҳаросону ларзон берун ҷастанаш ҳамон. Вай дар он ҷо марди девсуратеро дид, ки тани пурмӯяш то миён луч, сараш

[1] Зоир–зиёраткунанда.

ниҳоят калон ва мӯи сараш сурхи дарҳампечида ва то буни гарданаш фуромада, дар дасташ шамшер, дар пеши гулхани фурӯзон рост истода буд, чашмони шоҳкосавораш ҳам аз тоби оташ сурх буданд, вай гӯё ки каси даромадаро ба даридану фурӯ додан тайёр шуда истода бошад, даҳонашро калон кушода, бо як хандаи ваҳшатангез ба малика менигарист.

Ин мард Ҳозим ном яке аз сарони сипоҳ буд, табиати халлоқ ӯро ҳамингуна халқ карда ва бо ваҷоҳате, ки тасвир ёфт, ороста буд. Ӯро ба сабаби сурхии мӯйсараш дар лашкар Деви Сурх лақаб ниҳода буданд. Вай олати ҳилаи Саид ва Молик гардид. Ҳиларо дар он ҳангом, ки Саид дар поёни маросими қабули малика ба чодири дарун рафту Молик аз пасаш ба он ҷо даромад, дуяшон дар хилват эҷод карда буданд. Саид барои ниқор гирифтан аз малика василае ҷуз ин наёфт, ки ба мақсади масхара ва хор кардани ӯ ҳамин ҳилаи бешармонаро ба кор барад. Хотуни соддадил, ки аз фотеҳон то ин дараҷа пастиро гумон надошт, ба доми фиреб ғалтид.

Чун маликаи ваҳшатзада аз чодири Ҳозим онгуна берун ҷаст, Молик ва дигар сипоҳиён, ки дар он ҷо гирд омада буданд, қоҳ-қоҳ хандиданд.Малика бо алам суханони зерини пур аз нафрати сӯзонро сӯи онҳо афканд:

– Ин разилон фақат ба худашон монанд ҳастанду бас! Аз дасти инҳо ғайр аз кирдорҳои разилона чӣ ҳам меомад?!

Сипас вай тез-тез қадам монда ба тарафи тахти равони худ равон шуд.

## САМАРҚАНД ҶИҲОД МЕКУНАД

### 40

Дар шомгоҳи сокиту ором аҳли хонавода дар суфаи рӯи ҳавлӣ пас аз сарфи шавлаи қӯноқии кишмишу зардолу хӯрда нишаста буданд. Ёди Ревахшиёни марҳумро мекарданд. Оҳиста-оҳиста торикӣ доман меёзонд. Гунҷишкҳо,

мусичаву кафтарҳо дар лонаҳошон орамида, фақат якто-нимто дермондаҳошон саросема сӯи ошёна мешитофтанд. Ҷои чаҳ-чаҳу ку-куи онҳоро чирроси чирчиракҳо мегирифт. Фазои ороми нимторик акнун дар ихтиёри шабпаракҳо монда буд, ки дар паи шикори хомӯшакҳои чун кулӯхи ба ҳаво ғуррондашуда ба ҳар сӯ паррон буданд. Виркан писар-чаашро, агарчӣ фақат се рӯз надида будаш, пазмон шуда буд, вайро бар зонувонаш шинонда навозиш мекард.

Ревахшиёни пир як ҳафта пеш вафот карда буд. Дарди беморӣ накашида, дар ҳоле ки набераашро дар пушташ бар-дошта буду ба «чаро-чаро»-ҳои беҳисоби кӯдак ҷавоб гӯён аз боғча ба ҳавлӣ ворид мешуд, ба ногоҳ дар худ як сустии ғайриоддӣ ҳис карду ба замин нишаст; Шеркавич аз дӯши бобо фуромада дарҳол худро ба бағали вай андохт. Пира-мард ба пурсиши навбатии бача дар бораи он ки чаро пишак чорто пой дораду хурӯс фақат дуто, ҷавоб дода истода, оҳиста ба паҳлӯ ғелиду хомӯш гашт; бақияи суханаш дар даҳонаш монд.

Аҳли хонавода ба дил ҳанӯз азодор буданд, Виркан аз чигуна фарёду фиғон кардани падараш дар майдони машқи сарбоз, ҳангоме ки ӯ, Виркан, дар набард бо нахустпаҳлавони Суғд мағлуд шуда буд, аз гиряи пурдарду алами пирамард дар вақте ки ӯ дар Искиҷкати Бухоро аз Нӯфарни бемурувват озодии писарашро металабид, ёдовар шуда дар нимторикии шом ашки чашмонашро пинҳонӣ пок мекард.Суханони падари дилфигораш: «Озодии ту барои ман саодати ҳар ду дунёст… Агар озодии туро надида би-мирам, саодати он дунё ҳам ба ман даркор нест» ҳанӯз дар гӯши Виркан садо медоданд…

Ӯро Ёдхишетак ба хизмат гирифта, сарҳанги як дастаи чокирони худ таъин карда буд. Ӯ ҳар рӯз дастаи худро дар майдони махсус ё ки дар дашт машқи савориву камонкаши-ву шамшерзанӣ медод: ба хонааш фақат ҳафтае ду бор мео-мад, агарчӣ Ревдод аз Самарқанд чандоне дур набуд, масо-фа камобеш як фарсах (6-7 километр) буду бас.

Баногоҳ аз кӯча садои суми аспи шитобандае баланд гардид. Баъди як лаҳзаа асп истоду дари берун сахт-сахт кӯфта шуд. Кӯбанда рухсати ворид шудан гирифта дарро яла карду тез-тез қадам партофта пеши суфа омад. Вай яке аз чокирони дастаи Виркан буд.

– Шод бош, сарҳанг,– салом дод чокир. – Ёдхишетак туро металабад. Фармуд, ки нишаста бошӣ, бархез ва бархоста бошӣ, савор шав!

– Чӣ ҳодиса? – хавотир кашида пурсид Виркан.

– Араб лашкарашро ба ин сӯ кашидааст. Пайк аз Дабусия омад, роҳбарон талояи арабро дар роҳи байни Дабусия ва Карминия дидаанд.

Виркан Шеркавичро аз зонувони худ бардошта ба паҳлуяш шинонду бархост.

Наниманча ва модараш бо хотири мушавваш ба дастархон таоруф кардани пайкро ҳам фаромӯш карда буданд, ин фақат дар вақте ба ёдашон омад, ки вай ақиб гашта рафтанӣ шуд:

– Ҳой, бинишин , нон бихӯр!

Чокир баргашта дар лаби суфа нишасту нону ангур тановул кард.

Наниманча ба собот назди шавҳараш, ки аспро зин мезад, омад:

– Виркан, акнун чӣ мешавад?

Виркан на он қадар аз худи ин пурсиш, балки бештар аз лаҳну оҳанги он ба биму ҳароси ботинии занаш пай бурд. Чокир хабари ҷангро овард. Наниманча, ки як бор бо он ҳама даҳшату фоҷиа аз шавҳари маҳбубаш ҷудо шуда буд, акнун аз тақдири вай, тақдири худаш ва бачааш ба хавотир афтода буд. Виркан ин кайфияти ӯро ҳис кард.Ӯ медонист, ки ҷанг ногузир аст. Самарқанд, подшоҳи он ҳаргиз таслим нахоҳанд шуд. Бино бар ин вай хатарро аз занаш пинҳон кардану ба вай тасаллои бардурӯғ додан нахост:

– Пуртоқат бош, Нанӣ,– даст ба китфи Наниманча ниҳода гуфт ӯ. – Ҳар чи ба сарамон ояд, ту пуртоқат бош, ҳаргиз

худатро бой мадеҳ. Агар ман дар ин як-ду рӯз омада натавонам, хабар медиҳам.

Вай бо занаш ва модарарӯсаш хайрбод кард ва Шеркавичро бӯсиду бо ҳамроҳии чокир сӯи Самарқанд раҳсипор гардид.

Ҳар ду бо ҷадал асп ронда, андаке пештар аз маҳкам шудани дарвозаҳои шаҳристони Самарқанд ба он расиданд.

Кӯшки Ёдхишетак дар паси дарвозаи ҷанӯбӣ воқеъ буд, ки Дарвозаи Каш номида мешуд ва Виркан аз вай ба шаҳристон дохил гардид. Нахустпаҳлавон ӯро дар меҳмонхонаи худ мунтазир буд. Хонаи калони ёздаҳболоририро чаҳор шамъи фурӯзон дар шамъдони тиллоӣ равшан мекард. Дар деворҳои хона ханҷару шамшерҳои ҷавоҳиркӯб, камону сипарҳо овехта шуда буданд. Ду тарафи хона, ба қадри як ваҷаб аз фарши он, суфа буд, онро бо гилемҳои гулдор пӯшонда буданд.

– Шод бош паҳлавон! – салом дод Виркан.

Ёдхишетак ба саломи вай бо ҷунбонидани сар ҷавоб дод ва ишора кард, ки дар паҳлуяш нишинад. Виркан нишаст. Чокир берун рафт. Паҳлавон аз рӯи одати худ гуфтугӯро бо чунин суол сар кард:

– Чӣ хабар?

– Хабарро аз ту мешунавем,– ҷавоб дод Виркан.

– Магар нашунидӣ?

– Чокир фақат нӯгашро баровард.– Он чӣ фақат пиндор буд, ҳақиқат шуд. Умед доштем, ки ин амири араб ҳам монанди амири пештараашон… номаш чӣ буд?

– Убайдуллоҳ ибни Зиёд.

– Ибни Зиёд. Ин бор Саид ибни Усмон номе омадааст. Аз шоҳзодагони араб будааст. Подшоҳи мо умед дошт, ки ибн Саид ҳам монанди ибни Зиёд Бухороро ғорат мекунад ва аз Хотун ҳам хироҷе мерӯёнаду меравад. Умедаш пуч баромад. Ӯ бо вазиронаш машварат карда, ба ҷангидан қарор дод. – Ёдхишетак як дам сукут карда суханашро давом дод:– Лекин арабро пеш аз он ки ба Самарқанд бирасад,

лоақал се-чаҳор рӯз дар роҳ овора кардан лозим аст, то ки мо ба мудофиа дурусттар тайёрӣ бинем. Подшоҳ аз ман пурсид:

– Ба ин кор кадом сарҳанг лоиқтар аст? Гуфтам – Виркан. Гуфт: Оре. Амр кард, ки туро фавран бо понсад савора камонкашу шамшерзан бо роҳи Бухоро фиристам, то ки роҳро ба араб бубандӣ… Қабул?

Виркан аз ҷой ҷаста ба по хест:

– Фармон мебарам! – гуфт ва пурсид:– Лашкари араб чӣ қадар бошад? Нахустпаҳлавон бо як навъ лаҳни танбеҳомез гуфт:

– Магар паҳлавон, марди майдон шумораи душманро мепурсад?

Виркан мулзамона лабханд карда ба замин нигарист.

– Ту зиндаи душманро нашумор, мурдаашро бишумор,– илова кард Ёдхишетак. Суханашро давом дода гуфт:– Дастаи ту сад нафар, ман боз чаҳорсад нафар ба вай изофа кардам. Сарбозон дар лашкаргоҳ ба сафар тайёр шуда истодаанд ва мунтазири туянд.

Бо фармоиши ӯ хизматгораш аз ҳавлии дарун хӯрок ва шароб овард. Дар аснои хӯриш Ёдхишетак бо Виркан дар бораи чигуна амал кардани дастаи саворони ӯ мусоҳиба намуд. Сипас ҳар ду бархоста бо шитоб ба лашкаргоҳ равон шуданд…

## 41

Лашкари истилогар фавҷ-фавҷ, ҳар фавҷе мансуб ба яке аз қабилаҳои араб, дар шоҳроҳи байни Бухоро ва Самарқанд ба чандин фарсах тӯл кашида ҳаракат мекард. Пешопеши ҳар фавҷсаворони ҷавшанпӯши баргустувондор, аспҳошон ҳам баргустувондор, асосан асилзодагони араб аз ҷумлаи бодиянишинон меомаданд. Дар ақибашон пиёдаҳо. Бештарини пиёдаҳо аз маволӣ (маволҳо) иборат буданд (маволӣ гуфта арабҳо мардумони ғайриарабро меномиданд, ки ба фотеҳон таслим ва ба дини ислом даровардашуда будан).

Лашкари пиёда аз лашкари савора ду-се карат зиёд буд.

…Он рӯз сари лашкар ба Рабинҷон расида ва думаш дар Дабусия буд (аз шаҳрчаи Дабусия то шаҳрчаи Рабинҷон масофа панҷ фарсах-камобеш сӣ километр ва аз Рабинҷон то Самарқанд дувоздаҳ фарсах буд). Бунаи лашкар бошад, дар байни Карминия ва Дабусия ҳаракат мекард. Бунаи иборат аз чандин сад шутур, аспу хар, ароба ва ҳаммолони пиёда дар офтоби сӯзон таҳти муҳофизати понсад сарбози савор бо сардории Ҳозим–Деви Сурх аз паи лашкар кашол шуда меомад.

Шабонгоҳ буна ба наздикии Дабусия расида қарор гирифт. Дар ҳар ҷо-ҳар ҷои дашти кушод гулханҳо афрӯхта шуданд. Одамон ва чорпоён дам мегирифтанд.

Шаб орому серун, осмон ситоразор. Завраќи моҳи нотамом дар баҳри осмон, байни ситораҳо, ки гӯё кафкҳои баҳр буданд, шиноваранд. Дар уфуқи ҳар ду ҷониби дашт талҳо пасту баланд, сиёҳии деҳаҳо намудор. Ак-аки як-ду саги беқарор ва нӯлааи ду-се шағоли бедор, ки аз дуродур ба гӯш мерасид, ҳисси оромии шабро қавӣ ва фақат ғалоғулаи ӯрдугоҳ ин оромиро халалдор менамоянд. Лашкариён ва ҳаммолон тӯда-тӯда дар ҳар ҷо давра гирифта зоди сафарашонро мехӯранд. Иддае дар гирди тӯдаҳо, байни аспу аробаҳо ва шутурҳо ба гардишу тараддуд. Аз баъзе ҷоҳо якка-якка садои тарона ё ки замзама шунида мешавад.

Дар ин вазъи хотирҷамъию осудагии ӯрду, ки зоҳиран андешаи бимеву хатаре дили фардеро намехарошид, баногоҳ аз тарафи рости ӯрду тапар-тапари пурҳайбати суми аспон ва ҳаёҳу, ғавғо, ҷеғу доди ваҳмангез бархост.

Саворони Виркан ҳуҷум оварда буданд. Онҳо ним фарсах дуртар аз ӯрдугоҳи Ҳозим дар паси қаторталҳои қабат ба қабат камин гирифта буданд.Аз камингоҳ номаълумак баромада, масофаеро хомӯшона тай карда, ба наздикии ӯрдугоҳ расидандy якбора чорхез асп андохтанд ва ҳаёҳуро сар доданд.

Дар ӯрду воҳима афтод.

Сарбозони Ҳозим, ҳаммолон, чорпоён дар ҳоли саргумӣ, такопӯю даводав ба ҳам омехтаву моломол шуда рафтанд. Ҳозим бехудона наъра кашида фармонҳое медод, ки камтар касе ба маънои онҳо сарфаҳм мерафт. Фурсат куҷост, ки ҷанговарони ӯ яроқ бардоранду омодаи дифоъ шаванд! «Сари калоба»-и тартиб гум буд ва сарриштаи низом нопадид. Дар якчанд дақиқа беш аз дусад сарбози арабу мавол̄ӣ тӯъмаи шамшерҳои чокирон ва иддае бо ҳамроҳии борҳои буна лагадкӯби аспони пӯлодсум гардиданд. То Ҳозим ва ду-се сарҳанги саргумнашуда бо ҷеғу доду ниҳеб ва зарби шамшеру тозиёна сарбозони ба ҳар ҷониб гурехта ва саломат мондаашонро гирд оварда ба муқовамат ҳозир карда буданд. ки саворони Виркан чун гирдоб гузаштанду рафтанд. Дар тобиши хираи қурси моҳу ситораҳо аз дуртар фақат сояҳои парешону тозони онҳо менамуданду садои суми аспҳошон ба гӯш мерасид, ки он ба зудӣ хомӯш гардид. Ҳозим онҳоро шабона дар ҷоҳои ношинос на ҷуръати таъқиб кардан дошт ва на умеди натиҷае ҳосил кардан аз чунин таъқиб.

Деви Сурх аз тарси ғазаби амир тамом бедасту по шуда буд. Вай аслан марди тарсу буд. Одамони шамоили ӯро дида метарсиданд, вай бошад аз рӯ ба рӯ шудан бо душман, аз захми тиру теғ, аз кушта шудан сахт метарсид. Дар ҷанг вақти ҳуҷуму ҳамла бо ҳар баҳона ақиб мемонд, ҳангоми фирор ё ақибнишинӣ аз ҳама пеш асп метохт.

Торумор шудани бунаро хоҳу нохоҳ ба амир хабар додан лозим буд. Деви Сурх пайки саворро ба роҳ андохта фармуд: «Ба ҳазрати амир бигӯ, ки мо чаҳорсад кофирро куштем», вале баъд ба хотираш расид, ки ягон нафар ҳам мурдаи «кофир» дар миён нест, амир ояду дурӯғи ӯ фош шавад, гуноҳи Ҳозим дучанд мегардад. Пайкро аз роҳ гардонда фармуд: «Бигӯ, ки кофирон мурдаҳо ва захмдорҳошонро бор карда бурданд». Лекин пайкро бори дигар аз роҳ гардондан лозим омад, зеро амир магар намепурсад, ки «вақте ки онҳо мурдаҳошонро мечиданду бор мекарданд, шумоён

чи кор мекардед? Тамошо карда меистодед?» Тарс, хотирпарешонӣ, саргумӣ ақлу ҳуши Деви Сурхро рабуда буд.

Саид бинни Усмон аз хабари расида сахт ошуфтаҳол гардид. Лашкарро аз ҳаракат боздошта, худ бо саворони хосса ба ақиб, ба қароргоҳи буна шитофт. Ӯ ба он ҷо нисфирӯзӣ расид. Сарбозон ва ҳаммолон машғули гӯркобӣ буданд. Пас аз хондани ҷаноза ва гурондани «шаҳидон» Саид амр кард – Ҳозимро ба мукофоти ғафлати шабонааш луч карда, ба замин хобонда сад тозиёна заданд. Деви Сурх агарчи сахт афгору хуншор гашта буд, боз ҳам шукр мекард, ки ба ҳар ҳол кушта нашуд, зинда монд.

Лашкари истилогар ду рӯз аз ҳаракат бозмонд.

Виркан пас аз он бо саворонаш боз чандин карат дар ҷоҳое, ки истилогарон ҳеҷ гумон намекарданд, пайдо шуда, гоҳ ба дастаҳои қафомонда, гоҳ ба миёна, гоҳ ба дум ва гоҳ ба буна ҳуҷумҳои ногаҳонӣ бурда хисорат мерасонд.Ба ин тарз вай лашкари Саидро як ҳафта дар байни Дабусия ва Самарқанд овора кард. Қариб ҳазор нафар сипоҳи ӯро маҳв кард, захмдор кард, аз саф баровард. Аммо аз чокирони вай ҳам чаҳорсаду чанд нафар талаф шуданд ва худаш ду бор захмдор шуд. Захмҳояш хавфнок набуданд, бо амали ҷарроҳону табибон ба зудӣ беҳ мешуданд.

## 42

Самарқанд калонтарин шаҳр ва пойтахти Суғд бо ду қатор бора (девор)-и баланду ғафс иҳота ва дар ҳар ду қатор ба масофаҳои муайян ба тартиби шоҳмотӣ бурҷҳои мустаҳкам барафрошта шуда буданд.

Ихшид ва шаҳриён дар паси ин деворҳо худро осуда ва аз ҳуҷуми ногаҳонии душманони беруна эмин ҳис мекарданд. Шаҳр дар сари чорраҳаи тиҷорати байналхалқӣ, дар ҷое, ки шоҳроҳҳои бозаргонӣ аз Ҳиндустон, Эрон, Туркистон ва Хитой омада ба ҳам мепайвастанд, воқеъ шуда, пур аз анборҳои мол ва растаю дӯконҳои савдо, пур аз

устохонаҳои ҳунармандон, пур аз сарвату неъмат буд. Ба молҳои аз чаҳор сӯи ҷаҳон ба шаҳр дароянда маҳсули заминҳои зархез ва боғҳои пурсамари атрофи Самарқанд, маҳсулоти косибу ҳунармандони гулдасти вай зам мешуданд. Ҳар рӯз аз бомдод то хуфтан аз дувоздаҳ дарвозаи шаҳр ба вай анвои неъматҳои барои фурӯш ворид ва гуна-гуна моли харидашуда хориҷ мегардиданд. Ҷамъияти мардумони дар вай зич, моломол, ҳама ҷои шаҳр шодоб, ҳавзҳо пуроб буданд; оби дарёи Номик, ки дар он вақт Зарафшон чунин номида мешуд, аз тарафи ҷануб, аз дарвозаи Каш бо наҳри калоне, ки ҳар ду лаби он сар то сар бо сурб (қурғошим) пӯшида шуда буд, ба шаҳр медаромад ва ба шохобҳои бисёре ҷудо шуда ба маҳаллаҳо, боғу бӯстонҳои шаҳр равон мегардид.

Пас аз солҳои бисёр Самарқанд ба амри ҳаводис кам-кам ба ҷои ҳозирааш хоҳад кӯчид ва харобаҳои Самарқанди кӯҳна ба зери хок рафта хокпуштаҳоро ба ҳам расонида, ҷои он теппаю хокпуштаҳои бегиёҳ Афросиёб номида хоҳад шуд…

Ҳар кӣ аз болои бурҷу бораҳо ба шаҳр нигоҳ мекард, шаҳрро ғарқи баҳри кабудӣ медид. Хонаҳои шаҳриён, кӯшкҳо, коххои давлатмандон ва бузургзодагон аз байни боғу бӯстонҳо ва дарахтзорони сабзи сиёҳтоб ҷилва мекарданд.

## 43

Саид бинни Усмон бовар дошт, ки шаҳрро ба зудӣ мегирад. Агар дар аввали кор андак биме ба дил дошт (мабод ки дар он сарзамини дур ба лашкараш «чашми захм»-е расад!), аммо як тасодуфи ночиз он бимро аз дили ӯ рафъ кард. Тасодуф ин ки дар он ҳангом, ки Саид бо муқаддимаи лашкараш аз рӯди Ҷайҳун мегузашт, дар миёни рӯд овози ду сарҳанги худро шунид, ки ғуломонашонро садо мекарданд: яке «Ҳой, Улвон!» мегуфт, дигаре «Ҳой Зафар»! Саиди авҳомпараст аз ин номҳо фоли нек гирифт ва ба худ гуфт:

«Инак башорат аз ғалаба! Иншооллоҳ дастам болои дасти душман хоҳад буд».

Вале муқовимати самарқандиҳо нақшаи ӯро барбод дод.

Агар аз Хуросон пай дар пай дастаҳои аскарӣ ба мадади вай намеомаданд, торумор шудани ӯрдуяш муқаррар буд. Сайёҳи хитоӣ Суон-Чин, ки ҳамагӣ чоряк аср пеш аз юриши Саид бинни Усмон ба Суғд омада будааст, дар бораи самарқандиҳо мегӯяд: «Лашкари онҳо тавоност: қисми бештари онро ҷи-га (чокирон) ташкил мекунанд. Мардумони ҷига табиатан пурхашм ва шуҷоъ мебошанд. Онҳо маргро бозгашти ба хона медонанд. Ҳар гоҳ, ки ҳамла меоваранд, ҳеҷ як душман ба онҳо муқовимат карда наметавонад».

Ҳамин чокирон буданд, ки бо ҳамроҳии дастаҳои фидоиёни халқӣ ҳар пагоҳ аз дарвозаҳои шаҳри ба ниммуҳосира афтода баромада худро ба болои душман меафкананд. Манҷаниқҳояшро мешикастанд. Қир мекарданд ва қир мешуданд.

Ба ҳамин тарз мудофиаи шаҳр як моҳ тӯл кашид. Лашкари араб ба шумора аз мудофеони яроқдори шаҳр се карат зиёд буд, вай ҳар чӣ қадар талафот ҳам диҳад, боз кам намешуд, фавҷ-фавҷ сарбозони аз Нишопур, Марв ва вилоятҳои дигари Хуросону Эрон ба мадад расида сафҳои онро пур карда меистоданд. Ғайр аз ин боз чандин ҳазор мардумони Суғд, ки арабон онҳоро аз деҳу деҳкадаҳои атроф асир карда оварда буданд, дар зери тозиёна хизмати лашкари Саидро мекарданд: бор мекашиданд, хандақҳо мекофтанд, озуқаю улуфа[1] мекашониданд. Арабҳо бисёр кӯшиданд, ки лоақал ягон ҷои девори шаҳрро рахна кунанд, лекин натавонистанд. Аз ҳар ду тараф чандин паҳлавонони номдор кушта шуданд. Ёдхишетак чокиронро пайваста ба ҳамлаҳои ҷавобӣ мебурд. Вирканро Ёдхишетак ба сари майманаи[2] сипоҳ гузошта буд. Дуяшон дар пешо-пеши

---

[1] Таъминот.

[2] Қаноти рости лашкар.

фавҷҳои худ шамшер мезаданд, гурз мекӯфтанд, камону каманд меандохтанд. Чӣ басо сипоҳиёни душман, ки аз дасти онҳо марги худро ёфтанд. Ёдхишетак се бор бо се паҳлавони сипоҳи Саид тан ба тан набард карда, ду ҳарифи худро сарнагун сохт, лекин дар набарди саввум шаҳид гардид.

## 44

Пагоҳи рӯзи нуздаҳуми ҷанг, ҳангоме ки дар беруни дарвозаҳои шаҳр лашкари ҳар ду тараф дар муқобили якдигар саф ороста омодаи ҳарбу зарб шуда буданд, савори ҷавшанпӯше бо сипару найза пеш баромада, ба тарафи арабҳо овоз дод:

– Ҳой фурӯмоягон, аҳриманзодагон! Самарқандро шумо мебинед, лекин танҳо дар хоб! Агар дар байни лашкариёни дузду қотили шумо ягон аблаҳи паҳлавонтароше бошад, барояд бо ман набард кунад! Ку аҷали нангини кадоматон расидааст?!

Молик ибн-ур-Райб, аз ақиб саиси ҷавонеро пеш хонда, савори суғдиро нишон дода пурсид:

– Гуфтори ӯро шунидӣ?

– Шунидам,– ҷавоб дод саис.

– Чӣ мегӯяд?

Мубориза мехоҳад.

– Боз чиҳо гуфт?

Саис ба зудӣ ҷавоб надод, даранг кард.

– Чиҳо шунидӣ, ҳамаро бигӯ! – амр кард Молик. Ҷавон қад алам карду рост ба чашми Молик нигариста гуфт:

– Хитоб кард: «Эй аҳриманон, даррандагони одамшикор, сагони калпесахӯр, калхотҳои лошахӯр, бароед ба ҷанги ман!»

Молик ба ҷавон як назари ало афканду шамшер кашида бо як зарб ӯро аз по афтонд. Шамшер аз китфи рости саис даромада танашро то бағали чапаш қалам карда буд. Вай

дар таги пои аспон оғӯштаи хун шуда тапид-тапиду орамид. Ин ҷавон аз Тус буд, толибилм буд, суғдӣ ва арабӣ медонист, яке аз сипоҳиёни ба мададу Саид омада чанде пеш дар Тус ҳангоми фурӯ нишондани шӯриши аҳолӣ ӯро асир гирифта, саис ва шотири худ карда ба Самарқанд оварда буд.

Молик дар пеши қатори лашкар асп давонда мепурсид:

— Кӣ ба набарди ин чокири суғдӣ мебарояд?

Талабгор ёфт нашуд. Касеро заҳраи он набуд, ки ба ҷанги тан ба тан барояд. Молик барошуфт:

– Ҳамият надоред! Кофирон ба шумо механданд!

Яке аз сипоҳиён гуфт:

– Худат чаро намебароӣ? Дар байни мо аз ту боҳамияттар касе нест.

Молик истода ба тарафи савори суғдӣ як нигоҳ карду «Оллоҳу акбар! Худовандо, мадад!» гӯён аспро маҳмез зада ба майдон тохт.

Мубориз суғдиро, ки Виркан буд, аз наздик дида шинохт, ҳайрон шуд, сари аспро кашид:

– Э валлоҳ! Садиқу саҳра-эл-Ҳиҷаз?[1] Инак аз гардиши фалак паланги ҳиҷозӣ ва шери суғдӣ бори дуввум дар майдони ҷанг бо ҳам рӯбарӯ шуданд.

Виркан аз калимаи «Ҳиҷаз» маънии сухани ӯро ба тақриб фаҳмид.

– Оре, он рӯз ту ба фирор ҷони палидатро халос кардӣ, лекин имрӯз халос намешавӣ. Аҷалатро бубин, ман аҷали туам! – Инро гуфта, паҳлавони суғдӣ ба Молик ҳамла бурд.

Бо сарнайза ҷанг оғоз карданд.

Виркан як навбат ки найза меандохт, найзааш ба кӯҳаи зини Молик бархӯрд, зин шикаст, савораш ғалтид, лекин найза ҳамоно ба дасташ буд. Виркан ба қасди куштани ӯ найзаашро боло карда буд, ки Молик дар талвосаи ҷон тез-тез ба шеваи зорӣ сухан гуфтан гирифт. Вай ба арабӣ ме-

---

[1] Ошнои биёбони Ҳиҷоз.

гуфт: «Маро накуш, ман назди амир эътибори калон дорам, ӯро ба бас кардани ҷанг розӣ мекунам, ба ҳар чи хоҳӣ, қасам мехӯрам, ки розӣ мекунам, амир сухани маро мегирад. Агар маро кушӣ, имкони бас кардани ҷангу муҳосира аз байн меравад, лекин шумо талафоти бешумор медиҳеду шаҳратон, кишваратон табоҳ мешавад». Виркан забони ӯро нафаҳмида мутараддид буд: ҳар ду дар наздикии сипоҳи араб қарор гирифта буданд, дар аснои суханронии Молик баногоҳ аз сафи сипоҳ марде баромада беяроқ ду даст боло карда ба сӯи инҳо давид ва давон-давон ба забони суғдӣ «Ман тарҷумонам! Тарҷумон! – гӯён фарёд мекард. Дар лаҳзае ки Виркан сарашро ба тарафи он мард гардонда нигоҳ кард, Молик якбора гурбавор ба по ҷаста найза андохт, зарби сахти найза Вирканро аз асп фурӯ ғалтонд, Молик палангвор хез зада вайро пахш кард, ҳамон лаҳза шахсе ки худро тарҷумон номид ва якчанд марди дигар аз сипоҳи душман давон омада, паҳлавони суғдиро баста ба тарафи худашон кашола карданд.

Суғдиҳо бо шитоб ҳамла оварданд, аммо ба мадади паҳлавони худ расида натавонистанд.

Дар кушатани душман як лаҳза даранг кардани Виркан ба сараш бало овард: вай асир афтод.

**45**

Дар болои девори шаҳристон як тӯда марду занҳо истода ҳарбу зарбро тамошо мекарданд. Онҳо шаҳриёне буданд, ки ҳар пагоҳ аз хонаҳошон ба писарон, бародарон ва шавҳарони худ – мудофиёни шаҳр хӯрок меоварданд.

Даме ки Молик ва шарикони ба мадад расидааш Вирканро мебастанд, аз байни тӯдаи болои девор зане фарёд кашида поён фуромаду аз дарвоза баромада ба тарафе, ки Вирканро бурданд, тохт. Вай Наниманча буд. Кушодарӯ буд (занони Суғд ҳанӯз фаранҷӣ ё чодирро намедонистанд), сарбараҳна буд, баъди як дам кафшашро аз по афканда

побарахна ҳам шуд, медавиду чиҳое гуфта дод мезад. Аввал сарбозони худӣ ва баъд сарбозони душман ӯро нигоҳ доштанӣ мешуданд, лекин Наниманча тоб мехӯрд, ба сару рӯи онҳо чанг мезад ё дастҳошонро мегазиду худро раҳо карда медавид.

Сипоҳиёни пиёдаву савораи ҳарду тараф гурӯҳ-гурӯҳ дар ҳар ҷо-ҳар ҷо гарми ҳарбу зарб буданд. Наниманча аз канораи онҳо ё ки аз фосилаҳои байни гурӯҳҳо мегузашту медавид. Дар часпочаспӣ бо сарбозон куртааш пора-пора шуда, мӯяш парешону жӯлида гашт, вай дар миёни гарди ғализе, ки размгоҳ ва размоварон ғарқи он буданд, гоҳ нопадид ва гоҳе боз падидор мегашту медавид. Ӯ дар пеш, дар масофаи ду-се парвози тир аз майдони ҷанг, байни чодирҳои бисёр чодири калонеро, ки дар болояш байрақи сабзе бо нақши қурси моҳу ситора пар мезад, медид, донист, ки бошишгоҳи амир он ҷост, ба ҳамон сӯ тохт.

Саид пеши чодираш дар курсӣ бо ду даст ба шамшер чун асо такя карда нишаста буд, ӯро як тӯда сарҳангон иҳота карда ва Виркани арғамчинбанд ҳам дар як сӯ хобида буд. Наниманча «Виркан! Виркан!» гӯён фарёд зада ба тарафи шавҳараш афканда шуд, лекин Молик ӯро аз мӯи жӯлидааш кашида нигоҳ дошт.

Наниманча дар пеши Саид ба зону афтида ду даст гоҳ бар сару гоҳ бар хок зада нолид:

– Инсоф бидеҳ, амир ! Сипоҳии ту номардӣ кард, ӯро – занак шавҳарашро нишон дод,– ба фиреб гирифт. Охир, ба зӯр натавонист, мағлуб шуд, ба макру фиреб гирифт! Ӯро озод кун, ё бифармой аз сари нав набард…

– Кист ин занак? – нолиши ӯро қатъ карда аз атрофиёнаш пурсид Саид.

– Ман аёли ин паҳлавон ҳастам, ки сипоҳиёни ту ӯро номардона гирифтанд,– худи Наниманча ба суоли амир ҷавоб дод. – Адл кун, амир ӯро раҳо кун. Наход ин паҳлавони ту ба нанги номардӣ тан диҳад? – Зан Моликро шинохта ни-

шон дод. – Наход ки, амир розӣ бошӣ, ки паҳлавони сипоҳи ту ба беномусию маккорӣ ном барорад?

– Ин аёл девона аст,– бо кароҳат гуфт Саид ва Моликро фармуд:– Дур кун ӯро ! Шӯяшро асир гирифтӣ, занашро ҳам бигир, ӯро ба ту бахшидам.

Наниманчаро дар ҳоле ки дод мегуфту ба зӯроварон лаънат мехонд, навкарони Молик кашон-кашон бурданд.

Виркан ин ҳолро медиду аз ғояти бетоқатӣ замин мегазид, чун мурғи нимбисмил метапид, арғамчинро канданӣ мешуд, лекин ҳосили тапишҳояш хароши хунини танаш, дасту пояш буду бас…

## 46

Наниманчаро навкарони Молик ба чодири ӯ бурда партофтанд. Вай дар намад ғел зада рӯю мӯй меканд, якзайл «Писаракам! Модарҷонам! « гӯён фарёд мекашид.

Дар китфаш дасти нарми касеро ҳис кард, нигоҳ карда духтари понздаҳ-шонздаҳсолаеро дид, ки чашмонаш аз гиря варам карда буд; духтарак мегуфт: «Туро ҳам гирифтанд? Ту кистӣ, хоҳар? Ором шав, охир аз гиряву нола чӣ суд? Дар пешониамон будааст, чи илоҷ?»

Дар кунҷи чодир боз як духтараки аз вай хурдтар нишаста буд, дуяшон ба ҳам монанд, дуяшон ҳам зебочеҳра, сафедпӯст буданд, лекин кӯфтхӯрдаву хастаҳол менамуданд, рангҳошон парида, таги чашмҳошон кабуд гашта буд.

Пас аз чанде Наниманча аз нолаю фиғон хаста шуд, ором гирифт, бо духтаракон ба гуфтугӯ даромад. Маълум шуд, ки онҳо хоҳарон будаанд, дар деҳе аз деҳоти рабази Самарқанд мезистаанд, чаҳор рӯз пеш Молик деҳаро тохта, ҷавонон ва духтаронро, аз он ҷумла ин хоҳараконро асир гирифта овардa будааст.

Марде аз даромадгоҳи чодир як табақ гӯшти пухта ва се-то нон дароз кард. Духтарон дастархон андохта Наниманчаро ҳам ба хӯрок таклиф карданд, лекин ӯ рад кард, нахӯрд.

Соате гузашт, ба чодир касе надаромад. Наниманча аз даромадгоҳ сар бароварда нигоҳ кард. Офтоби гармтоб ба домани осмон моил шуда буд, дар гирду пеш чодирҳои дигар ба назар менамуданд, ба онҳо мардони яроқдору беяроқ даро-баро мекарданд, дар ҳар ҷо-ҳар ҷо оташ афрӯхта шуда буд ва дуд мебаромад, бӯи дуд, саргин, мӯи сӯхта ба ҳаво печида буду ба димоғ мезад. Дар канораҳо аспон ва аз онҳо дуртар уштурон мечариданд.

Наниманча хеле вақт нигоҳ карда истод, як маҳал берун камтараддуд гашт, дар наздикиҳои чодир гардиши одамон қатъ шуд. Вай аз чодир баромада ба тарафи ғуруби офтоб, ки дар он тараф дашт аз одаму чорпо холӣ менамуд, гурехт. То пояш мадореву танаш маҷоле дошт, медавид. Лекин дур нарафт. Навкарони Молик, ки дар сояи тал дам мегирифтанду чодирро як нафас бепосбон гузошта буданд, хабардор шуда , аз дунболаш тохтанд. Ӯ гурезон буду онҳо аз қафояш давон.

Ниҳоят мондагӣ, гуруснагию ташнагӣ кори худро карданд. Наниманча аз ҳол рафт, ғалтида монд. Навкарон гурезаи нимбеҳушро бардошта оварда боз ба даруни чодир афканданд.

Баъди як нафас вай чашм кушод, об талабид, духтарон обаш доданд, сипас ба вай як бурда нон ва як-ду луқма гӯшт хӯронданд…

**47**

Он рӯз ҷанги қаттоле шуд. Ҳарбу зарб то шом тӯл кашид, лекин монанди ҳарруза дар дурангӣ анҷомид: на арабҳо сафҳои суғдиёнро рахна кардан тавонистанд ва на суғдиён онҳоро шикаст додан.

Лашкари ҳар ду тараф кӯфтаву хуншор ақиб гашт.

Молик шабҳангом бо як даста сарбозонаш ба бошишгоҳи худ омад. Дар чодир духтаронро бедор ёфт. Наниманча бошад дар кунҷак ба сони ғарибе, ки шаб дар кӯчаи шаҳри бе-

гона монда бошад, беҳолона сарашро ба сутуни чодир такя дода нишаста буд, чашмонаш пӯшида, гӯё пинак рафта буд. Дар берун шӯру валвалаи лашкариёни аз майдони ҷанг баргашта, тапар-тапару шиҳаи аспон баланд буд, лекин Наниманча гӯё ҳеҷ чизро намешунид.

Дар атроф гулханҳо ва оташдонҳое, ки дар онҳо гӯсфандони пӯстканда бирён мешуданд ва ё дар дегҳои дош меҷӯшиданд, шӯълафишон буда, шӯълаашон даруни чодирҳоро ҳам нима равшан мекард.

Молик Наниманчаро ба нӯги мӯзааш сахт такон дод. Асира дардмандона оҳе кашиду чашм накушода ба як паҳлу ғалтид. Молик ӯро бори дигар – ва ин бор сахттар такон дод. Наниманча ларзида чашм кушод, гӯё беҳуш буду якбора ба ҳуш омад, дар болои сараш Моликро дид, ба по ҷаст ва, «Эй номард! Маккор! Виркани ман куҷост?» гӯён ба гиребони вай дарафтид, ба ришаш чанг андохт. Молик мушти ба даҳону бинии Наниманча зад, асира пуштнокӣ ғалтид, аз ҳуш рафт; аз зарби калтак аз даҳону биниаш хун шорид, якто дандонаш шикаста буд, ӯ зор-зор мегирист…

Хоҳаракон тарсону ларзон ба кунҷакҳо хазиданд.

## 48

Ҷанг як моҳ боз муттасил давом мекард, лекин ғалаба аз лашкари араб ҳамоно дур буд, чунон ки дар ибтидои ҷанг. Мақсади Саид Самарқандро кушодан, хироҷ гирифтан ва баъд ихшидро ё ки дастнишондаи дигареро хироҷгузори халифа карда баргаштан буд, лекин то алҳол ба сӯи мақсадаш қадаме ҳам пеш нарафт. Э кош, самарқандиҳои хоҳони сулҳ мешуданд, вале ба ҷои ин онҳо ҳар пагоҳ фавҷҳои мағлубнашавандаи чокиронашонро ба майдони ҷанг мебароранд. Тобистон баромада истодааст, агар Саид бо исрору инод ҷангро давом додан гирад, бими он ҳаст, ки шоҳони дигари Суғд ва туркон ба мадади самарқандиҳо оянду ҳамаашон якҷоя ӯро торумор кунанд ва агар онҳо наоянд

ҳам, дар даштҳо ба зери боронҳои тирамоҳу барфҳои зимистон мондани лашкари араб муқаррар аст. Ин ҳам мағлубият, торумор ва сарнагунӣ мебуд.

Саид чун донист, ки қудрати тофтани сарпанҷаи ихшидро надорад ва суғдиҳоро ба зону нишонда наметавонад, лоҷарам ба фикри сулҳ афтод. «Аммо сулҳ лоақал бояд ба ғолибияти ман далолат кунад,– мегуфт ӯ ба худ,– вагарна беобрӯӣ, шармандагист». Пас ӯ ду саркардаи суғдии асирафтодаро ба наздаш хонда гуфт: «Биравед, шуморо озод кардам, ба подшоҳи худатон бигӯед, ки агар вай сулҳ хоҳад ман розиам».

Чун саркардаҳо сухани ӯро ба ихшид расониданд, ихшид онҳоро фармуд, ки ба ӯрдуи амир бозгарданд ва аз номи ӯ: «Мо аз ҷанг наметарсем, агарчи сад сол биҷангӣ, меҷангем, лекин ҳароина сулҳ беҳ аст ва агарчӣ бад ҳам бошад, подшоҳони хирадманд онро аз ҷанг авло донистаанд» бигӯянд ва бипурсанд: «Ту сулҳро ба чӣ шарт мехоҳӣ?»

Саид ҷавобан суханони мутакаббирона ва фотеҳона гуфт, лекин ихшид «пӯстлох»-и ҷавоби ӯро як сӯ афканда ба мағзаш таваҷҷӯҳ кард,– мағзаш ин буд: агар хоҳӣ ки ман аз ҷанг даст кашаму равам, ба ман чизе бидеҳ, то дасти холӣ наравам, шармсор набошам ва он чӣ аз ту мерасад, аз он ба лашкариёнам ҳиссае дода онҳоро ба тарки муҳориба розӣ кунам.

Дузд аз дуздӣ навмед шуда шеваи гадоӣ пеш гирифта буд, гарчанде ки гадоиро бо сипоҳигарӣ мекард.

Самарқандиҳо, ки ҳамчунин аз он ҷанги офатбор ба танг омада буданд, машварат карда, барои зудтар аз офати он халос шудан таклифи Саид ё дурусташ хоҳиши ӯро пазируфтанд ва хандида мегуфтанд: «Охир гадои ба таги дар омадаро ноумед гардондан хуб нест». Аммо ба иваз онҳо озод кардани асиронро талаб намуданд.

Арабҳо бештарин қисми асирони суғдиро таҳти ҳифзи ғуломони мусаллаҳ пеш-пеш ба Марв ва Нишопур фири-

стода буданд, зеро аввалан онҳоро поидан намехостанд, сониян бими он доштанд, ки асирони бисёр, агар дар як ҷо ҷамъ бошанд, мумкин аст бишӯранд. Асирон дар Марв, Нишопур ва шаҳрҳои дигар ба корҳои вазнин андохта мешуданд.

Бо гурӯҳи охирини фиристодашудагон Виркан ҳам рафта буд.

Саид аз асирони боқимонда, ки онҳоро барои кор фармудан нигоҳ дошта буд, гурӯҳеро озод кард.

Сипас Саид барои он ки дар Арабу Аҷам ӯро: «Ба Самарқанд рафту онро надида баргашт» гуфта ҳаҷв накунанд, боз аз ихшид хоҳиш кард, ки иҷозат диҳад то вай лоақал бо як қисми лашкараш аз як дарвозаи шаҳр даромада аз дарвозаи дигараш барояд.

Самарқандиҳо ба ин талаби вай ҳам хандиданду гуфтанд: «Бало ба пасаш! Гузарад!»

Аммо вақте ин ҳазор нафар савори Саид бо сардории худаш аз дарвозаи Навбаҳор даромада, як миқдор пул ва молеро, ки барои ӯ дар бозоргоҳ гузошта шуда буд, бардошта ба сӯи дарвозаи Каш мерафтанд, марду занон ва пиру барнои Самарқанд дар ду тарафи кӯчаҳо ва болои бомҳо истода онҳоро бо мазоҳу тамасхур гусел мекарданд.

Пӯшида намонад, ки дар бозгашти Саид бинни Усмон амакбачаи пайғамбар ҳамроҳи ӯ набуд.

Дар бораи тақдири Қуссам ибни Аббос таърих ба мо ахбори саҳеҳу сареҳ намедиҳад. Муҳаққиқ – шарқшиноси машҳур академик В. Бартолд роҷеъ ба ин масъала чунин менависад: «…мо дар навиштаҷоти худи арабҳо ба ахбороти зидди ҳамдигар бармехӯрем; назар ба баъзе ахбор (Қуссам – С.У.) кушта шуда, назар ба ахбори дигар бо аҷали табииаш фавтидааст; аз рӯи баъзе ахбор ва ҳатто на дар Самарқанд, балки дар Марв фавтидааст. Қабри гумонӣ ё ҳақиқии Қуссам дар аҳди хешони ӯ Аббосиён парастишгоҳи мусулмонон гардид, ки дар ин кор Аббосиён шояд дасте

доштаанд. Дар байни халқ Қуссам акнун бо номи Шоҳи Зинда маъруф аст. Ривояте ҳаст, ки вай кушта нашуда, балки аз кофирон паноҳ ҷуста ба даруни теппае, ки дар вай ба тариқи мӯъҷиза ғоре кушода шудааст, даромада ғоиб гашта ва сипас даҳони ғор боз маҳкам шудааст.[1] Ба эҳтимоли қавӣ дар он ҷо (дар ҷои «Шоҳи Зинда»-и имрӯза. С.У.) ҳанӯз пеш аз ислом мазоре воқеъ ва он мазор зиёратгоҳи халқи маҳаллӣ будаасту сониян парастиши он ба валии ислом (яъне Қуссам – С.У.) интиқол ёфтааст».

## БОЗГАШТ

### 49

Ӯрду дар бозгашт ба Бухоро расида, аз он ҷо ба роҳи Хуросон нарафт, ба ҷануби шарқӣ – ба тарафи Тахористон юриш кард. Аз афти кор, Саид «бозёфт»-и ғорату яғморо кам дид, ки хост боз ягон вилояти дигарро битозад.

Тирмиз, ки аз шаҳрҳои калон ва сарватманди Тахористон ба шумор мерафт, ба осонӣ фатҳ ва ғорат карда шуд. Камак сипоҳи ҳокими Тирмиз дер муқобилат карда натавонист.

Сипас гузариш аз дарё ба ҳудуди аслии Хуросон сар шуд.

Гузариши ӯрду як ҳафта рӯзу шаб давом кард. Ба дарё пул баста, ба он пул ва ба амадҳо мегузаштанд.

Навбати гузариши дастаи Молик ибн-ур-Райб шабҳангом расид.

Маҳтобшаб буд, зане аз тӯдаи асираҳо ҷудо шуда лаб-

---

[1] Дар соли 1928 мо як гурӯҳ талабагон ба тамошои Самарқанд рафта будем, дар «Шоҳи Зинда» шайхи он ба мо ҳамин ривояти хурофиро гуфта ва илова кард, ки «шоҳ» зиндаанд ва рӯзи қиёмат аз ғорашон мебароянд. Аз мо баъзеҳо аъзои ҷамъияти бехудоён шуда буданд. Як нафар, ки саҳл шӯхтабиат буд, аз шайх пурсид: дар аввал-ку шоҳ аз кофирон тарсида пинҳон шуда будаанд, лекин баъдан «кофирон» ҳама мусулмон шуданд ва мамлакат мусулмонобод гардид, пас акнун чӣ ҳоҷат ки «он ҳазрат» то қиёмат пинҳон шуда хобанд, чаро аз ғорашон намебароянд? Шайх «Шумо фарзанди мусулмонед, шак набиёред» гуфту дигар дам назад.

лаби дарё ба ҷои ториктар равон шуд. Гумон карданд, ки ӯро ҳоҷат афтодааст. Баногоҳ аз он сӯ овози гиряву нола ба гӯшҳо расид. Чанде аз занону мардон ба он сӯ шитофтанд. Диданд, занак сари ду зону истода, дастҳояшро ба тарафи офтобшинам ёзондаасту фиғон мекунад, менолад. Вай Наниманча буд.

– Писарҷонам, алвидоъ! – навҳа мекард ӯ. Аз модари бадбахтат розӣ бош, вай меравад, дар ҳасрати ту зор-зор гириста меравад, ту дигар вайро намебинӣ. Модаратро фаромӯш накун, писарҷонам. падаратро фаромӯш накун, вай паҳлавон буд, марди сарафроз буд, туро аз ҷонаш дӯсттар медошт. Эй худоён, Шеркавичи ятими маро паноҳ диҳед, умри маро бигиреду бар умраш биафзоед. Модарҷонам, алвидоъ! Аз духтари нокому номуродат розӣ бош. Оҳ, дар нафаси охиринат кӣ чашмони туро мепӯшад, модарҷони ғарибам, дар азоят кӣ мегиряд?... Алвидоъ, эй диёри азизам !..

Нолаи ӯ дилҳоро реш мекард, дигар асираҳо низ худҳошонро бар хок афканда гиря бардоштанд. Аз қӯшҳои дигар ҳам занону духтарони гирифтор омада ба инҳо ҳамроҳ мешуданду ҳой-ҳой мегиристанд. Ҳар кас ба ҳар шева мусибати худ, дарду алами худро гуфта мегирист, шеван мекард. Тӯдаи занону духтарони навҳагарро издиҳоми мардони асир ва сарбозон иҳота намуда буданд. Мардони асир хомӯшона мегиристанд. Як саҳнаи азодорӣ ба озодии мурда, саҳнаи видоъ бо ёру диёр падид омада буд.

Қурси моҳ аз осмон ба ин издиҳоми мотамзадагон бепарво менигарист, акси вай дар мавҷи Ҷайҳун бозӣ мекард, рӯшноии хираи он дар канораҳои дашт тарҳи кадом як вайронаҳоро, ягон-ягон дарахтонро, силсилаи талҳои баландро, ҳамчун нақши сихе дар пардаи нимторики домани осмон, намудор месохт.

… Ҳамон шаб, дар вақти гузариш аз Ҷайҳун, Наниманча дар миёни дарё худро аз пул ба об ҳаво дод.

Ҳангоме ки ҷараёни об вайро ғелонда-ғелонда, гоҳ ба таҳ кашида ва гоҳ ба рӯй баровардა мебурд, вай аз болои пул ғалоғула, ҳаёҳуи занони музтарибҳолро мешунид, лекин ғалоғула, ҳаёҳу дар гӯши ӯ бо тезӣ паст шудан гирифт, то он ки тамоман хомӯш гашт…

## 50

Дар Марв асиронро ба таъмири қалъа ва девори гирди шаҳр андохта буданд. Виркан бо ҳамроҳии онон лой лагад мекард, сангу хишт мекашонд.

Бегоҳии дер бо шунидани овози муаззинҳо, ки аз манорачаи масҷидҳои бинокардаи арабҳо умматони пайғамбари охирзамонро ба намози шом даъват менамуданд, кор бас карда мешуд. Шаб асирони бемадору гурусна дар ҳамон ҷои корашон тӯда-тӯда ба ҳавои кушод дар замин ё ки дар каппаҳои бурёгин хоб мерафтанд.

Чун Саид бинни Усмон ба Марв расид, бо ҳамроҳии асирони самарқандие, ки вай бо худ оварда буд, якчанд нафар чокирони собиқ – рафиқони Виркан ҳам омаданд. Яке аз онҳо, ҷавоне далер, шамшерзан, Ромтиш таҳти фармони Виркан ҷангида буд ва ӯро бародарвор дӯст медошт. Вай сарҳанги собиқашро суроғ карда, шабҳангом дар таги девори шаҳристон ёфт, ки бо ҳамроҳии дигар асирони коргар рӯи хасу коҳ хоб рафта буд.

Ромтиш ӯро оғӯш карда, кӯдаквор гиряро сар дод. Виркан як қадар ба тааҷҷуб монд, зеро он гурди размоварро ҳеҷ гоҳ гирён тасаввур намекард.

– Бародар, аз занат розӣ бош, – ба сухан даромад Ромтиш, – вай ҳалок шуд.

Виркан як такони сахт хӯрду дигар то охири нақли синасӯзи дӯсташ на ҷунбише кард ва на овозе баровард. Гӯё ӯ лаҳзае пеш одам буду як ҷунбида санге ё кунда гашт. Ромтиш фоҷиаи Наниманчаро, ки худаш дида буд, ҳикоя кард.

– Кошкӣ кӯр будаму намедидам, он гоҳ ин хабари

ҷонгудозро на ман ба ту мерасонидам, гуфт ӯ дар поёни ҳикояташ. Сипас ба лаҳни ситоишу офарин рафтори Нанимончаро дар майдони ҷанги Самарқанд ба ёд овард: – Он гоҳ ки араб туро номардона гирифт, он ҷавонзани нотарс ба додхоҳӣ то пеши амир рафт, аз майдони ҷанги хунин гузашт, гӯё монанди Сиёвуш аз миёни оташ гузар кард. Зан бошад ҳам, дилу гурдаи мардона дошта аст. Дар Тирмиз аз шеванаш, аз видоъ карданаш бо модару шавҳару фарзанд ва ёру диёр ҳатто дили санги сипоҳиён об шуд. Чи зани баномусе будааст: маргро аз бандагӣ авло дид. Ёдаш ба хайр бод...

Ромтиш ба қӯши худ баргашт.

Виркан ҳамон тавре ки бо ду даст сарашро гирифта рӯи бистари хасии худ нишаста буд, монд.

Дар бомдод шарикони Виркан бедор шуда, ӯро ҳамоно дар он ҳолат нишаста диданд. Сафедии дар мӯи ӯ пайдошуда онҳоро дар ҳайрат андохт. Дирӯз ҳеҷ кас дар мӯи ӯ сафедӣ надида буд...

## 51

Саид бинни Усмон дар Марв якчанд мулозимонашро мансабҳо дод, аз он ҷумла Молик ибн-ур-Райбро омили хироҷ таъйин кард.

Мардумони вилояти Марв аз Молик золимтар амалдоре, аз вай бераҳмтар хироҷситонро ба ёд надоштанд. Бо навкаронаш ба деҳот мебаромад ё дар растаю бозорҳо мегашту бо зарби тозиёна ҳарчӣ хоҳад ва чӣ қадаре ки хоҳад мерӯёнд. Норозиёнро мусодира мефармуд, дарра мезанонд, ба зиндон меандохт, аз гӯшҳошон ба дарахт мехкӯб мекард.

Мардум аз зулми вай ба дашту кӯҳҳо мегурехтанд.

Аз гурезаҳо дастае ба ҳам омада буд, ба он даста асирони гурезаи суғдӣ низ ҳамроҳ шуда буданд, онҳо давлатмандонро ғорат мекарданд, амалдоронро мекуштанд.

Ба қасди Молик ибн-ур-Райб ҳам афтода буданд.

Шабе аз шабҳо ӯро дар деҳае зер карданд. Навкарони ғофилгиршуда баъзе кушта гардиданд, баъзе гурехтанд. Молик ба даст афтод. Нафарони даста ӯро бо арғамчини дароз ба думболи асп баста аспро давонданд.

Баъд аз ду рӯз навкарон дар дашт танаи пӯсидаву бесари сардорашонро, ки як ҷувол устухон буду бас, ёфта ба Марв бурданд. Ҷуволи устухон дар Марв гӯронда шуд.

Соле чанд гузашт, арбоби дини ислом Моликро ба зумраи «азизон» дохил карданд. Саҳобати ҳазрати Саид бинни Усмон бинни Аффонаш мехонданд ва номашро, ки ин дуо дар ҳаққи сарварони дину баъд аз сари онҳо гуфта мешуд.

Дар гӯристон ба вай мақбара сохтанд, дар паҳлӯяш хонақоҳ андохтанд. Мутаваллӣ ва шайххо пайдо гардиданд. Гӯраш «мазори мутабаррикаи ҳазрати Молик ибн-ур-Райби шаҳид» ном гирифт.

Диндорон ба зиёрати он мерафтанд, ба шохҳои дарахте, ки дар сари гӯраш нишонда шуда буд, латтаҳо мебастанд. Бемрони шифоталаб, занони безурёт аз гӯри вай хок мебурданд, ки ба ақидаашон хоки хоҷатбарор буд...

Саид бинни Усмон ба пойтахти худ Нишопур рафт. Аз он ҷо ба Муовия нома навишта узре оварду аз аморати Хуросон истеъфо дод. Чӣ узр овард, ба ровиёни ахбор маълум нест.

Молу сарвате, ки вай дар Суғду Тахористон гирд оварда буд, ба тахмини худаш бемалол ба ҳафт пушташ мерасиду ҳаштумаш ҳам аз он маҳрум намемонд. Амирӣ бошад ҷангу ҷидолҳо дорад, халифа ва ноиби ӯ дар Ироқ амири Хуросонро осуда нахоҳанд гузошт, аз вай юришҳои нави ғоратгарона, ғанимат, симу зар, ғуломон ва канизони суғдию тирозӣ[1] талаб хоҳанд кард. Чунин амирии пурдардисар ва шомили хавфу хатар ба вай чӣ лозим? Мабод ки

[1] Туркистонӣ (аз номи Тирози Туркистон).

дар ягон ҷангу хунрезӣ ба вай захме расад ё ҳатто худо накунад, ки кушта шавад. Вай осуда нишаста, аз пушти сарвати беҳисобаш бо айшу нӯш зистан мехоҳад.

Муовия истеъфои ӯро пазируфт.

Саид бо корвони хосса озими Мадина гардид.

Сесад шутур ҳомили тилло, нуқра, ҷавоҳирот ва анвои молу матои гаронбаҳо буд. Ғанимати ҷондори Саидро дусад ғулом ва чиҳил канизи яккачин ташкил мекард. Виркан ҳам дар байни ғуломони вай буд. Якчанд мулозим, аз он ҷумла сипоҳдори содиқаш Ҳозими мулаққаб ба Деви Сурх дар рикоби амири собиқ мерафтанд.

Аз дусад ғулом бист нафарашон гаравгонҳо – шоҳзода ва бузургзодагони бухороӣ буданд. Саид паймони худро, ки бо Хотуни Бухоро баста буд, шикаста, гаравгонҳоро ба вай пас нагардонд. Халифазодаи порсо ошкоро тариқи фиребу аҳдшиканӣ пеш гирифт: ба Хотун, ки вақти бозгашти Саид аз Самарқанд вакилони худро ба назди ӯ фиристода баҷо овардани паймонро талаб карда буд, гуфт: Ҳанӯз аз ҳудуди Суғд берун нарафтаам ва аз ту эмин нестам, гаравгонҳоро аз Тирмиз бармегардонам. Дар Тирмиз гуфт: Аз Марв бармегардонам. Дар Нишопур вакилони Хотунро ронд ва гуфт: Гаравгонҳо аввал гаравгон буданд ва акнун ғуломони мананд.

Шояд ҳамин буд «мукофот»-и ваъдакардаи Саид барои ҷасорати Хотун дар он ҳангом, ки Хотун кӣ будани ӯро ба рӯяш гуфта буд.

Вакилони Хотун: «Эй Зарвони бузург, ба ту мепаноҳем аз ин рӯбоҳони мардумсурат ва мардумони гургсират!» гӯён бо диле пурандӯҳ ва синае аз алам сӯзон ба Бухоро баргаштанд.

Саид дар нисфи роҳи Мадина фармуд, шоҳзодаю бузургзодагонро аз аспҳои савориашон пиёда карданд, пӯшоки гаронбаҳояшонро аз танашон кашиданд, зару сим ва ханҷарҳои ҷавоҳиркӯбашонро даррабуданду ба ҳамаашон

сарутани намадин пӯшонданд. Акнун онҳо роҳи биёбонро пиёдаву побараҳна мепаймуданд.

Асирони боқувваттар ба рафиқони аз мадор рафта ва ё беморашон асо мешуданд, афтодагонро мебардоштанд. Асирони солхӯрда гаравгонҳои ғуломгаштаи дилшикастаро тасаллӣ медоданд, ба он маънӣ, ки пас аз чандин аср шоир он маъниро дар байти машҳури худ «Машав малул, ба ҳар банд фатҳи бобе ҳаст, аз паи шаби торик офтобе ҳаст» ифода хоҳад кард.

Вирканро ҳамроҳонаш аксаран дандон ба ҳам фушурда ва абрӯвон ба ҳам кашида медиданд: вай кам гап мезад ва ба пурсишҳо бо овози паст як-ду калима ҷавоб медоду бас. Аз пеши пояш чашм наканда қадам мезад. Мисли ин буд ки дар замираш хаёлеро мепазонад...

## ИНТИҚОМ

### 52

Саид бинни Усмон ҳар қадар ки ба сӯи Мадина пештар мерафт, хазинааш афзунтар мегардид: роҳи бозгашташ аз шаҳрҳои Ироқ, Шом ва аз бодияҳо ки афтода буд, дар он ҷоҳо вай асирони суғдиро ба ғуломӣ мефурӯхт. Асирони зардуштимазҳаб дониста буданд, ки китоби муқаддаси арабҳо мусулмононро аз ғулом гардонидан ё ба ғуломӣ фурӯхтан манъ мекунад, аз ин рӯ ба дини мусулмонӣ гаравидан мехостанд, ки аз нангу нағбати ғуломӣ наҷот ёбанд, лекин Саид онҳоро ба дини худ намедаровард, «калимаи шаҳодат»-ашонро қабул намекард ва мегуфт, ки дертар дар Мадина қабул хоҳад кард. Ин як баҳона буд. Саид аз асирон иддаеро ҳамешагӣ ба ғуломии худ нигоҳ доштан ва гурӯҳеро фурӯхта пул кардан мехост.

Понздаҳ асира ҳам дар роҳ ба фурӯш рафтанд.

Халифазодаи муҳаддис ҳадиси «Шарр-ун-носи манн баъан носа» (одамфурӯш бадтарини одамон аст)-ро, ки аз

пайғамбар нақл мекарданд, медонист, лекин ҳоли ҳозир ба ин ҳадис дар ёдаш ҷо набуд, зеро ҳушу ёдаш ба куллӣ дар банди симу зар буд.

Аз асирони ба фурӯш муқарраршуда оне, ки дар роҳ ба фурӯш нарафт, дар Мадина ба «Суқ-ал-рақиқ» – бозори ғуломфурӯшӣ ғалтид. Дигар понздаҳ духтари ноболиғаро яке аз ғуломҷаллобон харид. Ин ғуломҷаллоб канизакони зархаридашро муддате дар сарои худ нигоҳ дошта «кимиё» мекард, то ки баҳояшонро баланд карда бошад: баданҳои қоқро «тар», чашмони кабудро бо рангу бори махсус сиёҳ, мӯҳоро фатила, дандонҳоро бо туршии махсус омехта ба қанд ва ё бо хокаи зуғоли омехта ба намак сафеди рахшанда мегардонид, доғҳои чеҳраро месутурд, чӯтуриҳои нағзакро ҳамвор месохт, пӯсти гирди нохунҳоро мебурид, нӯги ангуштонро ба ранги пӯсти духтар мос карда рангин менамуд: пӯсташ сафед бошад – лолагун,сиёҳ бошад – тиллоранг, зард бошад – сиёҳранг мекард. Сипас канизаконро ба фурӯш мебаровард. Вай мақоле дошт, ки мегуфт: «Чор дирам ҳино сад дирам ба қимати духтар меафзояд».

Дигар даҳ канизаки соҳибҷамоли суғдӣ дар ҳарамсарои Саид монданд. Се нафари онҳо хурдсол буданд, лекин овози форам доштанд, Саид мегуфт, ки он дӯшизаҳоро як-ду сол дар Мадина, як-ду соли дигар дар Макка тарбия хоҳад кард ва аз он пас ба Бобулистон фиристода ду-се сол дар пеши устодони саноеи нафиса хоҳад омӯзонд, то он ки дар понздаҳ-ҳаждаҳсолагӣ таннози хубрӯёни Мадина, латофати канизакони Макка ва маърифати паривашони Бобулро дар худ ҷамъ намуда бошанд.

**53**

Тавонгарии Саид бинни Усмон дар забони мардуми Ҳиҷоз масал гашт. Ҳақиқатан на дар Мадина, на дар Макка ва на дар Тоиф аз вай бойтар касе набуд. Вай боз заминҳои зироатӣ, хурмозорҳои нав харид. Дар зайъаташ чорбоғ ва

бӯстонсарои биҳиштосое сохт. Сӣ ғуломи дигар заминҳояшро мекоштанд, мевазорҳояшро бонӣ мекарданд.

Ин сад нафар ғулом ҳамон асирони суғдӣ буданд. Шоҳзода ва бузургзодагони бухорой ҳам дар ҷумлаи онҳо. Зисту зиндагии ин маҳкумони меҳнат ранҷ ва азобу шиканҷ чунон буд, ки дар шаш моҳ бист нафарашон мурданд. Чорпоёни Саид аз ғуломонаш беҳтар парвариш меёфтанду беҳтар мезистанд. Дар ношто ба ҳар кас яктоӣ нони ҷавин ё арзанин ё ки заѓора, нисфирӯзӣ ним коса оши сук ё ки агар шутури пир ё касалеро кушта бошанд, як пора гӯшти шутур, бегоҳӣ гармаке явғон, боз ҳам аз ҳамон сӯк ё ҷуворимакка дода мешуд.

Ғуломон дар ҳамаи рӯзҳои ҳафтаю моҳу сол бидуни ягон рӯзи истироҳат кор мекарданд. Шаб онҳоро мисли ин ки гӯсфандонро ба қӯра меронанд, ба ҷои шабхобиашон меронданд, – он ҷой дар канори киштзорон бо девори баланде иҳота шуда, дар воқеъ аз қӯра фарқе надошт, айнан монанди қӯра дар як тарафаш соботи пастаки дарозе дошт, ки дар бориши боронҳои сел ғуломон ба вай паноҳ мебурданд.

Ҷазоҳои ҷисмониро, ки Саид таъдиб, яъне адабомӯзӣ меномид, бахтбаргаштагон ҳар рӯзу ҳар соат мекашиданд. Ғуломонро ба андак гуноҳи воқеият ё гумонӣ чӯб задан, ба сутун баста дар офтоби майнагудоз гузоштан, ба дарахт овехта занондан ё ки аз ҳамон қути лоямути ҳаррӯза маҳрум кардан аз ҷазоҳои оддӣ ба шумор мерафт.

Арабҳо мақоли пандомӯзе доштанд: «Кунн-ли-абдика муҳиббан ва кунн-ли муҳиббика абдан», тарҷумааш «Ғуломатро дӯст бош ва дӯстатро ғулом». Саид ғуломдоронеро, ки назди ӯ барои насиҳат шунидан меомаданд (зеро халифазода дар чашми ҳамдинонаш қариб мартабаи вилоят (валигӣ) дошт, гарчанде ки акнун Қуръонро фақат ба даст мегирифт, ки дарбонаш ба зиёрати вай омадани касеро хабар диҳад), насиҳаткунон аксар ҳамин мақолро дар забон меронд.Ҳаққо, ки риё додари тақвост.

Дар давлати халифаҳо ва хусусан ғуломони дар зироат коркунанда бисёр мегурехтанд.

Аммо ғуломони Саид бинни Усмонро роҳи гурез баста буд: онҳоро рӯз ҳам, шаб ҳам навкарони мусаллаҳ посбонӣ мекарданд. Виркан шарикони бадбахти худро ба исён даъват мекард:

– Шумоёнро ба фармонбарию хомӯшӣ фақат тарси ҷон маҷбур мекунад, – мегуфт ӯ ба онҳо, – Лекин магар аз ин гуна зиндагӣ марг беҳтар нест? Чаро мо бояд ба ин ҳама ранҷу азоб тоқат кунем? Биёед қиём мекунем, саркорону посбононро мекушему мегурезем.

– Ба куҷо? – мепурсиданд ғуломон.

– Ба биёбон, – ҷавоб медод Виркан.

– Охир, саворони Саид, сарбозони ҳоким аз думболи мо меафтанд, дастгирамон мекунанд, онгоҳ вой бар ҳоли мо!

– Магар бе ин ҳам, ҳозир ҳам «вой ба ҳоли мо» нест? Мо ба таъқибкунандагон муқобилат мекунем, о калтак, санг, мушт, дандон, бо ҳарчи ба дастамон ояд, меҷангем, оқибаташ ҳарчи бодо бод. Охир, ба сарафрозӣ мурдан дар ҷанг аз мурдан ба сархамӣ дар ин асорати нангин авлотар аст.

Чанде аз ғуломон тарафдори Виркан буданд, хусусан бародарзодаи ҷавони маликаи Бухоро Вағдварз ва дӯсти ҷоноҷони худаш Ромтиш ӯро гарму ҷӯшон ҳаводорӣ мекарданд. Дигарон мекалавиданд. Суханони Вирканро маъқул медонистанд, лекин боз мекалавиданд. Ҳатто дар ғуломӣ ҳам ҷон ширин аст. Умеди беҳбудӣ дар бадтарин ҳол ҳам дили одамиро тарк намекунад...

## 54

Аммо рӯзе аз рӯзҳо корд ба устухон расид.

Яке аз шоҳзодагони Бухоро сахт бемор шуд. Шариконаш дар собот аз хошоку намад бистар сохта ӯро хобонданд.

Саҳар саркори ситампеша Ҳозим, ҳамон Деви Сурх, ҳозир гашта, тозиёна дар даст ба сари бемор рафт:

– Чаро хобидаӣ?

Рафиқони бемор гуфтанд, ки вай таби баланд дорад.

– Дурӯғ! Ҳила! Коргурезӣ! – дод зад Деви Сурх ва беморро аз мӯяш кашида хезонданӣ шуд, хеста натавонист, ғалтид, Деви Сурх ӯро лағад фуровард ва баъд тозиёна зад. Бемор аз дард тоб мехӯрд, нолиш мекард. Ғуломон ба изтироб афтоданд, барошуфтанд. Виркан тоқат накард, ба Ҳозим дарафтод, ӯро ғалтонда гулӯяшро фишурд. Саркорон, посбонон ба мадади Ҳозим ва гирифтани Виркан шитофтанд. Вағдварз: «Занед ин сагонро!» гӯён табар ба даст сӯи он саркору посбонон давида буд, ки ҳамаи ғуломон муттаҳидона ба онҳо ҳамла карданд. Каланду тешаҳо, белҳо, мушту лагадҳо ба кор даромаданд. Ҳозим ва боз ёздаҳ нафар саркору посбонон кушта гардиданд.Шамшеру ханҷару тозиёнаҳои онон ба дасти ғуломон ғанимат афтоданд, фақат як нафар посбони савор гурехта ҷонашро халос кард.Виркан ба тӯдаи исёнгарон:

– Бародарон! Рафтем ба бӯстонсаро! Он ҷо саркори калон ҳанӯз зиндааст! – гӯён хитоб намуда, издиҳоми ошуфтаву ғазабнокро сӯи қасри тобистонии Саид бинни Усмон раҳнамун гашт.

## 55

Қаср аз «қӯра» чандон дур набуд. Ҳафтоду нӯҳ марди хашмгину пуркин ба он ҳамла бурда, дарбонҳоро кушта ба қаср зада даромаданд. Дар айвону даҳлезҳои он ҳар кӣ пеш омад кушта шуд.

– Ба занон даст накобед, мо бо занон намеҷангем! – фарёд мезад Виркан.

Саидро дар хонаи хобаш ёфтанд. Вай ки одатан баъди намози бомдод аз масҷид баргашта дар хонаи хоса боз соате

ба рукӯъ менишасту шояд аз Худовандаш бахшоиши гуноҳони беҳисоби худро металабид, он пагоҳ низ Қуръон ба даст дар ҳоли рукӯъ нишаста буд, айнан дар ҳолате буд, ки падараш Усмонхалифа бист сол пеш дар он ҳолат кушта шуд. Чун Виркан бо як гурӯҳи исёнгарон ба хонаи хосаи ӯ ворид шуданд, Саид ҳангаш канд, раъша бар андомаш афтода бо забони гирифта мепурсид: «Ч-чи гап, ҳа? Шумо а-а-аз ман чӣ мехоҳед? М-м маро куштан мехоҳед?»

Шоҳзода Вағдварз пеш баромада сӯи ҳамроҳонаш гуфт:

– Ин одам кишвари моро тороҷ кард, мардумони моро кушт, моро ба ғуломӣ овард. Чӣ ситамҳое, ки вай ба мо накард, чӣ хорӣ ва забуние, ки мо аз дасти вай накашидем! Сазои ӯ чист?

– Куштан! – бо як овоз ҷавоб доданд исёнгарон. Он гоҳ Виркан бо як зарби шамшере, ки дар «қӯра» аз дасти посбони мақтул рабуда буд, сари Саидро аз танаш ҷудо кард.

## 56

Сипас исёнгарон анбори озуқаро кушода, аз вай якчанд халта орд, биринҷ, хурмо, ҷуворимаккаро бардоштанд. Дар саисхона бисту як сар аспи саворӣ ёфтанд, саисҳо гурехта нопадид гашта буданд. Исёнгарон зуд аспҳоро баровварда зин заданд.

Аз қаср занонро баровварда, ба вай алов сар доданд. Баъд озуқаро ба аспҳо бор карда, бо шамшеру ханҷарҳои дар занозании «қӯра» ва дар қаср ба даст афтода мусаллаҳ шуда, иддае савора, дигарон пиёда, ба «қӯра» баргаштанд, аз он ҷо рафиқи беморашонро дар канҷиғаи асп гирифта, рӯ ба тарафи кӯҳсоре, ки аз Мадина якчанд фарсах ба ҷониби шарқӣ воқеъ аст, раҳсипор гардиданд.

Дар ақибашон аз дур сутуни ғафси дуд дида мешуд, ки сар ба осмон мекашид, – вай аз сӯхтори бӯстонсарои Саид бинни Усмон мебаромад.

Кӯҳсор аз кӯҳталҳои баланду паст ба ҳам омада аст. Гурезаҳо ба вай дар гашти рӯз расиданд. Аз селроҳае убур карда ба дараи дарозе баромаданд. Дар мобайни дара чашмае ёфтанд, ки андаке об аз он ҷорӣ буд. Басо кӯфтаю гурусна буданд, дар сари чашма барои дамгирӣ ва тановул қарор гирифтанд. Дар боли кӯҳтал ва даҳани селроҳа дидбонҳо гузоштанд. Аз эҳтиёт алов дарнагирониданд, то ки дуд ҷои исти онҳоро ошкор насозад. Ба сарфи хурмо ва андак ноне, ки доштанд, қаноат карданд.

**57**

Ғуломон худро озод карда буданд, аммо ин озодӣ ба онҳо чӣ хоҳад овард? Инро онҳо медонистанд. Медонистанд ва ба он тайёр буданд. Дар биёбони нопайдоканор дур гурехта наметавонанд. Ба зудӣ сарбозони ҳокими Мадина ба таъқиби онҳо мебароянд.Агар мӯъҷизае рӯ надиҳад, ҳалок муқаррар аст. Лекин асирон дар озодӣ бо ҳисси инсонияти худ мурданро аз зиндагии дар ғуломӣ авло медонанд. То ҷон дар рамақ доранд, муқобилият хоҳанд кард. Агар мурдан ногувор аст, ҷангида мурдан беҳ.

Посбоне, ки аз «қӯра» гурехта ҷон ба саломат бурда буд, шитобон сӯи Мадина асп ронда, воқеаро ба ҳоким хабар дод. Ҳоким ҳамон соат дастаи ҷазо равона кард.

Дидбонони гурезаҳо роҳи омадаашон – тарафи ғарбиро дид мекарданд, лекин сарбозон аз ҷониби шимолӣ омаданд. Онҳо ногаҳон аз хамгашти саргаҳи дара пайдо гардиданд. Масофа аз он ҷо то қароргоҳи гурезаҳо чоряк фарсанг ҳам намеомад. Исёнгарон саросема бар фарози кӯҳтали тарафи шарқӣ хазиданд, ба умеде, ки дар баландиҳо ононро таъқиб кардани саворон душвор хоҳад буд.

Сарбозон асп тозонда ба зудӣ расиданд. Онҳо тақрибан сад нафар буданд, як қисмашон аз дунболи пиёдаҳои кӯҳталбаро афтиданд, дигарҳошон ба гурезаҳои савор ҳамла

бурданд. Бисту як нафар гурезаи саворро ночор дохили ҳарбу зарб шудан лозим омад. Панҷ-шаш нафар сарбозро аз зин ғалтонданд, куштанд, лекин дар якчанд дақиқа ҳамаашон, ғайр аз Виркан ва Ромтиш, кушта шуданд.

Сипас Ромтиш ҳам ба паҳлӯяш зарбаи сахти шамшер хӯрда аз зин парид.

Виркани саропо хуншор ҳанӯз савор буд ва меҷангид. Ӯ боз ду сарбозро сарнагун кард. Ниҳоят худаш ҳам ғалтид. Дар хок паҳлунокӣ дароз кашида ва қабзаи шамшер ҳанӯз дар кафаш буд. Саворон ба сараш гирд омада нигоҳ мекарданд. Дар он дам дар нигоҳи онон адоват, душманӣ набуд, балки ҳайрат ва таваҷҷӯҳ буд. Онҳо ҷанговарон буданд ва ба ҷанговари шуҷоъ тан надода наметавонистанд.

Виркан ҳанӯз нафас мекашид, вале ҷон меканд. Баногоҳ вай ҷунбид, чашм кушод, ба дастҳояш такя карда бо душворӣ ба по бархост, аз зери мӯи дарҳампечидаи хоку хунолудааш ба пешонӣ, чашм ва рӯяш хун мешорид. Хирхиркунон калимае чанд аз даҳон баровард:

– Гургон!.. Ман... интиқом... интиқоми Самарқанд... Наниманча...

Вай ҷумларо тамом накард, зеро яке аз саворон ба гарданаш шамшер зада вайро аз по афтонд.

Виркан як-ду тапиду ҷон дод.

Шамшер ҳанӯз дар кафаш буд, савор фуромада онро гирифтанӣ шуд, лекин ба осонӣ гирифта натавонист, – панҷаи Виркан ба қабзаи шамшер маҳкам фишурда шуда, гӯё ки часпида монда буд, мисли он буд, ки паҳлавон дар дами ҷонканӣ ҳам шамшер аз даст додан ва таслим шудан намехоҳад. Арабро лозим омад, ки шамшерро сахт кашида аз кафи беҷони ӯ рабояд.

## 58

Дар ин миён гурезаҳои пиёда ба қуллаи кӯҳтал баромада буданд. Аз панҷоҳу ҳашт нафар чилу шаш нафар барома-

данд, дувоздаҳ нафарашон то баромадан аз дами теғу зарби тозиёнаи сарбозон ба ҳалокат расида буданд. Он тарафи кӯҳтал ҷарии рост ва баланде буд. Сарбозон онҳоро аз поён ва аз чапу рост печонда пеш меомаданд. Фоҷиаи хунин лаҳза ба лаҳза ба хотимаи худ наздик мешуд.

Шоҳзода Вағдварз ба лаби ҷаррӣ истод.

– Зинда таслим намешавем! – хитоб кард ӯ. – Падруд, бародарон! Аввал ман! – инро гуфта, вай худро ба ҷаррӣ ҳаво дод.

Аз паси вай дигарон ҳам ба рафиқони бадбахташон падруд гӯён худҳошонро ба ҷаррӣ партофтан гирифтанд.

Саворон истода, аз мардонагии ғуломони дирӯза ғарқи ҳайрат ва моту мабҳут шуда, он манзараи даҳшатангезро назора мекарданд.

Офтоб ду қади найза ба ғуруб наздик шуда буд, вай аз байни ғубори биёбони бекарона ҳамчун лаълии калони оташин метофт, ба вай рост нигоҳ кардан мумкин буд, шӯълааш чашмро намегирифт. Осмон ба ранги ҳарири обгуне буд, ки ба рӯяш гарди нафисе нишаста бошад. Дар фазои он калхотҳо, лошахӯрҳо давр мезаданд.

Охирин ҷавони суғдӣ бо мушт ҳар ду даст ба тарафи сарбозон яке ниҳеб карду ба ҷаррӣ парид...

*Душанбе, 1975*

# МАРГИ ҲОФИЗ

*(ҳикоя)*

Ваҳ, чисон дилошӯб аст суруди Шивоҷӣ, ҳофизи номдори Ҳиндустон!

Замзамаи оби чашмасорон ва ғулғулаи раъду барқ, амвоҷи баҳри тӯфонӣ ва чаҳчаҳи булбул – ҳама дар нағмаи ӯст.

Аз Лоҳур то Бомбай, аз Мултон то Калкутта овозаи муғаннӣ ва достонсарои беҳамто, ҳамчун овози худаш, ҳангоме ки дар ҷашнҳо ва маросимҳо месарояд, танинандоз аст. Ҳар кас боре суруди ӯро шунида бошад, солҳо дар нашъаи он аст ва агар ин саодат насибаш нашуда бошад, як умр дар ормон.

Дили бузурги Шивоҷӣ кони савту навоҳо, ёдаш хазинаи ривоятҳо, замираш ганҷинаи ҳикматҳост.

Ҳофиз бузургии Ҳиндщустонро месарояд. Ҳофиз далерони Ҳиндӯстонро ситоиш мекунад.

Ҳиндустон дар ҷӯши исён. Дар Деҳлӣ, Мирут, Лакнав, Банорас, Канпур сипоҳиёни ҳинду мусулмон қиём кардаанд, бар истилогарони аҷнабӣ теғи хунин кашидаанд. Аз бедодии ғоратгарони фарангӣ ба ҷон расида, садҳо ҳазор мардуми шаҳру деҳот алами исён барафроштаанд.Замин дар зери пои ситамгарони англис даргирифта, ҳавои Ҳиндустон гудохта, Ганги муқаддас гӯё ки меҷӯшад.

Суруди Шивоҷӣ ҳеҷ гоҳе монанди имрӯзҳо, рӯзҳои пурғавғои тобистони соли 1857, чунин пурсадо набудааст.

Як моҳ пеш сипоҳиён, шӯришгарони Канпур бо сардории Нана-Соҳиби далер лашкари англисро торумор карданд. Худи сарлашкар Уиллер ҳам ҷон ба саломат набурд: ба генерали пири корозмуда, ки муддати панҷоҳ сол дар Ҳиндустон шамшер аз даст намегузошт, он ҳама таҷрибаи размовариаш кор надод.Канпури дар соҳили Ганг ва дар шоҳроҳи Деҳлӣ – Калкутта воқеъшуда, – шаҳре, ки мустаҳкамтарин ӯрдугоҳи англисҳо ва муҳимтарин пойгоҳи ҳукмронии онҳо буд, акнун озод, акнун ба дасти сипоҳу

раияти шӯришгар аст ва дар болояш байрақи сварач (истиқлол) ҷилвагар.

Нана-Соҳиб пагоҳ наҳзат хоҳад кард – лашкарашро ба муқобили қӯшуни англис, ки аз ҷониби Калкутта ба қасди дубора фатҳ кардани Канпр меояд, хоҳад кашид.

Ҷанги қаттоле дар пеш аст, ки дар вай, шояд, кори муқаддас сварач якрӯя гардад.

Сипаҳсолор мехоҳад арафаи наҳзати калони худро ба маҷлиси симоъ, базм, айшу нӯш бахшад. Мехоҳад аз суруду нағмаи Шивоҷии беҳамто ҳаловат барад ва достони наверо, ки ҳофиз дар он рӯзҳо бастааст, шунавад. Охир кадом сарояндаву созанда мисли Шивоҷӣ қодир аст шунавандаро ин қадар шавқу сурур, ҳаяҷон, рӯҳи паҳлавонӣ ва размоварӣ бахшад! Магар чунин ҳаяҷон ва чунин рӯҳия ҳоло ба Нана-Соҳиб, ба саркардагон ва сипоҳиёни вай аз ҳарчи зарууртар нест?

Шивоҷӣ имрӯз меҳмони Нана-Соҳиб аст.

Дар соҳили Ганги муаззам – дарёи муқаддаси ҳиндувон ба масофаи чандин кос[1] чодарҳои ранг ба ранг зада шудаанд, ки дар офтоби оташтоби июлӣ медурахшанд. Дар мобайн ва гирду пеши чодарҳо филон, шутурон, говон, аробаҳо, бору бунаи гуногун, зину афзоли маркабҳо моломол ва дарҳам барҳам, тӯда-тӯда сипоҳиёни дасторбасар дар ҷунбишу тараддуд.Ӯрдугоҳ кӯчи азими бодиянишинонро ба хотир меоварад.

Дар миёни ӯрдгоҳ чодари рах-рахи сабзу сурху сафеди сипаҳсолор бо байрақи сурху сабзе, ки дар болои чодар лаппас мезанад, ҳамчун товусе дар селаи мурғон, назаррабост. Аз он ҷо овози суруду нағма, созу наво ба гӯш мерасад.

Чодар қасрро мемонад, ки ниҳоят калон ва дарун ба дарун аст, сутунҳояш зарандуд, даромадгоҳашро посбонони ғули найзадор муҳофизат мекунанд; дар меҳмонсарои он

[1] Кос – чени масофаи ҳиндӣ, тақрибан 3,5 километр.

дусад кас бемалол меғунҷад; саҳни меҳмонсаро бо қолинҳои гулдори гаронбаҳо ороста; хизматгорони чобук дар зарфҳои заррин таом ва духтарони паричеҳра дар ҷомҳои булӯрин шароб мекашанд. Дар пешгоҳ бар тахти пасти мунаққаши зарандуд Нан-Соҳиби чиҳилсола – ворисн ҳукмдорони кабири Маратхӣ, пешвозодаи[1] мағрур ва лашкаркаши ғаюр нишаста, дар ду паҳлӯи ӯ саркардагон, муқаррабон ва надимонаш ҷой гирифтанд. Миёни ин анҷумани бузургон Рао-соҳиби вакили молиёти кишвар, сарлашкарҳо Бола Раои номвар, Боба Бхоти диловар, Тантия Топи сафдар ва Ҷавол Парасади гурди размовар, Азимуллохони вазири донишвар, Вазиуддини наттоқи суханвар, қозии Канпур бо ҷоҳу ҷалолашон худнамоӣ мекунанд.

Дар як канор бар рӯи суффаи хурди мураббаъи қолинпӯш Шивоҷии солхӯрдаи мӯдарози паҳнриш бо созандагон нишаста достони нави худро месарояд.

Ваҳ чӣ достоне! Ва ҳофизи номвар онро бо чи овози шӯрангезе тараннум мекунад!

– Занҷири асорати садсола пӯсид, гусаста шуд! – месарояд Шивоҷӣ. – Ғуломон қад рост карданд. Зинда бод сварач! Инглис Ҳиндустонро ба ҳила гирифта буд, на ба зӯр; шер ба доми рӯбоҳ ғалтида буд. Акнун шер аз дом ҷаст! – нидо меандозад, ҳофиз. – Аз ҳайбати ӯ битарсу биларз, эй ғосиб ва ғоратгар! Инглис макр мефурӯшаду хоин мехарад, ватанфурӯш меҷӯяд. Аммо ин дафъа мирҷаъфарҳо нахоҳанд буд ва Плесси[2] такрор нахоҳад шуд! – бо ҷазаба хитоб мекунад ҳофизи пир. – Дар Деҳлӣ сардори шӯришгарони музаффар Бхотхони шерзод аст, дар Лакнав мавлавӣ Аҳмадшоҳи баҳодур, дар Ҷиҳансӣ қаҳрамондухтари Ҳиндустон Лакшми Бай, дар Оллоҳобод Лаёқаталихони шуҷоъ, дар Канпур Нан-Соҳиби фотеҳ даҳшат ва аҷали инг-

---

[1] Шоҳони Маратхӣ (як қисми Ҳиндустон) пешво номида мешуданд.
[2] Соли 1757 дар наздикии шаҳри Плесси дар натиҷаи хиёнати Мирҷаъфари сарфармондеҳ қӯшуни Бангола аз англисҳо шикаст хӯрда буд.

лисанд! Зери байрақи сварач ҳинду ва мусулмон бо ҳам истодаанд, ҳинду ва мусулмон бародаронанд. Зинда бод иттиҳоди халқҳои Ҳиндустон, поянда бод сварач! Ту мемирӣ, эй душмани номарду нопок! Аз Гангу Ҷамна оташ мехезад, туро месӯзад! Макр мафурӯш, ки харидор намеёбӣ! Хоин маҷӯй, эй инглиси шум, ки Ҳиндустон сарзамини содиқон аст!..

Чунин буд суруди нави Шивочӣ.

Ҳаёҳу, шавқу ҷӯш, нидоҳои «офарин!»-у «шод бош!»-и аҳли чодар ҳанӯз хомӯш нашуда буданд, ки сипоҳии танумande, саросар чанголуд, захми сараш бо латтаи чиркин баста, либосаш бо доғҳои хун олуда, шофу ханҷару таппонча дар камарбандаш ҳамоил, аз даромадгоҳ падид омад.

Вай аз қӯшуни пешгард омада буд.

– Ҳузур! – муроҷиат кард ӯ пас аз таъзим ба Нана-Соҳиб. – Маро фармондеҳ фиристод. Дар қарибии Фотеҳпур дастаи разведкачии инглис пайдо шуд, мо бо вай задухӯрд карда чаҳор нафарро асир гирифтем, як нафари онҳо… – Сипоҳӣ дар ин ҷои суханаш як назар ба Шивочӣ нигаристу сукут кард, гӯё ки ба гуфтани давоми суханаш душворӣ мекашид.

– Як нафари онҳо? – пурсид Нана-Соҳиб.

– Бале, ҳузур, ман ӯро гирифта овардам, – ҷавоб дод сипоҳӣ, – вай на инглис, балки ҳиндуст.

– Ҳинду?

– Бале, ҳузур. Аспаш тир хӯрда ғалтид, мо ӯро дастгир кардем. Агар рухсат шавад, дарорамаш.

Рухсат шуд, сипоҳӣ асирро даровард.

Ҳамин ки ҷавони борикандом, хушқомат ва хушсурате бе яроқ, бо либоси низомии дарида, сарлуч мӯи чун ангишт сиёҳ ва анбӯҳаш титу парешон, ранги рӯяш парида, дар чашмони калон-калони сиёҳаш тарсу ҳарос, аз даромадгоҳ намудор гашт, Шивочӣ якбора ҷаҳида ба по бархост ва бо садои ҳайратзадаи ваҳшатолуд:

– Шондип! – гӯён қадаме чанд ба сӯяш партофт.

Асир ду кафи даст ба рӯй кашида чашмонашро пинҳон

кард. Ӯ натавонист ба рӯи падараш нигоҳ кунад: зоҳиран, дар вуҷудаш ҳанӯз чизе аз шарму номус боқӣ монда буд.

Оре, ин сарбози асир, дар либоси низомии англисӣ, Шондип буд, писари ягонаи Шивоҷӣ буд.

Вай дар коллеҷи инглисии Калкутта таҳсили илм мекард ва аз чӣ сабаб бошад, ки дар таътили тобистонӣ ба Канпур назди падараш наёмада буд.

Ҳоло маълум шуд, ки чаро наёмада буд: вай сарбози инглисҳо шуда будааст…

Шивоҷӣ дигаргун гашт, ранги рӯи сиёҳҷурдааш дар як лаҳза ба зардӣ табдил ёфт, дасту пояш суст шуд, ӯ хастаҳолона ба кунҷе рафта, сутуни чодарро дошта ба замин нишаста монд.

Нан-Соҳиб ва меҳмононаш мекӯшиданд, ки ба ҳофиз нигоҳ накунанд.

Сари Шивоҷӣ хам, чашмонаш ба замин дӯхта буд.

«Хоин маҷӯй, эй инглиси шум!» – ин суханони ҳофиз ҳоло дар гӯши худаш ҳамчун таъна, истеҳзо ва тамасхур садо медоданд.

Хаёли ӯ ба зани маҳрумааш рафт, – ҳофиз дар фикраш бо вай гуфтугӯ мекард:

«Оҳ, Радҳа, ёд дорӣ, мо бо ту аз писари ягонаамон чи умеду орзӯҳои ширине доштем, чи нақшаҳои хуше дар ҳақаш мекашидем!.. Доғи ту ҳанӯз синаамро месӯзонад. Радҳа, лекин – бубахш – ман дар ин лаҳза ҳатто шодам, ки ту рафтӣ ва нанги фарзандатро намебинӣ. Гӯё ту медонистӣ, ки ин мусибати тоқатшикан ба сари мо хоҳад омад ва бинобар ин пештар рафтӣ, то ки онро набинӣ. Акнун ман чӣ кор кунам, Радҳа, ин нанги бадтар аз маргро чи сон таҳаммул кунам? Оҳ, чаро ман ҳам бо ту нарафтам?»..

Дар ин миён сипаҳсолор Шондипро истинтоқ мекард. Забони асир бо ғояти душворӣ ба гуфтор меомад, ӯ нотавону забун ба по истода буд, реза-реза меларзид. Чун аздусар умеди шафқат надошт ва даст аз ҷон шуста буд, ба пурсишҳои Нан-Соҳиб ҷавоби рост медод. Оре, бо ихтиёри

худам сарбоз шудам. Агар дар ҷанг диловарӣ кунам, кор нишон диҳам, ба ман пас аз ғалаба мансаб, мавоҷиби калон, зиндагии бо айшу нӯш ваъда карданд. Дар Калкутта курси кӯтоҳмуддати сержантҳоро хатм кардам. Дирӯз ба разведка худам талабгор шуда баромадам. Оре, ба болои Канпур генерал Ҳавелок дар сари фалон қадар лашкари саропо мусаллаҳ, фалон қадар савору пиёда ва фалон миқдор тӯпу тӯпхона омада истодааст…

Истинтоқ тамом шуд. Нана-Соҳиб дар бораи кашидани лашкар ба истиқболи Ҳавелок фармони нави худро эълон кард:

– Пагоҳ дер мешавад, худи ҳамин шаб бояд юриш кард.

Вай саркардаҳоро фармуд, ки бираванд ва фавҷҳои худашонро ба сафари шабона омода созанд. Чаҳор саркарда шитобон баромада рафтанд.

Баъд сипаҳсолор ба Шондия, ки дар ҳолати гунаҳкори маҳкуми марг ҳанӯз дар пешгоҳи ӯ истода буд, назар андохт, нигоҳи кӯтоҳе ба Шивоҷӣ афканд, сар ба поин андохт, панҷа рӯи панҷа гузошта, ангуштарини рахшони брилиантии худро молида-молида ба андеша рафт. Ҳозирон хомӯшона мунтазири фармон дар ҳаққи хоин буданд. Соҳиб ҳозир фармони қатли ӯро содир хоҳад кард, лекин дар ҳузури Шивоҷӣ ҳукми қатли писарашро баровардан барои Нана-Соҳиб кори осон нест, – ӯ ҳофизро ҳурмат мекунад, дӯст медорад, ба вай раҳмаш меояд, инро ҳама ҳис мекунанд; бе ин ҳам падари бадбахт қариб аз ҳол рафтааст, оё тоқати піронаи ҳофиз кифоя мекарда бошад, ки теғи ҷаллодро дар гулӯи писараш бубинад?..

Ниҳоят Нана-Соҳиб ба гуфтор омад:

– Асир ба мо дар бораи душман ахбори рост ва қиматнок дод. Ман ростқавлии ӯ ва ҳам ҷавониашро ба назар гирифта гуноҳашро бахшидам.

Ҳама аз ин бахшояндагии ғайри чашмдошт, ки тамоман хилофи одати Соҳиб буд, дар ҳайрат монданд.

Ногаҳон Шивоҷӣ ба по хеста дод зад:

– На! Ту, пешво, бахшида бошӣ, ман намебахшам! Хоин бояд бимирад! Ҳукм ҳукми ман аст, дар ин боб ман аз ту муқаддамам, пешво, зеро ки ҳаётро ба вай ман бахшидам. Ман хақ дорам он чиро, ки бахшида будам пас бигирам.

Ҳофиз инро гуфта ларз-ларзон пеш омад ва ханҷари дудамаи яке аз саркардагонро аз ғилофаш кашида гирифту ба тарафи Шондип қадам партофт.

– Писаркушӣ агар гуноҳ аст, хоинкушӣ савоб! – наъра кашид ӯ. – Аммо агар куштани фарзанди хоини ватанфурӯш гуноҳе дошта бошад, аё Шива, бар ман бубахшой! – бо ин нидо вай ханҷарро тунду шадид бар синаи писараш зад.

Шондип бесадо ба пои ӯ ғалтид.

Шивоҷӣ ханҷари хунин ба даст, девонавор сӯи баромадгоҳ тохт ва аз хайма бадар рафт.

– Ҳарр-ҳарр Махадев![1] – бо як қиёфаи ҳайбатнок аз миёни чодарҳо, тӯдаҳои сипоҳиён, филон ва шутурон, аробаҳо ва борҳо гузар карда бонг мезад ӯ. – Ҳарр-ҳарр Махадев! Ҳиндустон, Хиндустон! Ба хоинон аҷал! Шивоҷиам ман, бас аст суруд! Эй Ганг, оташ бидам! Ҳарр-ҳарр Махадев!..

Бо ҳамин ҷазаба вай дар офтоби сӯзони майнагудоз як ним кос масофаро тай кард. Ҳеҷ кас ӯро нигоҳ надошт. Ҳатто филон, шутурон, аспон ҳам ба вай бо чашми ҳайрат ва тааҷҷуб менигаристанд.

Ниҳоят ӯ хаста шуд, галтид.

Сипоҳиён аз ҳар ҷониб ба сӯяш давида дар болояш ҳозир шуданд. Ҳофиз рӯйнокӣ хобида буд ва нафас намекашид, панҷаи дастони ба ду тараф ёзидааш дар рег фурӯ рафта, вале дастаи устухони филии ханҷар намудор буд.

... Ба расми ҳиндувон ҷасади ӯро сӯзонда, хокистарашро ба Ганг пошиданд ва ба эҳтиромаш аз дувоздаҳ тӯп дувоздаҳ карат оташ кушода, бо ҳофизи маҳбуби худ ҳамчун бо ҷанговари бузург видоъ карданд.

[1] Нидои ҷангии ҳиндувон.

# Р Ӯ Д А К Ӣ

*(Драма дар 4 парда ва 13 намоиш)*

## ИШТИРОККУНАНДАГОН:

**Рӯдакӣ** – ҷавон, дар пардаи IV пир.
**Мач** – ҳамсоли ӯ, дар пардаи IV пир.
**Балъамӣ** – 48-сола.
**Нигина** – 18-сола.
**Бону** – зани Балъамӣ, 43-сола.
**Амир Наср** – ҷавон.
**Устод –** нахустшоири дарбор – 40-сола, дар пардаи IV хеле пир.
**Суламӣ** – фақеҳ (донандаи аҳкоми шариат), шоири арабизабон, 40-сола, дар пардаи 1У хеле пир.
**Шаҳид**
**Муродӣ** – шоирони форсизабон.
**Фароловӣ**
**Шакурӣ**
**Орифӣ** – шоирони ҷавон.
**Акбар** – 30-сола, дар пардаи IV пир.
**Ҷунайд** – висоқбошӣ (саркардаи хурд) 30-сола, дар пардаи IV пир.
**Ойтош** – саркардаи хурд, 30-сола, дар пардаи IV пир.
**Нӯҳ** – амирзодаи хурдсол.
**Нӯҳ** – амири Сомонӣ, ҷавон.
**Деҳқони мӯсафед.**
**Деҳқони як.**
**Деҳқони ду.**
**Деҳқони се.**
Саркардагон, дарбориён, шоирони Бухоро, деҳқонони асир, сафирони хориҷӣ, ғуломон, (сарбозон), ду дарвозабони сарои султонӣ, мулозими вазир, ғуломи ҳабашӣ, мулло, амалдор.

## ПАРДАИ АВВАЛ

## НАМОИШИ ЯКУМ

Пеши дарвозаи сарои амири Сомонӣ дар Бухоро. Муродӣ, Шаҳид ва Фароловӣ меоянд.

**Муродӣ.** Ӯро устод аз Самарқанд бо фармоиши хоҷаи бузург Балъамӣ талабида будааст.

**Фароловӣ.** Ба гумонам, хоҷаи бузург ӯро ба дарбор оварданианд, Ҳамин тавр не, Муродӣ?

**Муродӣ.** Шояд. Пӯшида нест, ки хоҷаи бузург дӯстдорандаи забони дарӣ ва шеъри дарӣ мебошанд.

**Фароловӣ.** Кошкӣ Рудакӣ дар Бухоро мемонд! Ба гумонам, то даме ки устод – нахустшоири дарбор дар сари кор аст, Рӯдакиро ба дарбор роҳ нахоҳад дод. «Гадо душмани гадост» гуфтаанд. Ҳамин тавр не, Шаҳид?

**Муродӣ.** Ту, Фароловӣ, агарчи мухлиси Рӯдакӣ ҳастӣ, ҳанӯз ӯро хуб нашинохтаӣ.

**Шаҳид.** Оре, Рӯдакӣ ду чиз дорад, ки устод надорад: якум истеъдод, дуввум ғурур.

**Муродӣ.** Нахустшоири дарборро устоди шоирон не, устоди бахилон, пири ҳасудон ва шайхи арабипарастон номем, шояд.

**Шаҳид.** Хуб гуфтӣ, Муродӣ. Ҳой, Фароловӣ, аз ин қалтабонҳо бипурс, маҷлиси шоирон мешавад ё не?

**Фароловӣ** (ба дарбонҳо). Шоирон омаданд? Оё имрӯз маҷлиси шуаро мешавад?

**Дарбон.** Мо кай донем.

**Муродӣ.** Инак устод ҳам омад.

**Шаҳид** (нигоҳ карда). Монанди ҳамеша, ҳамроҳаш он хоклеси ҳуҷраву хонақоҳ – Суламӣ.

Нахустшоири дарбор ва Суламӣ меоянд.

**Устод** (бузургворона). Хӯш, азизон, чӣ хабар?

**Муродӣ.** Ба маҷлиси шуаро омадем.

**Устод.** Дар маҷлиси шуаро имрӯз фақат ашъори арабӣ хонда хоҳад шуд.

**Шаҳид.** Моён ҳам арабӣ медонем.

**Суламӣ** (тасбеҳ мегардонад). Донистан то донистан фарқ дорад. Зиндиқҳо, қарматиҳои кофир ҳам медонанд, аммо …

**Шаҳид** (таҳдидомез). Чӣ фармудед, хоҷа? Моён зиндиқием, қарматием?

**Суламӣ.** Худо нигоҳ дорад, банда ин тавр нагуфтаам. Банда гуфтанӣ будам, ки арабиро донистан кам аст, ба ин забон ихлос ҳам бояд дошт, зеро вай забони пайғамбари мо, саллаллоҳу алайҳивассалам ва забони каломи шариф аст.

**Устод.** Шумоён ашъори арабӣ намегӯед. Ашъори дарӣ дар маҷлиси оянда хоҳад шуд.

**Муродӣ.** Мо омадем, ки шеърҳои Рӯдакиро бишнавем.

**Фароловӣ.** Бале, вай имрӯз ба маҷлиси шоирон меомадааст.

**Устод.** Меомадааст? Рӯдакӣ?

**Муродӣ.** Оре.

**Устод.** Вай ба Самарқанд баргаштанӣ буд-ку?

Шаҳид (бо киноя). Чора чист, устод, ин кӯҳистонии гарданшах панди устодро ба гӯш нагирифта дар Бухоро мондааст ва мехоҳад густохона дар маҷлиси шуаро ҳам ҳозир шаваду бо хоҷаи бузург Балъамӣ мулоқот кунад.

**Устод.** Бо хоҷаи бузург?.. Шумоён аз куҷо донистед?

**Муродӣ.** Аз худаш. Ман ин пагоҳ, ӯро дар хонаи Маҷи хаттот зиёрат карда будам.

**Фароловӣ.** Хоҷаи бузург Балъамӣ!

**Балъамӣ** бо мулозимони худ меояд. Ҳозирон таъзим ба ҷо меоваранд.

**Балъамӣ** (ба устод). Чӣ хабар, хоҷа? Мегӯянд, ки Рӯдакӣ дар Бухорост? Шумо ӯро дидед?

**Устод.** Оре, хоҷаи бузург, дидам, сӯҳбат кардам.

**Балъамӣ.** Чӣ касе будааст? Оё муносиб аст, ки мо ӯро қабул бикунем? Назар ба қавли баъзе касон, вай як деҳотии нотарошидаест, ки одоби маҷлиси бузургонро намедонад?

**Устод.** Каромат кардед, хоҷаи бузург. Ба гуфтор, ба хулқу атвор – як саҳрой. Дар маҷлиси шуарои Бухоро вай монанди уштуре дар байни товусон мебуд.Табъаш ҳам хом, завқаш норасо, алфозаш дурушт. (Бо хандаи истеҳзо). Ба илова, ин шоир худро додхоҳи аҳолии Дабусия ба қалам медиҳад.

**Балъамӣ.** Аҳолии Дабусия?

**Устод.** Оре, ба қавли вай, вазирони подшоҳам ба мардуми он вилоят зулм мекардаанд!

**Балъамӣ** андешаманд ба дарвоза даромада меравад, шоирон ҳам аз паси вай мераванд. Нахустшоири дарбор дар дами дарвоза таваққуф карда, ба дарбонон ошноёна муроҷиат менамояд.

Хӯш, Яздондод, кайфу ҳол?

**Дарбон.** Саломат бошед, хоҷа.

**Устод.** Агар Рӯдакӣ ном шоир биёяд, шумоён ӯро даромадан намонед.

**Дарбони якӯм.** Рӯдакӣ? Ба мо ин хел фармон нашудааст.

**Устод.** Хоҷаи бузург ҳамин тавр фармуданд, мардак хоҷаи бузургро ранҷонидааст. (Аз ҳамёнаш чанд танга бароварда ба дарбонҳо медиҳад). Ид наздик, ин аз нӯги идӣ аст.

**Дарбони якӯм.** Саломат бошед, хоҷа, асло кам нашавед. Мо ба хизматашон ҳозирем.

Устод ба дарвоза даромада меравад. Рӯдакӣ ва Маҷ меоянд.

**Рӯдакӣ.** Оқибат вай номашро ба ман гуфт, номаш Нигина будааст. Нигина! Чӣ номи зебо! Дирӯз аз айвони болохонаи ту ба чорбоғи вазир нигоҳ мекардам, духтарак боз дар боғ пайдо шуд. Омада ба дарахти тут баромад. Тут мечиду як ғазали диловез ва ғамангезеро худ ба худ замзама мекард. Ман бояд хеле бо шавқу завқ гӯш карда бошам, ки ғазал ҳамон дам ба ман ёд шуд. Матлааш ин аст: «Маро зи ҳасрату ғам як даме ҷудой нест – Ништотро зи азал бо ман ошной нест».

**Мач.** «Ништотро зи азал бо ман ошноӣ нест!»Баҳ-баҳ! Кадом шоири бетолеъ гуфта бошад?

Ҳарду ба дарвоза даромаданӣ мешаванд.

**Дарбони дуввум.** Истед! Шумоҳо кистед?

**Мач.** Ман Мачи хаттотам, ин кас ошнои ман – Рӯдакии шоир.

**Дарбони якӯм.** Мо шумоёнро намешиносем.

**Рӯдакӣ.** Ман шоирам, ба маҷлиси шоирон омадам.

**Дарбони дуввӯм.** Ҳар рӯзи панҷшанбе шоирони Бухоро ба дарбор меоянд, дар байни онҳо мо шуморо ягон бор ҳам надидаем.

**Дарбони якӯм.** (ба либос ва мӯзаи оддии шоир нигоҳ карда). Шоир будаанд! Боз шотир набошед? (Қоҳ-қоҳ механдад).

**Мач** (оташин). Чӣ механдӣ, нохалаф?

**Рӯдакӣ.** Гап ба ин дарбонҳо нест, Мач. Ман яқин дорам, ки инҳам аз бозиҳои нахустшоири дарбор аст. (Маънидор).

*Дар ба рӯям бубаст ногаҳ дасте,*
*Соҳиби даст ниҳон буд паси дар.*

Биё меравем.

**Парда**

## НАМОИШИ ДУВВУМ

Ҳавлии вазир. Бону дар дами дар бо Нигина сипаҳсолор Саҳл бинни Мансурро истиқбол мекунад. Аз паси сипаҳсолор Ҷунайд даромада дар як сӯ рост меистад.

**Саҳл.** Ассаломалайкум.

**Бону.** Ваалайкум ассалом, сипаҳсолор. Биёед.

Саҳл ба Нигина бо чашми ҳирс нигоҳ мекунад.

Бирав, Нигина.

Нигина ба хонае даромада ғоиб мешавад.

**Саҳл.** Маро муборакбод гӯед, бону. Амирам ба бадали сад ҳазор динор ба ман хирочи вилояти Дабусияро бахши-

данд. Ҳамин ҳоло ман сад ҳазори накд ба хазина супурда омадам. Ҷамъоварии хироҷ аз фардо сар мешавад. Вакили хироҷи ман Ҷунайд аст. Канизакро ба ман бахшед – ними хироҷ аз они шумо! Ҷунайд аз фардо халта-халта симу зар, хирвор-хирвор ғаллаву матоъро оварда ба сарои шумо рехтан мегирад.

**Бону.** Бифармоед, биншинед.

**Саҳл** (нишаста). Ба толеи ман, вазир Балъамӣ, шавҳари фуқаропарвари шумо, дар шаҳр нестанд, вагарна, албатта, ба фурӯши хироҷ монеъ мешуданд?

**Бону.** Фақат сад ҳазор? Ин қадар арзон?

**Саҳл.** Дар Дабусия имсол қаҳтист. Хазинаро имсол аз он вилоят умеди хироҷ нест.

**Бону.** Пас шумо чӣ умедворӣ доред?

**Саҳл.** Ғуломашон тариқи рӯёндани хироҷро медонад. Агар аз дусад ҳазор динор камтар рӯёнам, номам Саҳл бинни Мансур набошад. Хӯш, ба шарти ман розӣ ҳастед?

**Бону** (ба як тараф). Нисфи хироҷи вилоят! Аммо зуд розӣ намешавам, то вақте ки ҳамаи хироҷро надиҳад. (Ба Саҳл). Нигина ба хироҷи як мамлакат меарзад, хироҷи як вилояти қаҳтизада чист? Он ҳам боз нисфи хироҷ!

**Саҳл.** Ман зорӣ дораму зӯрӣ надорам, бонуи меҳрубон. Аз шумо чӣ рафт? Ман ҳам як нафар ғуломи даргоҳатон. Охир, худатон маро ҳар вақт «дӯстам, ёдгории даврони падарам» мегӯед.

**Бону.** Ҳақиқатан, шуморо бубинам – гӯё ки падарамро мебинам.

**Саҳл.** Ман дар вақташ бо фармони худораҳматӣ падаратон шамшер задам, кишварҳо кушодам, падаратон маро ҳокими Хуросон карданӣ буданд…

**Бону.** Ман ин матлабро боз парерӯз ба амир арз кардам, гуфтам: «Ҳукумати Хуросонро ба сипаҳсолор диҳем», кабул накарданд.

**Саҳл.** Ин амири ҷавони мо, бародарзодаи шумо, қадри маро намедонанд. Шавҳари олимақоматон ҳам ба ман наза-

ри нек надоранд, маро ҳар вақт ба амир бад карда мегаранд. Пас лоақал шумо аз ман қадршиносӣ бикунед.

**Бону.** Нигинаро бубахшам?

**Саҳл**. Ин айни лутфу меҳрубонӣ мешуд.

Ғуломи ҳабашӣ (даромада). Шоирон ба хизмат омадаанд.

**Бону** (ба Саҳл). Боз гуфтугӯ мекунем, ҳоҷати шитоб кардан нест. (Ба ғулом). Гӯй, дароянд.

Рӯдакӣ ва Маҷ меоянд.

**Бону**. О-ҳо, Маҷи хаттот!.. Чаро наменамоӣ? Ман мехостам ба ту «Калила ва Димна»-ро бидиҳам ки бароям китобат бикунӣ.

**Маҷ**. Бо ҷону дил, бонуи меҳрубон. Вақтҳои охир хеле серкор будам, девони ана ин дӯсти шоирамро китобат мекардам.

**Бону**. Ин кас шоиранд?

**Маҷ**. Рӯдакии Самарқандӣ.

**Бону**. О-ҳо шунидаам, баъзе шеърҳояшонро хонда будам. (Ба Рӯдакӣ). Шоирон ба даргоҳи мо бисёр меоянд, шеърҳояшонро назди мо мехонанд, пас шумо чаро ҳеҷ наёмадед?

**Рӯдакӣ**. Андешидам, ки шояд табъи латифи бону, монанди баъзе бухориёни бегонаписанд, шеъри арабӣ тақозо кунад ва шеъри дарии маро напазирад.

**Бону**. Ман арабиро хуб намедонам, шоирон назди ман шеърҳо ба забони дарӣ мехонанд. Бифармоед. (Ба нишастан таклиф мекунад).

**Рӯдакӣ**. Бонуи меҳрубон, ман ин девони худро ба шумо тӯҳфа овардам. (Китобро дароз мекунад).

**Маҷ**. Китоби якто! Беназир! Китобаткунанда ғуломашон.

**Бону** (ба шоир). Марҳамати шумо зиёд аст. Ман ин девони шуморо ба амир ва вазир нишон медиҳам. (Ба Саҳл). Сипаҳсолор, майл доред аз ин девон каме бихонем?

**Саҳл** (бо маломат). Ихтиёр доред.

**Бону** (китобро варақ мезанад, қоғаз мебарояд). Ин чист?

**Рӯдакӣ**. Ин ғазалест, ки ҳамин рӯз гуфта шуд.

**Бону**. Чашми ман хира шудааст, хатро ба хубӣ намебинам. Нигина! (Ба ғулом) Нигинаро фарёд кун.

Нигина меояд.

**Биё**. Ку инро бихон! Бубинем, шоир имрӯз чӣ ғазале гуфтааст.

**Нигина** (аз рӯи коғаз).

*Гирифт хоҳам зулфайни анбарини туро,*
*Ба бӯса нақш кунам барги ёсумини туро…*

**Рудакӣ** (давом медиҳад. Рӯяш ба бону, лекин барои Нигина мехонад).

*Ҳар он замин, ки ту як раҳ бар ӯ қадам биниҳӣ,*
*Ҳазор саҷда барам хоки он замини туро.*
*Ба теғи ҳиндӣ, гӯ, дасти ман ҷудо бикунанд,*
*Агар нагирам рӯзе ман остини туро.*

**Бону**. Баҳ-баҳ! Хеле нағз, дилангез. (Ба Саҳл). Чӣ гуна? Меписандед?

**Саҳл**. Ман шеърро дӯст надорам. Аз шеър ҳам безораму аз шоир ҳам.

**Рӯдакӣ**. Оре, барзагов гул набӯяд ва ошноии булбул наҷӯяд.

**Мач**, баъд Нигина ва баъд Бону ҳам худдорӣ карда натавониста механданд.

**Саҳл** (хиҷил). Ҳарчанд ки аз одоб дур буд, аммо зарбулмасали хуб гуфтӣ, шоир. (Мехезад). Ба ман иҷозат фармоед. Бону. Аммо ман мехостам бидонам… Умедвор шавам ё на? Ними хироҷи Дабусия аз они шумо!

**Рӯдакӣ** (мароқ карда). Хироҷи Дабусия?

**Бону**. Оре, сипаҳсолор хироҷи имсолаи он вилоятро харидаанд.

**Рӯдакӣ**. Харидаанд? Кадом хироҷро? Охир, дар Дабусия имсол ҳам хушксолист, аҳолӣ гуруснаву бараҳна аз рӯди Кӯҳак ҷӯй мебароранд, ки аз офати беобӣ халос шаванд. Ман вақте ки ба Бухоро меомадам, аз он навоҳӣ гузаштам ва бо чашми худ дидам ки…

**Саҳл**. Ман ба гуруснагию Мерии аҳолӣ кор надорам, бо-

яд хироҷро рӯёнам. Ман ба хазина сад ҳазор динори накд додаам.

**Рӯдакӣ**. Халқ ба адои хироҷ қодир нестанд, чӣ гуна мерӯёнед?

**Саҳл**. Чӣ гуна? Ҳо-ҳо.. Ҷунайд, ба шоир бигӯ, хироҷро чӣ гуна мерӯёнӣ?

**Ҷунайд**. Ба усули «зам куну кам кун».

**Рӯдакӣ**. Чӣ?

**Ҷунайд**. Чунончи, ба шумо хироҷ навиштаанд даҳ дирам, ба болояш ман зам мекунам боз даҳ дирам; шумо ба гиряву зорӣ медароед, баъд панҷ дирам кам мекунам; баъд шумо понздаҳ дирамро ба гардан мегиреду маро дуо ҳам мекунед.

**Саҳл** (хушҳолона механдад). Агар гарданшахӣ кунад, чӣ кор мекунӣ?

**Ҷунайд**. Гардани шахро Пайканд мулоим мекунад.

**Рӯдакӣ**. Пайканд?

**Ҷунайд**. Бале, қарздоронро ба он ҷо ҳай карда мебарам, дар қалъасозӣ кор мекунанд.

**Рӯдакӣ**. Даҳшат, даҳшат! Ба арвоҳи ҷамии азизони Бухоро қасам, шумо, сипаҳсолор, марди худобехабаред!

**Саҳл** (ба Бону). Гуфтам-ку, ман аз шоирон ҳам безораму аз сӯҳбати онҳо ҳам. (Меравад).

**Парда**

## НАМОИШИ САВВУМ

Гӯшаи чорбоғи вазир. Нигина байти Рӯдакӣ: «Ба теғи ҳиндӣ»-ро мехонад, гардиш карда гулҳоро мебӯяд; аз ҷӯй ба рӯяш об мезанад. Рӯдакӣ пайдо мешавад.

**Рӯдакӣ**.

*Эй аз гули сурх ранг бирбудаву бӯ!*
*Ранг аз паи рух рабуда, бӯ аз паи мӯ;*
*Гулранг шавад, чу рӯй, шӯӣ, ҳама ҷӯ,*
*Мушкин гардад, чу мӯ фишонӣ, ҳама кӯ.*

**Нигина** (саросема ва ҳаросон). Бираведǃ.. Хуб нестǃ..

**Рӯдакӣ**. Нигина! Ман дер боз дар интизори ин фурсат будам.

**Нигина**. Вой ба ман!..

**Рӯдакӣ**. Он ғазал, ки дар ҳузури Бону хонда шуд, ман онро барои шумо гуфтаам, магар пай набурдед?

**Нигина**. Не, пай набурдам… Биравед!

**Рӯдакӣ**. Сангдил, маро пеш накун.

*Бе васли туам на сабр пайдост, на дил,*
*Дар ишқи туам на ақл барҷост, на дил.*

**Нигина**. Худоё, тавба!

**Рӯдакӣ**. Ба рӯям тоб, хуршеди ман. Бе ту маро рӯшноӣ нест, зиндагонӣ нест.

*Бе рӯи ту хуршеди ҷаҳонсӯз мабод,*
*Ҳам бе ту чароғи оламафрӯз мабод,*
*Бо васли ту кас чу ман бадомӯз мабод,*
*Рӯзе ки туро набинам, он рӯз мабод.*

**Нигина** (пушт гардонда каме хомӯш меистаду баъд пинҳонӣ табассум карда, якбора бо шеър ҷавоб медиҳад).

*Аз ман тамаъи висол манмо ҳаргиз,*
*Ин сон ҳаваси муҳол манмо ҳаргиз.*
*Васлам натавон, ба хоби шаб ҳам дидан,*
*Бигзар зи чунин хаёл! Ман мо ҳаргиз.*

**Рӯдакӣ**. (дар ҳайрат. Аз қафои ӯ рафта мӯяшро мегирад).

*Зулфат бикашам, шаби дароз андозад,*
*Гар бикшоям, панҷаи боз андозад.*
*В-ар печу хамаш зи якдигар бикшоям,*
*Доман-доман мушки Тироз андозад.*

**Нигина**.

*Дидан ҳаваси ту буд? Бидидӣ охир,*
*Бар мақсади худ кунун расидӣ охир.*
*Дигар чӣ? Бирав! Макун ба ман густохӣ!*
*Дар рӯяки ман, бигӯ, чӣ дидӣ охир?*

**Рӯдакӣ**.

*Рӯят – дарёи ҳусну лаълат – марҷон,*
*Зулфат – анбар, садаф – даҳан, дурр – дандон,*
*Абрӯ – киштиву чини пешонӣ – мавҷ,*
*Гирдоби бало – ғабғабу чашмат – тӯфон!*

**Нигина**. Акнун бас аст. Устодии шумо дар бадеҳагӯӣ ба ман мусаллам шуд.

**Рӯдакӣ**. Ба ман ҳам акнун гуяндаи он ғазали диловез маълум шуд: «Маро зи ҳасрату ғам як даме ҷудоӣ нест»…

**Нигина**. Акнун шумо нухустин касе ҳастед, ки шеър гуфтани маро медонед. Ман инро аз ҳама пинҳон медорам. Охир, аз канизак хизмат металабанд, на шеър. Шеърро аз шумо металабанд.

**Рӯдакӣ**. О ваҳ, ман фақат акнун фаҳмидам, ки шеърҳоямро барои кӣ гуфта будаам, кӣ ба ман аз ғайб илҳом медодааст. Вақте ки ман туро аз болохонаи Маҷ бори аввал дар боғ дидам, садое аз ғайб ба ман мегуфт: эй шоир, ин паризод иқболи ту, сарнавишти туст. Ба ман бигӯ, зодаи кистӣ? Гули кадом бӯстонӣ?

**Нигина**. Ман… Нигинаам. Нигини ангуштарини дигарон. Бозичаи сухангӯ. Ман чизам, ки медуздандам, мехарандам, мефурӯшандам.

**Рӯдакӣ**. Ганҷҳои дунёро гирд оваранд, ба баҳои ту намерасад. Ту худ ганҷи бебаҳоӣ?

**Нигина** (бо лабханди аламнок). Шояд аз ҳамин сабаб бошад ки Довудхони роҳзан ин «ганҷ»-ро дуздид. Дар нӯҳсолагиам аз шаҳри Абевард, аз хонаи падару модарам дуздид. Намедонам, падари заргарам, модари муштипарам ҳоло зинда бошанд ё на… Аҷобат дар ин аст, ки ман ивази як каме фазоиле, ки дорам, назди устодон хононд, ҳунарҳо омӯзонд, то баҳои маро зиёд карда бошад. Се сол пеш маро ба Бухоро оварда, ба бону фурӯхт… Акнун биравед, то ки ягон кас дида намонад. (Дур мешавад).

**Рӯдакӣ**. Ман шуморо боз мебинам ё на?

**Нигина**. Агар хоҳед…

**Рӯдакӣ**. Кай? Дар куҷо?

**Нигина**. Намедонам, худатон бояд ёбед.

Меравад.

**Парда**

## НАМОИШИ ЧОРУМ

Дарбор. Амир Наср, Балъамӣ, нахустшоири дарбор, Суламӣ.

**Балъамӣ** (аз девони Рӯдакӣ хонда истодааст).

*Замона панди озодвор дод маро,*
*Замона, чун нигарӣ сар ба сар ҳама панд аст:*
*Ба рӯзи неки касон, гуфт ғам махӯр зинҳор,*
*Басо касо, ки ба рӯзи ту орзуманд аст.*

**Наср**. Баҳ, баҳ! Хуб гуфтааст!

Балъамӣ. Алҳақ, ин маъниро ба шеъри дарӣ накӯтару фаҳмотару баландтар аз ин баён кардан муҳол аст.

**Суламӣ**. Нек фармудед, хоҷаи бузург, аммо банда ҳам ашъори ин шоирро мутолиа кардаам ва бояд арз кунам, ки ӯ дар ашъораш фақат аз зоҳири мавҷудот баҳс мекунад; аз қудратҳои худовандӣ ва расули ӯ калимае ба забон намеронад…

**Балъамӣ**. Ҳар сухан ҷое дорад. Номи худову расул тасбеҳ нест, ки баҳудаву беҳуда гардондан гиранд.

**Наср**. (ба нахустшоири дарбор). Шумо чӣ мегӯед, устод?

Нахустшоири дарбор. Ба назари ин ғулом, бештарини ашъори Рӯдакӣ як дараҷа носуфтаву нотарошида менамояд, амирам. Алфозаш дурушт, маонӣ саҳлу сабук…

Вай суханашро қатъ мекунад, зеро ки Рӯдакӣ, Шаҳид, Муродӣ, Фароловӣ ва Маҷ медароянд; Рӯдакӣ калимаҳои охирини нахустшоири дарборро шунид.

**Балъамӣ**. Шумо Рӯдакӣ ҳастед?

Рӯдакӣ нимтаъзим мекунад.

**Наср**. Ту ҷавон будаӣ! Мо гумон мекардем, ки ту марде ҳастӣ солхӯрда, ҷаҳоншинохта, неку бад озмуда.

**Рӯдакӣ**. Подшоҳам низ ҷавонанд. (Аз нахустшоири дарбор киноя карда). Баъзе касон аз синну сол фақат риш зиёда мекунанд ва баъзе ақл.

Наср ва Балъамӣ завқ карда механданд.

**Балъамӣ** (ба нахустшоири дарбор). Суханатон нотамом монд, устод. Чӣ гуфтанӣ будед?

Нахустшоири дарбор (ки аз кинояи Рӯдакӣ мулзам буд, андак ошуфта шуда гап мезанад). Зиндагонии подшоҳам дароз бод, ашъори ин шоири ҷавон ҳаройина бад нест, аммо ба назари банда, ашъораш як дараҷа аз салосат ва фасоҳат холӣ менамояд. Шоир алфози авомон ва саҳроиёнро бисёр истеъмол мекунад…

**Балъамӣ**. Шумо арабипарастед, устод. Шумо ҳам, Суламӣ.

Нахустшоири дарбор (бо тавозӯъ). Гумон намекунам, ки хоҷаи бузург ба балоғат ва фасоҳати лисони арабӣ ва ашъори арабӣ шак дошта бошанд.

**Балъамӣ**. На, ман фақат шак дорам ба дӯст доштани шумо забони модарии худро!

**Рӯдакӣ**. Шеъри хуби арабиро ман ҳам дӯст медорам; арабҳо шоирони забардасте доранд, ки алҳақ доди суханро додаанд, аммо ба ман забони модарии худам хуштар аст ва сухани дарӣ гуворотар.

Нахустшоири дарбор. Гуворо то гуворо фарқ дорад. Шуарое низ ҳастанд, ки ба форсии дарӣ шеър мегӯянд ва ашъори эшонро хосон ва озодагон меписанданд, зеро каломи эшон олӣ ва шоистаи подшоҳон аст…

**Шаҳид**. Аммо, ба иваз, устоди азиз, ин гуна ашъорро мардумони мо ба хубӣ намефаҳманд ва намеписанданд.

**Рӯдакӣ**. Чӣ беҳтар аст: писанди хос ва нописанди ом будан ё писанд будан ба ҳар ду?

Нахустшоири дарбор. Ба ман якумаш маъқултар аст.

**Рӯдакӣ**. Ба ман дуввумаш.

**Суламӣ**. Дар ашъор тамдеҳ ва тамҷиди илоҳӣ ва расули ӯ бояд бошад.

**Рӯдакӣ**. Ситоиши рӯи зебо, базму разм, дили хуррам, гулу мул, накҳати баҳор, маи ноб ҳам!

**Муродӣ**. Ва ин ҳамаро шоирони кишвари мо метавонанд ба забони модарии худ – ба форсии дарӣ беҳтару шоистатар сароянд.

Нахустшоири дарбор. Ҳаройина, дар назм алфози авом, калимоти саҳроиён ва мардуми кӯчаву бозорро истеъмол кардан шоиста нест.

**Рӯдакӣ**. Оре, резачинҳои дастархони араб нони ҷойдории моро дӯст намедоранд!

**Балъамӣ** (завқ карда). Алҳақ чунин аст. Хуб гуфтӣ!

**Наср**. Мегӯянд, ки дар шеъри араб ҳам бисёрии лафзҳо дар аввал лафзи авом будаанд; чун ба шеър дохил шудаанд, сара ва суфта гаштаанд. Сазовор аст, ки ба забони дарии мо ҳам шеърҳои некӯ гуфта шавад. Мардумони Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрон шеърҳои шоирони моро ба забони модарии худ ҳарчи бештар бихонанд ва бишнаванд, дилашон ба мо ва ба давлати мо гармтар хоҳад шуд. Баъзе аз аъёну ашроби араб, ки ба даргоҳи мо меоянд, моро таъна мезананд, ки «Мо шоирони бузург дорем, шумо кӣ доред?» кошки шоирони мо аз ин таънаҳо моро халос мекарданд. (Пас аз хомӯшӣ). Устоди ту кист?

**Рӯдакӣ**. Устоди аввалинам бадеҳагӯе буд, Сурхак ном, чӯпони деҳаи худам Панҷрӯд; аз он пас – ҳамаи шоирони забардасти Хуросон, Эрон ва Мовароуннаҳр устодони мананд.

**Наср**. Ку шеъре барои мо бихон.

**Рӯдакӣ**. Ба чашм. Дар чӣ бора бихонам, амирам?

**Наср**. Худ беҳтар медонӣ. Чунончӣ, дар бораи баҳор, фасли лолаву гул… чизе надорӣ?

**Рӯдакӣ**.

*Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тайиб,*
*Бо сад ҳазор накҳату ороиши аҷиб.*

*Шояд ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,*
*Гетӣ ба дил ёфт – шубоб аз паи машиб.*
*Он абр бин, ки гиряд чун марди сугвор…*

Наср (бо шавқ такрор мекунад). «Он абр бин, ки гиряд чун марди сугвор».

**Рӯдакӣ**.

*В-он раъд бин, ки нолад чу ошиқи каиб.*
*Хуршедро зи абр диҳад рӯй гоҳ-гоҳ,*
*Чун он ҳисорие, ки гузар дорад аз рақиб.*
*Тундар миёни дашт ҳаме бод бардамад,*
*Барқ аз миёни абр ҳаме баркашад қазиб,*
*Лола миёни кишт бихандад ҳаме зи дур,*
*Чун панҷаи арӯси ба ҳино шуда ҳазиб.*

**Наср**.

«Чун панҷаи арӯси ба ҳино шуда ҳазиб!»

**Рӯдакӣ**.

*Булбул ҳаме бихонад дар шохсори бед,*
*Сор бар дарахти сарв мар-ӯро шуда муҷиб.*
*Акнун хӯред бодаву акнун зиёд шод,*
*К-акнун барад насиб ҳабиб аз бари ҳабиб.*
*Соқӣ гузину бодаву май хӯр ба бонги зер*
*К-аз кишт сор ноладу аз боғ андалиб.*

**Наср**. «К-аз кишт сор ноладу аз боғ андалиб!» Хуб аст, хуб аст. Аҳсант!.. Қадри сухан ва суханвар назди мо баланд аст. (Ангуштарини худро кашида ба шоир медиҳад). Ин аз мо ба ту ёдгорист. Ба хизмати мо ой, аз шоирони дарбори мо бош. (Девонро варақ зада).

Хаташ нағз. Котиби девон кист?

Рӯдакӣ. Маҷи хаттот.

Маҷ (таъзим ба ҷо оварда). Девони якто, амирам. Девон не, ганҷинаи маонӣ. Сухан не, дурру гавҳар.

Саҳл бинни Мансур даромада дар ҷое меистад.

**Наср**. (ба Рӯдакӣ). Аз мо талабе надорӣ? Бигӯ, мо ба ту меҳрубонӣ хоҳем кард.

**Рӯдакӣ** (чашмаш ба Саҳл меафтад). Марҳамати олӣ маро

ба гуфтан далер мекунад. Таманно дорам, ки подшоҳам аз рӯи лутфу карам вилояти Дабусияро имсол аз хироҷ озод кунанд.

**Наср** (дар ҳайрат). Чӣ? Аз хироҷ озод кунем?

**Рӯдакӣ**. Ман худ дидам: хушксолӣ ва қаҳтӣ бар машаққати мардуми он вилоят афзудааст…

**Балъамӣ** (ба амир). Рост мегӯяд. Ин матлабро ман ба подшоҳам арз карда будам.

**Рӯдакӣ**. Аҳолӣ аз додани хироҷ оҷизанд, онҳо умедвори адолати подшоҳӣ мебошанд. Ман аз он навоҳӣ мегузаштам, мардумон чун донистанд, ки шоирам ва ба Бухоро меравам, ҳор карданд, ки арзашонро ба даргоҳи олӣ бирасонам.

**Наср** (нохушнуд). Боз Дабусия! Кори Дабусия ба дасти сипаҳсолор аст.

**Саҳл**. Подшоҳам, он чи ин шоир мегӯяд, ҳама ҳарф аст, ки асл надорад. Мадумони Дабусия муғамбиранд: худро мӯҳтоҷу бенаво нишон медиҳанд, то ки хироҷи подшоҳиро аз зиммаи худ соқит кунанд ё камтар диҳанд.

**Наср** (ба Рӯдакӣ). Ту беҳуда додхоҳии онҳоро ба ӯҳда гирифтаӣ, шоир. Мо хироҷи он вилоятро ба сипаҳсолор арзонӣ доштаем. Мо фармони худро ҳар рӯз тағйир додан намегирем.

Бархоста ба дари хонаи дигар медарояд. Балъамӣ ҳам аз паси вай меравад.

**Саҳл** (ба Рӯдакӣ). Бо думи шер бозӣ накун, шоир! Боха-бар бош!.. (Меравад).

*Парда*

## ПАРДАИ ДУВВУМ

## НАМОИШИ ПАНҶУМ

Саҳро, канори ҷӯйбор. Садои суми аспон ба гӯш мерасад, баъд Рӯдакӣ ва Маҷ медароянд.

**Рӯдакӣ**. Биё, Маҷ дар ин ҷо камтар дам гирем.

**Маҷ**. Аҷаб ҷои хушҳаво будааст!

**Рӯдакӣ**. Ман вақте ки Бухоро мерафтам, аз ин ҷо гузашта будам: халқ ҳамин ҷӯйборро меканданд. Он вақт дар ин ҷо агар аз ташнагӣ ҷонат ба лаб ояд, як қатра об намеёфтӣ. Ба ростӣ ҳам, дасти одамизод халлоқ аст: биёбонҳоро боғи хуррам мегардонанд… Локин чаро дар ин ҷоҳо касе наменамояд?

Аз ҷониби дигар боз садои суми якчанд асп ва овозҳои «тезтар қадам монед!», «Ҳой, ба куҷо меравӣ? Роҳ ин!», «Дузди муттаҳам, чунон занам, ки лахт-лахт шавӣ?», «Висоқбошӣ! Дар ҳамин ҷо камтар дам гирем-чӣ, аспҳо монда шуданд» баланд мешавад. Ҷунайд бо сарбозони шамшердор як гурӯҳ деҳқонони побараҳнаи сарутандаридаро пешандоз карда меоянд. Як нафари ин бандиҳо дасташ бо арғамчин ба пушт баста ва нӯги арғамчин ба дасти сарбоз мебошад.

**Деҳқони пир**. Ана ҷӯйбори мо! Оби мо! (Гиря карда ба Ҷунайд ва сарбозон). Илоҳӣ ба уболи ранҷу меҳнатҳои мо монетон! Илоҳи ситамгар ба як қатра об зор шуда, дилу ҷигараш сӯхта мурад!

**Ҷунайд**. Даҳонатро фурӯ банд, пирсаг! (Рӯдакиро дида даст ба пеш мегирад). Хоҷа! Ин шумоед? Саломалайкум. Аз куҷо меоед?

**Рӯдакӣ**. Аз ватанам Панҷрӯд. (Ба мӯсафед). Усто амак?.. Маро шинохтед?

**Деҳқони пир** (таънаомез). Шинохтам, ту Рӯдакии шоир ҳастӣ. Порсол, вақти ҷӯйковӣ, моён бо ту дар ҳамин ҷо вохӯрда, арзи ҳол карда будем. Ту гуфта будӣ, ки «арзи шу-

моёнро ба подшоҳ мерасонам». Акнун ту шоири дарбор, надими подшоҳ шудаӣ. Албатта кас бо амиру вазир ҳамнишин ки шуд, ваъда аз ёдаш мебарояд, доди бечорагон ба гӯшаш намедарояд.

**Рӯдакӣ**. Ман арзи шумоёнро ба амир расонда будам. (Ба Ҷунайд). Чӣ ҳодиса, висоқбошӣ?

**Ҷунайд**. Инҳо аз додани хироҷ саркашӣ карданд.

Деҳқонон ғавғо мекунанд.

**Деҳқони якум** (ба Рӯдакӣ). Тамошо кун! Мо ана бо ҳамин дастҳоямон кӯҳро канда, синаи биёбонро чок карда ин ҷӯйро баровардем, худат дида будӣ!

**Деҳқони дуввум**. Ба мо ҳеҷ кас ёрӣ надод!

**Деҳқони сеюм**. Чандин бор ба Бухоро ариза бурдем ки: ёрӣ диҳед, ҷӯй барорем, аз беобӣ ҷазир шудем. Ба мо гуфтанд: ҷӯйро худатон канед, мо шумоёнро се сол аз хироҷ озод мекунем. Аммо акнун ба ҷӯйбори мо хироҷ андохтаанд…

**Деҳқони якум**. Охир, об ба қарибӣ омад, буду нобудамон ба ҷӯйканӣ сарф шуд, хироҷро мо аз куҷо диҳем?

**Деҳқони пир**. Ту шоирӣ, ҳақпарастӣ, ба доди мо бирас, агар тавонӣ.

**Рӯдакӣ** (ба Ҷунайд). Инҳоро куҷо мебаред?

**Ҷунайд**. Ба Пайканд. Бо фармони сипаҳсолор инҳо дар он ҷо ба қалъасозӣ кор мекунанд, то вақте ки қарзашонро адо кунанд.

**Мач** (марди дастабастаро нишон дода). Ин мард кист?

**Ҷунайд**. Намедонам. Кӣ буданашро намегӯяд. Дар роҳ аз кадом гӯре пайдо шуда, ба даруни инҳо даромада гирифт, баъд як маҳал балво хезонда, ин мардумро гурезонданӣ шуд, ана ин ду ғуломи сипаҳсолорро зада қариб маиб карда буд.

**Деҳқони пир**. Марди нотарс, адолатхоҳ будааст!

**Рӯдакӣ**. Инҳоро озод кунед! Озод кунед!

**Ҷунайд**. Фармонфармои ман сипаҳсолор аст.

**Рӯдакӣ**. Озод кунед!

**Мач**. Бо ту шоири дарбор гап зада истодааст, нохалаф!

**Ҷунайд**. Ман шоир-моирро намедонам. (Ба Рӯдакӣ). Шумо калонгириатонро дар ҷои дигар кунед, хоҷа. Фармонфармои ман сипаҳсолор Саҳл бинни Мансур аст.

**Рӯдакӣ**. Ман худ бо сипаҳсолор гуфтугӯ хоҳам кард!

**Ҷунайд**. Гуфтугӯ кунед, кардан гиред, ман амри сипаҳсолорро кайҳо гирифтаам. (Ба бандиҳо). Роҳ гардед!

**Рӯдакӣ** (ба Ҷунайд). Сабр кунед! Андак истед! Қарзи инҳо чанд аст?

**Ҷунайд**. Ҳазору сад динор.

**Рӯдакӣ** (ба танг меояд; нигоҳи асиронро ба худаш ҳис карда парешонҳол мешавад. Гӯё мадад хоста ба китфи Мач даст мениҳад ва баногоҳ чашмаш ба ангуштарини худаш меафтад. Онро бароварда ба Ҷунайд дароз мекунад). Инак! Гиред!

**Мач** (бо тарс). Абӯабдулло!.. Ту чӣ кор кардӣ?! Ангуштарини амир!.. Ба бало мемонӣ!..

**Рӯдакӣ** (ба Ҷунайд). Гиред! Қимати ин аз қарзи инҳо зиёд аст. Гиред!

**Ҷунайд** (ангуштаринро гирифта, зеҳн монда). Ҳазл накунед, хоҷа. (Пас мегардонад).

**Рӯдакӣ**. Ҷои ҳазл нест! Гиред! Ҳамаашонро озод кунед!

Ҷунайд дудила.

**Рӯдакӣ** (бо алам, қариб фарёд зада). Ҳарчанд ту ситамгарӣ, бераҳмӣ, аммо боре туро ҳам модари инсон зоида аст! Агар дар вуҷудат заррае аз инсоният боқист, бигиру озод кун ин кулфатзадагонро!

**Ҷунайд** (ангуштаринро мегирад). Хайр, ба сипаҳсолор мерасонам. (Ба деҳқонон). Ҳамаатон озод! (Ба сарбоз марди дастбастаро нишон дода). Дасти вайро кушо! Раҳо кун биравад!

Дасти он мардро мекушоянд. Ҷунайд бо сарбозон меравад. Деҳқонон Рӯдакиро миёнагир мекунанд.

**Деҳқони пир**. Илоҳӣ ба сад дарой! Ба мурооду мақсадат бирасӣ! Мо ин некии туро фаромӯш намекунем!

**Деҳқони якум**. Акнун биёед, додар, имрӯз меҳмони мо шавед, бо мо нону намак хӯред.

**Деҳқони дуввум**. Деҳаи мо дур нест: ана дар пушти ҳамин кӯтал.

**Рӯдакӣ**. Агар фурсат медоштем, бо ҷону дил мерафтем. Мо бояд зудтар ба Бухоро бирасем. Шумоён равон шавед. Насиб бошад, боз ба дидор мерасем.

**Деҳқони пир**. Илоҳӣ насиб кунад. Саломат бош, додар. Хайр, роҳи сафед!

Ҳама мераванд, марди «балвогар» мемонад.

**Рӯдакӣ**. Шумо чаро намеравед?

Мардак хомӯш.

Шумо кистед?

**Мард**. Ман касе ҳастам, ки дар ду дунё аз шумо қарздорам.

**Рӯдакӣ**. Агар аз қарз гуфтан мақсад халосии худатон бошад, ман аз қарзи шумо даргузаштам.

**Мард**. Аз гардиши фалак, шумо бо ин ду бор маро аз аҷал халос кардед.

**Рӯдакӣ**. Ду бор?

**Мард**. Бале…э Ин ҳафт сол пеш буд… Ҳамааш дар пеши назарам: ҷанги Самарқанд, кушокушӣ, ғорат. Амир бо Исҳоқи сомонии исёнгар шикаст дода, ғуломони вайро бандӣ кард. Фармон дод, ки ҳамаро аз дами теғ гузаронанд. Шоирон, олимон ба зиёрати амир омада буданд, амир аз шумо пурсид: эй шоир, ба ман бигӯ, мард кист ва мардӣ чист? Шумо бо шеър ҷавоб додед:

*Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ!*
*Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ!*
*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!*

Амир инро шунида дар андеша ғарқ шуд. Баъд сарҳангро фармуд, ки «Бирав, бандиҳоро озод кун!» Дар байни он бандиҳои озодшуда ман ҳам будам.

**Рӯдакӣ**. Шумо кистед? Чикораед?

**Мард**. Ман Акбари Марвазӣ ҳастам…

**Мач**. Акбари Марвазӣ?

**Мард**. … сарбози пештара, гурезаи зиндонӣ, бекасу кӯй, саркашу нофармонбардор. Мазҳабам исмоилӣ, ба қавли шумоён қарматист. Пешвои қарматиён Муҳаммади Нахшабӣ ҳодии ман аст. Мо ҳақиқат меҷӯем! Адолат мехоҳем! Халқ имрӯз даҳ-даҳ ба тарафи мо мегузаранд, фардо ки корд ба устухонашон расид, сад-сад ва ҳазор-ҳазор хоҳанд гузашт. Шумо дар ин ҷо асирони як деҳаро халос кардед, ва ҳол он ки саркардагон, амалдорон, навкарони амиру вазир дар садҳо шаҳру деҳа пилта аз сабади бевазан мебаранд ва луқма аз даҳони ятим мекашанд! Он бенавоёнро кӣ халос мекунад? Кӣ?.. Бубахшед, ман шумоёнро аз роҳ боздоштам, худам ҳам аз шариконам қафо мондам. Саломат бошед. (Меравад).

**Рӯдакӣ** (моту мабҳут). «Пилта аз сабади бевазан… Луқма аз даҳони ятим…»

**Парда**

## НАМОИШИ ШАШУМ

Маҳтобшаб. Гӯшаи чорбоғи вазир. Рӯдакӣ интизор. Нигина меояд.

**Рӯдакӣ**. Эй олиҳаи зебой, ин туӣ? Наход ки ту боз бо ман бошӣ? Агар ин ба бедорист, пас офаридгор саодати биҳиштиро ба одам дар ин дунё ҳам ато мекардааст, ва агар ин хоб аст, бигузор ман то қиёмат бедор нашавам.

**Нигина**. Кошки хоб мебуд! Зеро саодатеро, ки шумо мегӯед, кас танҳо ба хоб мебинад.

**Рӯдакӣ**. Азизам, ин тавр нагӯй! Туро намедонам, аммо ба ман дидори ту саодат аст. Туро парешонҳол мебинам, Нигина, чӣ шуд? Ё ту аз ин дидор шод нестӣ?

**Нигина**. Шодам… агар кас тавонад, ки аз охирин дидори маҳбубаш шод бошад.

**Рӯдакӣ**. Охирин? Чаро охирин?

**Нигина** (ёрои гуфтан надорад). Чаро ки… ҳамин тавр… Не, ҳеч гап не… Шумо дар Самарқанд хуб саёҳат кардед?.. Хешу таборро дидед?.. Хушнуд баргаштед?..

**Рӯдакӣ**. Чӣ сон хушнуд барнагардам, ки ба сӯи ту мешитофтам. Нигина! «Дидори охирин» гуфтанат чӣ маънӣ дорад? Чаро гапро мегурезонӣ?

**Нигина** (ноилоҷ). Ман… асира будам, аммо асираи бонангу номус. Акнун худо ҳамин асоратро ҳам ба ман ҳайф дид. Мехоҳанд маро асираи бенангу номус гардонанд, охирин шарафи инсонии маро, ки бе вай зиндагӣ марг аст, ба боди фано диҳанд… Дар шифти айвони мо парасту ошён карда буд, ин пагоҳ бачаҳояшро парронча карда бурд… Ман парвози онҳоро тамошо мекардаму як вақт хабардор шавам, ки гириста истодаам.

Онҳо пару бол бароварда париданду рафтанд, аммо ман… ман пеш аз он ки як бор, лоақал як бор бо майли худ парвоз кунам, болу парамро бориданд. Акнун мехоҳанд худамро бисмил кунанд. Ба ҳар куҷо менигарӣ. дом, сайёд, қафас мебинӣ…

Дар вақти сухани Нигина, аз паси деворе, ки боғро аз кӯча ҷудо мекунад, сари нахустшоири дарбор намудор мешавад, ки савори асп аст ва дар дасташ қамчин дорад. Вай ғоиб мешавад.

**Рӯдакӣ**. Нигина, ту чиҳо мегӯӣ? Сайёд кист? Кӣ мехоҳад туро «бисмил кунад»?

**Нигина**. Бонуи зарпараст, ҳариси молу дунё, маро ба сипаҳсолор фурӯхт. (Мегиряд).

**Рӯдакӣ**. Ё раббӣ!.. Ҳанӯз қадаме ба шоҳроҳи висол норафта, коме аз лаззати дидори ёр ноёфта, фалак ба мо аз ҷоми заҳролуди фироқ бода менӯшонад…

**Нигина**. Касе ба ин тараф меояд. Ман маҳв шудам!

Балъамӣ гардишкунон ба болои инҳо омада мемонад.

**Балъамӣ**. Туӣ, Нигина?.. Ин мард кист?.. Рӯдакӣ?

**Рӯдакӣ**. Оре, ин манам. Ман ошиқи ие духтарам, хоҷаи бузург, вай ҳам маро дӯст медорад.

**Балъамӣ** (баъди андак хомӯшӣ). Беҳуда, беҳуда. Ҳосили ин ишқ ба ҷуз нокомию номуродӣ нест.

**Рӯдакӣ**. Чаро, хоҷаи бузург!

**Балъамӣ**. Оре. Агар ин духтарак дар коми наҳанге мебуд, гирифтанаш имконе медошт, аммо вай… дар панҷаи бонуст. Инак худи бону ба ин сӯ меояд. Ту бирав, Рӯдакӣ. Зудтар.

Рӯдакӣ меравад, бону ҳозир мешавад.

**Бону**. Нигина? Ту? Ман кай боз туро мекобам, дар ҳеҷ ҷо ёфта наметавонам!.. Чаро ту ҳаросонӣ?.. Чӣ воқеа рӯй дод?

**Балъамӣ** (хандида). Ин дар торикии боғ ба ман бархӯрда, дасту по гум карду монд. (Ба Нигина). Ё ту маро Довудхони роҳзан гумон кардӣ?

**Нигина** (ба худ омада, ба Балъамӣ таъзим мекунад). Бубахшед, ҳазрат, ман шуморо нашинохтаам.

**Бону**. Бирав ба хона!

Нигина меравад.

Ба гардиши пеш аз хоб баромада будед?

**Балъамӣ**. Бале… Шумо, бону, оё дар хулқу атвори канизакатон чизе мушоҳида кардед?

**Бону**. Ба гумонам, ин беақл ба Рӯдакӣ дил бохтааст.

**Балъамӣ**. Ба гумони ман ҳам. Аммо чаро беақл? Магар Рӯдакӣ сазовори ишқи вай нест?

**Бону**. Бо ин шумо чӣ гуфтанӣ мешавед?

**Балъамӣ**. Рӯдакӣ ҳам ошиқи вай аст. Бону, Саҳл бинни Мансур мӯҳтоҷи канизак нест. Агар шумо ба лутфу марҳамати худ духтаракро ба зании шоир медодед, ба ҳар ҳол як кори хайр мекардед.

**Бону**. «Кори хайр»! Магар ҳукумати Хуросонро ба Саҳл бинни Мансур додан кори хайр набуд? Магар ҳаққи хизмати вай дар хонадони мо кам аст? Ман амирро қариб розӣ карда будам, лекин шумо ба миёна даромада корро шикастед.

**Балъамӣ**. Сипаҳсолор ба шумо баҳои канизакро дода тамом кард ё не?

**Бону**. Нисфашро дод. Вай ҳоло хироҷи Дабусияро батамом нарӯёндааст.

**Балъамӣ**. Вай бо фармони амир барои исёни қарматиёнро фурӯ нишондан пас аз чанд рӯз ба Нишопур лашкар мекашад.

**Бону**. Медонам.

**Балъамӣ**. Аз он ҷо кай бармегардад, зинда бармегардад ё не, худо медонад.

**Бону**. То баргаштани вай ман Нигинаро ба амонат нигоҳ медорам. Мо бо сипаҳсолор ҳамин тавр қавлу қарор кардем.

**Балъамӣ** (бо истеҳзо). Духтарак аллакай азони сипаҳсолор шуд? Моли амонатии вай шуд?

**Бону** (қаҳромез). Бошаду набошад, ба шумо чӣ? Нигина зархариди ман аст, ман бо вай ҳарчи хоҳам мекунам; беҳтар ки шумо ба кори ман дахл накунед. (Меравад).

**Балъамӣ**. Оре. Шояд ман дар ин кишвар ягона шавҳаре бошам, ки занам мегӯяд «ба кори ман дахл накун».

**Парда**

## НАМОИШИ ҲАФТУМ

Дарбор. Саҳл бинни Мансур ва нахустшоири дарбор медароянд.

Нахустшоири дарбор. Шунидам, ки шумо дар мазрааи ишқ тухми ҳавою ҳавас коштаед, аммо чаро аз кишти худ хабардорӣ намекунед, ки поймоли сутурон шудааст?

**Саҳл**. Бо ман бе рамзу киноя гап занед. Чӣ шудааст?

Нахустшоири дарбор. Ман бо чашми худ дидам, канизак дар боғи вазир бо ҷавоне бӯсу канор дошт.

**Саҳл**. Нигина? Кай? Бо кӣ? Қасам ба мазори Абулҳафси кабир, ки агар дурӯғ гӯед, ман шуморо ана бо ҳамин ханҷари дудама…

Нахустшоири дарбор. Ман ҳаргиз ба ҳарфи дурӯғ забони худро олуда накардаам, ман дӯсти шумоям. Дишаб, вақти аз дарбор ба хона баргаштанам, итифоқан аз болои девори чорбоғи вазир нигоҳ карда, Рӯдакиро бо духтарак дидам, дуяшон саргарми сӯҳбат буданд. Чун бӯсу канори ошиқон ба амал пайваст, ман…

**Саҳл**. Бас аст! Валлоҳу биллоҳ, бо ҳамин ханҷари дудама шиками ҳар дуяшро чок мекунам!.. Шумо фаҳмед, Рӯдакӣ бо амир ба Ҳирот меравад ё ки дар Бухоро мемонад? Агар мемонда бошад, ман ҳам ба Нишопур намеравам, бигузор амир маро ба дор овезад. Ман намехоҳам, ки баррача бе ман дар ин ҷо тӯъмаи гург шавад.

Ҷунайд меояд.

**Ҷунайд**. Ассаломалейкум. Сипаҳсолор, ман аз Пайканд омадам. Се ҳазор нафар қарздор дар он ҷо ба қалъасозӣ кор карда истодаанд. Аммо ман қарздорони Дабусияро ба он ҷо бурда натавонистам: шоир Рӯдакӣ монеъ шуд. Вай дар роҳ ба мо дучор шуда, ана ин ангуштаринро ба ман доду амр кард, ки: ҳамаро озод кун! Ман гапи шоири дарбор ва надими подшоҳро гардонда натавонистам.

**Саҳл** (ба ангуштарин зеҳн монда). Инро ягон кас дид ё не?

**Ҷунайд**. Ғайр аз чор нафар ғуломе, ки бо ман буданд, ҳеҷ кас надидааст.

**Саҳл**. Бирав, баъд гап мезанем.

Ҷунайд меравад.

Нахустшоири дарбор. Ин ҳамон ангуштаринест, ки подшоҳам ба Рӯдакӣ ато карда буданд.

**Саҳл**. Қимати ин аз ду ҳазор зари ноб кам нест. Хоҷа шумо медонеду Худо. Даматонро набаровред, сад динор тани шумо.

Нахустшоири дарбор. Нагӯед! Инро Худо ба шумо фиристодааст, ки зидди рақибатон кор фармоед. Ин ангуштарин аз ханҷари дудамаи шумо бурротар аст! Ду ҳазор динор барои ҳамчун шумо давлатманде чӣ арзиш дорад?

**Саҳл**. Яъне… худам ба амир нишон диҳам?

Нахустшоири дарбор. Албатта! Нишон диҳеду баъд ҳоли Рӯдакиро тамошо кунед. Амир заҳри ҳалоҳили ғазаб ба ҷоми ӯ хоҳад рехт ва шаҳди лутфу марҳамат ба коми шумо. Баррача ҳам ба як бор аз чанги гург халос хоҳад шуд.

Дар даҳлез ханда ва ғалоғула. Ойтош ба воситаи шамшерҳои бозичагӣ бо амирзодаи хурдсол Нӯҳ дар ҳолати шамшербозӣ ва аз паси онҳо амир ва Суламӣ (дар дасташ тасбеҳ) бозиро бо шавқу завқ тамошокунон медароянд.

**Суламӣ**. Шоҳзода агарчи тифланд, вале аз садамоташон шаҳомати зотӣ ҳувайдост. Иншооллоҳ, ҷаҳонгир хоҳанд шуд!

**Наср** (ба Суламӣ ва Ойтош). Мо дуи шуморо муаллими шоҳзода таъйин кардем. Ту, Ойтош, ба вай илми шамшеру камон ёд медиҳӣ; шумо, Суламӣ – илми охирату имон. Биравед, бо шоҳзода машғулӣ кунед.

Ойтош ва Суламӣ бо Нӯҳ баромада мераванд.

Сипаҳсолор! Фардо моро сафари Ҳирот дар пеш аст; шумо ба Нишопур лашкар мекашед. Пас аз он ки Ҳусейн ибни Алии қарматиро фурӯ нишондед, назди мо ба Ҳирот хоҳед омад. Ба он тоифаи бадкешу малъун раҳм накунед! Оташи фитнаву фасодро бо оби шамшер мунтафӣ гардонед.

**Саҳл**. Фармонбардорам. Ин сар ва ин тан фидои подшоҳам, валинеъматам, соҳибдавлатам. Агар дар ин тан сад сару ҷон мебуд, ҳамаро бе дареғ барои соҳибдавлатам фидо мекардам. Ин ғулом қадри некиро медонад, бевафоӣ намекунад; монанди баъзе кӯрнамакон саркашони побараҳнаву авбошро, бодхоҳони тоҷу тахтро ҳаводорӣ намекунад.

**Наср**. Шумо аз кӣ ва аз чӣ киноя мекунед, сипаҳсолор?

**Саҳл**. Аз саҳроиёни қаламкаш, кулолҳои шеъргӯ, зарбофтпӯшони гадотабъ, маснаднишинони беаслу насаб киноя мекунам, подшоҳам. Шумо якеро аз саҳро оварда шоири дарбор кардед, вай акнун тамом аз худ рафтааст. Ба

хироҷу закот дахл мекунад, бо фуқаро аз номи амиру вазир гап мезанад, фармонҳо медиҳад, ҳукмҳо меронад.

Нахустшоири дарбор. Бо гуфторҳои носазо ва кирдорҳои нораво ба номи подшоҳӣ худосоя ва ин даргоҳи осмонпоя иснод меоварад.

**Наср**. Шумоён Рӯдакиро дар назар доред? Сареҳтар бигӯед, вай чӣ кор кардааст?

**Саҳл**. Бо амри олӣ, ман ба висоқбошӣ Ҷунайд фармуда будам, ки: дуздон, авбошон, роҳзанонро дастгир карда, ба Пайканд бурда дар қалъасозӣ кор фармой. Вақте ки Ҷунайд як гурӯҳ дуздон ва авбошони Дабусияро бандӣ карда бурданӣ мешавад, Рӯдакӣ ҳозир шуда ба вай аз номи подшоҳам фармон медиҳад, ки: «Ҳамаро озод кун!» Вай гуфтааст: «Қалъа даркор нест, ин ҳама хаёли хом ва зулми амиру вазир аст бар фуқаро. Амир беандешагӣ карда ин фармонро дода буд ва акнун аз нияташ гашт». Ҷунайд маҷбур шудааст он тоифаи дузду авбошро раҳо кунад.

**Пауза**

**Наср**. Ҳар чанд ки эътибори шумо, сипаҳсолор, назди мо баланд аст, аммо он чӣ гуфтед, қобили эътибор наменамояд. Нек бисанҷед, мабодо ки бар зидди Рӯдакӣ иғвое сохта бошанд. Мардуми ҳасуд ва бахил бисёранд, онҳо мекӯшанд, ки ин шоири закӣ ва пурҳунарро ба балое гирифтор кунанд. Ин ҳама гуфтору кирдоре, ки шумоён ба Рӯдакӣ нисбат медиҳед, хиёнате бас бузург, гуноҳе бас азим аст, ки сари гунаҳкорро ба дор мебарад! Рӯдакӣ ва ин гуна рафтор? Боварам намеояд.

**Саҳл**. Подшоҳам, пас ман дурӯғ гуфтаам?

**Наср**. Шоҳид биёред!

**Саҳл**. Шоҳид Ҷунайд ва ғуломонанд.

**Наср**. Онҳо ғуломони шумоянд, ба ҳар чӣ шумо фармоед гувоҳӣ хоҳанд дод.

Нахустшоири дарбор. Ҷунайд ҳамин ҳоло аз Пайканд

омада, ин ҳамаро дар ҳузури ман ба сипаҳсолор нақл кард, ман бо гӯши худ шунидам.

**Наср**. Шумо ҳасудед, Рӯдакиро чашми дидан надоред! Ба Худо қасам, агар гуфтаҳои шумоён дурӯғ бароянд, мо ҷоҳу мансабу хизматҳои шумоёнро ҳам риоя нахоҳем кард. Аз ғазаби мо битарсед!

**Саҳл**. Рӯдакӣ хоин аст!

**Наср**. Далел биёред!

**Саҳл**. Ин аст далел! (Ангуштаринро бароварда ба амир медиҳад). Шинохтед?

**Наср**. Ангуштарин?.. Мо инро ба Рӯдакӣ ҳадя карда будем.

**Саҳл** (бо заҳрханда). Подшоҳам, албатта, имони комил доштанд бар он, ки шоир ҳадяи олиро азиз ва табаррук хоҳад дошт? Ҳошо! Рӯдакӣ дар Дабусия барои якчанд дузду авбошро халос кардан ин ангуштаринро ба Ҷунайд ришва додааст! Ҷунайд оварда ба ман супурд.

Нахустшоири дарбор. Куфрони неъмат! Хадяи подшоҳ, - нишонаи марҳамати олиро ин тавр хор кардан ва бар хоки мазаллат афкандан танҳо аз дасти ашхоси хиёнатпеша ва кӯрнамакони бадандеша меояд!

**Наср** (дигаргун шуда). Чаро инро ба мо дар аввал нишон надодед?

**Саҳл**. Ман хостам аввал эътимоди подшоҳамро нисбат ба худам бисанҷам ва бубинам, ки подшоҳам ба сухани ман бовар мекунанд ё намекунанд.

**Наср** (хиҷил ва хашмгин). Чӣ ҳоҷат будааст, ки Рӯдакӣ он дуздону авбошонро халос кунад?

Нахустшоири дарбор. Шояд, ки дар байни онҳо ёрони собиқи худро дида бошад, то ки халқ ӯро марди ҳалиму бахшоянда гӯянд ва Ҳотами Той хонанд.

Мулозими дарбор (даромада). Рӯдакии шоир ба хизмат омадааст.

Рӯдакӣ медарояд, таъзим ба ҷо меоварад. Дар вақти гуфтугӯи ӯ бо амир Балъамӣ меояд.

**Наср**. Чӣ хабар, шоир?

**Рӯдакӣ**. Дирӯз аз Самарқанд баргаштам. (Саҳлро дида дигаргун мешавад). Ман арз дорам, подшоҳам.

**Наср**. Чӣ арз?

**Рӯдакӣ**. Карам кунед, подшоҳам, ба доди ситамдидагон бирасед. Сипаҳсолор дар Дабусия хироҷи ноҳақ меситонад. Ғуломони вай пилта аз сабади бевазан мебаранд ва луқма аз даҳони ятим мекашанд. Ман деҳаҳои тороҷгашта ва фуқарои хонабардӯшро дидам. Деҳотиёни гуруснаву бараҳнаро монанди рама ба Пайканд меронанд! Фарқ он аст, ки рама ба чарогоҳ меравад ва ин бенавоён ба кори ройгони ноҳақтар аз зулми золим ва гудозандатар аз оташи ҷаҳаннам!

**Наср** (тааммул карда). Мо дар ангушти ту ангуштаринро намебинем. Вай куҷо шуд? Ё магар ту ҳадяи моро чандон эҳтиёт мекунӣ, ки дар сандуқ нигоҳ медорӣ?

**Рӯдакӣ**. Ангуштарин… ҳоло бо ман нест… Подшоҳам халқи ҷафокаш…

**Наср**. Ангуштарин куҷост?

**Рӯдакӣ**. Ангуштарин… бо ман нест. Хироҷи ноҳақ…

**Наср**. Инак ангуштарин!.. Ҳоло бигӯ, ҳадяи подшоҳро ту ба кадом қимор бохтӣ? Ё ба кадом хабис ришва додӣ?

**Рӯдакӣ**. Оре. Чун нақдина надоштам, ман онро ба навкари сипаҳсолор додам, то ки гирифторони банди беадолатиро раҳо кунад.

**Саҳл**. Ин шоир ба ман бӯҳтон мезанад. Банда сӣ сол боз ба даргоҳи олӣ хизмат мекунам; бо фармони бобои кабирашон[1] ва падари шаҳидашон шамшер задам, кишварҳо кушодам. Худо ва халоиқ гувоҳанд, ки ман ҳаргиз ба зердастон ситам накардаам; хосу ом, сипоҳу раият ҳамеша аз ман розӣ ва даст ба дуо бурдаанд.

**Наср** (Рӯдакиро нишон дода). Зиндон кунед ин кӯрнамакро!

---

[1] Саҳл Исмоили Сомониро дар назар дорад.

Ғуломон ҳозир шуда Рӯдакиро бурданӣ мешаванд.

**Балъамӣ**. Подшоҳам, тааммул! Ман гуноҳи ӯро аз шумо металабам.

**Наср** (ба ғуломон). Баред!

Рӯдакиро мебаранд.

**Балъамӣ**. Банда ба танҳоӣ арзи муҳим дорам.

Наср ба Саҳл ва нахустшоири дарбор имо мекунад, онҳо мераванд.

Подшоҳам, шоир бо нияти пок ва аз рӯи раҳму шафқат рафтор кардааст, оё шумо ба ин шубҳа доред? Агар гуноҳ карда бошад, гуноҳаш садяки гуноҳи сипаҳсолор намешавад. Подшоҳам хироҷи Дабусияро ба Саҳл дар ғайби ман ва бе машварати ман арзонӣ доштаанд, вагарна ман розӣ намешудам. Он чӣ Рӯдакӣ дар бобати тороҷу яғмои фуқаро гуфт, ба ҳақиқат наздик аст; охир ман ҳам ин матлабро ба подшоҳам арз карда будам.

**Наср**.Чӣ, шумо мехоҳед, ки мо бо шикояти як шахси дирӯз ба дарбор омада сипаҳсолорро муттаҳам кунем? Ҷазо диҳем? Охир, вай фардо ба Нишопур лашкар мекашад, ба дафъи душмани ғаддори мо меравад!

**Балъамӣ**. Ман намегӯям, ки шумо ҳамин ҳоло Саҳлро ҷазо диҳед, ман мегӯям – шоир ҳам мустаҳиқи ҷазову уқубат нашудааст! Чунин беадолатӣ, алалхусус дар арафаи сафари Ҳирот, ва ҷанги хатарноки Ҳусейн бинни Алии Марвазӣ аз андеша дур аст. Беҳтарин шоири мамлакат дар зиндон! Ин чӣ бадномист!

**Наср**. Вай ба мо хиёнат кард. Мо хиёнатро ҳаргиз афв намекунем.

**Балъамӣ**. Таънаи бегонагонро ба ёд оред, подшоҳам. Вакилони халифа, шоирони араб боз ба даргоҳ хоҳанд омад. Ман аминам: Рӯдакӣ ягона шоирест, ки онҳоро пургӯӣ кардан ва лоф задан нахоҳад гузошт, вай боиси рӯйсурхӣ ва сарбаландии мо хоҳад шуд!

**Наср** (суст шуда). Охир, ин саҳроӣ халқро ба дағдағаву нофармонӣ таблиғ мекунад.

**Балъамӣ**. Чораи ин, подшоҳам, он аст, ки шумо минбаъд вайро аз даргоҳ дур шудан намонед ва пайваста дар наздики худ нигоҳ доред. Ба Ҳирот ҳам вайро дар рикоби худатон баред.

**Наср** (баъд аз сукут). Гӯед, вайро озод кунанд.

**Парда**

## ПАРДАИ САВВУМ

## НАМОИШИ ҲАШТУМ

Лашкаргоҳи амир ба соҳили Ҳарирӯд дар қарибиҳои Ҳирот. Аз дур шаҳри Ҳирот бо гунбазҳо ва манораҳои дар офтоб дурахшандааш намудор аст. Атроф ҳама сабзу хуррам. Саркардагон ва ғуломон (сарбозон) ин сӯ-он сӯ мегарданд. Рӯдакӣ дар хаймаи худ май нӯшида шеър менависад.

Рӯдакӣ (шеъри навиштаашро мехонад).

…Дилам чун арзане, ишқи ту кӯҳе,

Чӣ сойӣ зери кӯҳе арзанеро?

Биё, инак, нигаҳ кун Рӯдакиро,

Агар беҷон равон хоҳӣ танеро…

Балъамӣ меояд, ғарқи хаёлу андеша. Рӯдакӣ ӯро дида аз хайма мебарояд.

Хоҷаи бузург, то кай мо дар ин диёр сарсарӣ мегардем? Охир, се сол боз аз ватан дур афтодаем.

Балъамӣ. Ба Бухоро пазмон шудӣ?

**Рӯдакӣ**. Агар болу пар медоштам, парида мерафтам. Чӣ кунам, ки амир рухсатам намедиҳад.

**Балъамӣ**. Оре, то худи амир азимати Бухоро накунад, на ту рафтан метавонӣ ва на дигарон… Аз дер мондани амир дар ин ҷо хатари азиме ба сари Бухоро меояд. Ман аз бону нома гирифтам…

**Рӯдакӣ**. Аз бону? Дар бораи Нигина чизе навиштаанд ё на?

**Балъамӣ**. Чизҳои аз Нигина ҳазор маротиба муҳимтар ҳаст. Бародари амир, ки дар зиндони Бухорост, бо баъзе амирзодаҳо забон як карда дар паи фитнаву фасод афтодааст. Мамлакат, молу ҷони халқ дар хатар.

**Рӯдакӣ** (бесаранҷом). Шумо амирро огоҳ кардед?

**Балъамӣ**. Бале. Аммо вай бовар намекунад. «Овозаи беаслу асос» мегӯяд. Амир, ҳавои Ҳирот дар сараш ва ишқи Ҳирот дар дилаш, аз ин кишвари хурраму зебо рафтан

намехоҳад… Назар ба баъзе хабарҳои расида, бодиянишинон ҳам тараддуди пинҳонӣ доштаанд, ки якбора хуруҷ карда Мовароуннаҳрро ба таҳти тасаллути худ дароваранд.

**Рӯдакӣ**. Пас чӣ бояд кард, хоҷаи бузург?

**Балъамӣ**. Далели ақл назди амир оҷиз омад, акнун тадбири дигаре бояд кард. Ту мизоҷи амирро медонӣ, Рӯдакӣ, вай туро дӯст медорад. Чорае биёндеш, ҳунаре ва санъате бикун, ки вай аз ин хок бархезад.

**Рӯдакӣ**. Модом ки вазири соҳибтадбир ба ин кор оҷиз бошанд, аз дасти ман чӣ меояд?

**Балъамӣ**. Коре бикун, ки эҳсосоти ватанхоҳии амир биҷӯшад ва сараш ҳавои Бухоро бигирад. Охир, ту шоирӣ, созанда ва сарояндаӣ, ту ба тори дили мардум нохун мезанӣ.

Хомӯшӣ. Рӯдакӣ дар андеша.

О ваҳ, ман ҳар оби равон, ҳар бӯстоне, ки бинам, аз вай ба машомам бӯи Ҷӯи Мӯлиёни Бухоро меояд.

Рӯдакӣ (бо шавқ). Ҷӯи Мӯлиён… Бӯи Ҷӯи Мӯлиён… ояд ҳаме… (Ба илҳом омада, гардишкунон шеър эҷод менамояд. Ба хаймааш даромада менависад).

**Наср**, либоси шикорӣ дар бар, бо саркардагон (дар байни онҳо Саҳл бинни Мансур ҳам, ҳаст), дарбориён, камондорон меояд. Ҳамаашон аз бода сархуш.

**Наср**. Хоҷаи бузург, меравем ба шикор! Шумо тайёред?

**Балъамӣ**. Подшоҳам, маслиҳати бозгаштро дидан лозим буд. Дар Ҳирот аз ин зиёд мондан шоиста нест.

**Наср**. Бухоро гурехта намеравад. Тобистон аз ин ҷо хуштар мақомгоҳе намеёбед.

**Балъамӣ**. Шумо ҳар бор фаслеро ба фасле меандозед: тобистон ояд – мегӯед: «тирамоҳ меравем», тирамоҳ ояд – мегӯед: «баҳор меравем». Охир, ин се ҳазор бухорӣ дар иштиёқи ватан ва аёлу фарзанд дилхун шудаанд.

Саркардагон, дарбориён, навкарон (сухани вазирро қувват медиҳанд)…

– Рост мегӯед.

*– Дилхун шудаем, дигар тоқат намонд.*
*– Кошкӣ зудтар ба ватан бармегаштем.*

**Наср** (ба Балъамӣ). Монед, аз давлати ҷавонӣ чанде диламонро хуш кунем. Чӣ ташвиш мекашед? Мамлакат осуда, душманҳо забун, бахт ҳамъинон! Як душмани ғаддор Ҳусейни Марвазӣ буд, ки шамшери хунрези сипаҳсолор кори вайро ҳам тамом кард. Дигар ба ман аз Бухоро гап назанед.

Рӯдакӣ шеъри навиштаашро гирифта аз хайма мебарояд.

**Рӯдакӣ**. Подшоҳам, ман як шеъри нав гуфтам. Агар рухсати олӣ шавад…

**Наср**. Бихон!

**Рӯдакӣ**. «Суруди бозгашт».

Атрофиёни амир (бо ҳаяҷон). «Суруди бозгашт»?

**Рӯдакӣ**.

*Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.*

Атрофиёни амир (такрор мекунанд). «Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме»!..

**Рӯдакӣ**.

*Реги Ому бо дуруштиҳои ӯ*
*Зери по чун париниён ояд ҳаме;*
*Оби Ҷайҳун, бо ҳама паҳноварӣ*
*Хинги моро то миён ояд ҳаме.*
*Мир сарв асту Бухоро бӯстон,*
*Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме.*
*Эй, Бухоро, шод бошу дер зӣ,*
*Шоҳ наздат меҳмон ояд ҳаме…*

Атрофиёни амир (шурӯ ғавғо мекунанд). Бухоро!.. Бухоро!.. Шод бошу дер зӣ, эй Бухоро!..

**Балъамӣ**. Подшоҳам, Бухоро нигарон аст!

**Наср** (дар ҳаяҷон, якбора). Аспи ман куҷост? Аспҳоро зин кунед! Бухоро! Ба Бухоро!..

Якбора ақиб гашта меравад, дигарон аз паи ӯ. Баъди андак фурсат садои суми аспони раванда баданд мешавад.

**Парда**

## НАМОИШИ НӮҲУМ

Бухоро. Гӯшаи чорбоғи вазир. Нигина меояд.

**Нигина**. Наход ки наёяд? Охир, се рӯз шуд ки онҳо аз Ҳирот баргаштаанд! Эй интизорӣ, ин қадар ту гаронӣ, ҷонкоҳӣ! Диламро чун кӯҳ мефишорӣ. Наход ки наёяд? Ё маро фаромӯш кард? Дил ба дигаре бохт? Не, не! Дур шав аз дилам, эй гумони бад. Охир, номаи ӯ бо ман аст. (Аз даруни остинаш номаро мебарорад). Касе, ки дар он диёри дур чунин ғазалеро ба ёди ман ва барои ман гуфтааст, маро фаромӯш нахоҳад кард. (Мехонад).

*«Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд,*
*Бо бӯи гулу мушку насими суман ояд.*
*Ҳар шаб нигаронам ба Яман, то ту барой,*
*Зеро ки суҳайлию Суҳайл аз Яман ояд.*
*Бо ҳар кӣ сухан гӯям, агар хоҳаму гар не,*
*Аввал суханам – номи ту андар даҳан ояд».*

Рӯдакӣ пайдо мешавад.

**Рӯдакӣ**. Нигина!..

**Нигина**. Абӯабдулло!..

**Рӯдакӣ**. Офаридгор маро боз ба ту расонд. Шукронаи ин саодатро чӣ гуна ба ҷо орам? Се сол бе ту, дур аз ту!.. Гумон мекардам, ки шабистони фироқ поён надорад. Мӯъминон саҷда ба қибла меоранд, ман саҷда ба сӯи Бухоро мекардам.

**Нигина**. Азизам, ту се сол мегӯӣ, аммо барои ман ин як умр буд. Агар баъд аз ин ҳам зиндагонӣ кунам, пиндор, ки дидори ту ба ман умри дубора бахшид.

**Рӯдакӣ**. Нозанинам, ту дар ин ҷудоӣ чӣ гуна зистӣ?

**Нигина**. Бо ёди ту.

**Рӯдакӣ**. Ман ҳам. Ҳарчанд ки ёди ту бар оташи сӯзу сози ман доман мезад, бо ин ҳама марҳаме ҳам буд, ки намегузошт ман сӯхта хокистар шавам.

**Нигина**. Ин корро бо ман номаи ту кард. Агар номаи ҷонбахши ту намебуд, шояд ки ман аз ғам мемурдам. Он бод, ки ба ту аз сӯи Бухоро мевазид, дар бозгашт ба ман бӯи гули умедро аз Ҳирот меовард. (Маҳзун). Аммо, азизам, ба бахти сиёҳи ман, сипаҳсолор бо ҳамроҳии шумоён ба Бухоро баргаштааст.

**Рӯдакӣ**. Оре. Фақат, то ман зиндаам, вай туро нахоҳад гирифт.

**Нигина**. Шумо маро халос мекунед? Чӣ гуна? Охир ман зархариди ваям.

**Рӯдакӣ**. Умедворам, ки хоҷаи бузург ба мо мадад расонанд. Агар нарасонанд ё натавонанд, ман ба чораи дигар, ба чораи охирин даст хоҳам зад. Инак, худи хоҷаи бузург меоянд.

Балъамӣ меояд. Парешонҳол.

**Балъамӣ**. Рӯдакӣ! Қасида чӣ шуд? Навиштӣ?

**Рӯдакӣ** (бо алам). Қасида дар гӯр, хоҷаи бузург. Ба дилам ҳеҷ чиз намеғунҷад.

**Нигина** (назди Балъамӣ ба зону афтода). Ҳазрат, ба ман раҳм кунед, маро халос кунед!

**Балъамӣ**. Бархез. Бирав ба хона, бону туро меҷӯянд.

Нигина гирён меравад.

Афсӯс, умеди ман аз ту буд, Рӯдакӣ. (Бетоқат ва асабӣ). Амир ба шарафи фатҳи Нишопур маҷлиси зиёфат тартиб медиҳад. Вакили халифа ва дигар сафирони хориҷӣ ҳозир хоҳанд шуд. Амир мунтазири қасидаи нав аст. Бояд бузургии давлати Сомонӣ, бузургии подшоҳи моро васф кард, ба иловаи ин ки Бухоро аз Бағдод камтар нест ва илоохир. Дувоздаҳ шоирро ба сари коғазу қалам нишондам, пагоҳ боз теша бар паҳлӯи андеша мезананд, аммо натиҷае нест. Ба ту зинҳор мекунам, Рӯдакӣ, ҳунаре бикун, чунон ки дар Ҳирот карда будӣ.

**Рӯдакӣ**. Имрӯз ҳаёту мамоти ду инсон, ду дилдода, ду бегуноҳ бояд якруя шавад, шумо бошед – дар ғами қасида! Лаънат ба қасида!

**Балъамӣ**. Ман чӣ гуна дар ғами қасида набошам, ки ин бегоҳ шаъни мамлакати мо, шарафи шуаро ва фузалои мо дар маърази имтиҳон аст.

**Рӯдакӣ**. Дунёи равшан дар чашмам торик, хазонаи дилам ба яғмо рафта, хотирамро ба ҷуз номи Нигина ҳамаи маъниҳо ва хаёлҳо тарк кардаанд, боз шумо аз ман шеър мехоҳед! Хоҷаи бузург, охир бону Нигинаро…

**Балъамӣ**. Медонам, ҳоҷати гуфтан нест.

**Рӯдакӣ**. Охир, бону ҳамсари шумоянд, ҳукми шумо бар он кас равост!

**Балъамӣ**. Дар ин кишвар бар ду кас ҳукми ман раво нест: яке амир, дигар бону.

**Рӯдакӣ**. Хоҷаи бузург!

**Балъамӣ**. Оре, ман ҳокимам ва маҳкум, забардастам ва зердаст, шавҳарам ва ғулом. Нигина зархариди бону буд, акнун зархариди Саҳл бинни Мансур аст. Аз ман дар ҳар коре ки хоҳӣ, мадад пурс, аммо на дар ин кор.

**Рӯдакӣ** (маъюс, аламзада).

*Лаб тар макун ба об, ки талқ*[1] *аст дар қадаҳ,*
*Даст аз кабоб дор, ки заҳр аст тавъамон.*
*Бо коми хушку бо ҷигари тафта даргузар*
*Эдун, ки дар саросари ин сабз гулистон…*

Шуморо марди соҳибдил мегӯянд, шумо маърифати Юнону Арабу Аҷамро фаро гирифтаед, побанди ин ҳама расму ойини фалокатнишон нестанд. Ба қавли худатон, шумо одамият, мурувват ва додгустариро пешаи худ кардаед, аммо акнун.. акнун шумо «зердаст», «ғулом»! Шумо аз тадбири ҳоли ду ҷафокаши бегуноҳ оҷизед.

**Балъамӣ** (фикр карда). Рӯдакӣ! Ягона тадбире, ки ман дар ин мушкили ту метавонам кардан, ин аст… Нигина

---

[1] Талқ – шароб.

ҳамин шаб мегурезад. Худи ту ӯро мегурезонӣ… Вай дар деҳае аз деҳоти дур паноҳ меёбад. Баъд аз ду-се моҳ моҷаро пасанда ки шуд, ту ба наздаш меравӣ ва ӯро ба қайди никоҳи худ медарорӣ. Сипаҳсолорро чорае намемонад ба ҷуз ин ки зару моли ба бадали канизак додаашро пас бигирад, вассалом.

**Рӯдакӣ**. Ман ӯро чӣ гуна мегурезонам?

**Балъамӣ**. Як марди далеру бебок даркор аст, ки ба ту ёрӣ диҳад. Оё дар байни дӯстони ту чунин марде ҳаст?

**Рӯдакӣ** (фикр карда). Ҳаст. Акбари Марвазӣ.

**Балъамӣ**. Пас биё, ман чӣ гуна гурезондани духтаракро ба ту хоҳам гуфт.

**Парда**

## НАМОИШИ ДАҲУМ

Дарбор. Маҷлиси зиёфат. Наср дар курсӣ нишастааст, дар ду паҳлӯи ӯ вакилони халифаи Бағдод, сафирони Фарангистон, Хитой, Киев, Қошғар, Ҳиндустон, ҳар кадоме ба либоси миллии худ, ҷой гирифтаанд. Дарбориён, саркардагон ва шоирон. Дар тоқчаҳо ва рӯи дастархонҳо гулдонҳои бисёреро бо гулҳои рангоранг гузоштаанд. Созанда ва сарояндагон бо чангу руду барбату най машғули созу наво. Баъд шоири араб ба арабӣ шеър мехонад.

Вакили халифа (ба Наср ва Балъамӣ). Хуб шумо қасидаи наве аз шоири худ ваъда кардед, куҷост он қасида? Куҷост он шоири аҷамии беҳамто?

**Балъамӣ** (саросема). Вай… каме нохуш буд… Меояд.

**Наср** (оҳиста ва ғазаболуд ба Балъамӣ). Шумо чӣ кор кардед? Ку Рӯдакӣ? Ку қасида?

**Балъамӣ** (ба танг омада). Мешавад… андаке сабр кунанд.

**Наср**. Қасида ҳаст ё на?

**Балъамӣ**. Мм… Бале, ҳаст… Хамин соат…

Рӯдакӣ медарояд. Балъамӣ хурсанд шуда ба назди ӯ меравад.

Омадӣ? (Оҳиста). Кори Нигина чӣ шуд?

**Рудакӣ**. Гусел кардам. Аз нӯшдоруи шумо сипаҳсолорро хоби сахт бурдааст. Нигинаи ман наҷот ёфт! Ман ин некии шуморо ҳаргиз…

**Балъамӣ** (шоирро ба кунҷи хилватҭар кашида). Қасида навиштӣ?

**Рӯдакӣ**. Маъзур доред, хоҷаи бузург, охир, ман то ҳамин дам як дақиқа вақти холӣ надоштам…

**Балъамӣ**. Нанавиштай?.. Ту ки қавл дода будӣ! Ман медонистам, ки ту чунин беқавлӣ! Ту моро шарманда кардӣ!

**Рӯдакӣ**. Хоҷаи бузург, осуда бошед. Қасида… мешавад… Ҳаст!

**Балъамӣ**. Ҳаст? Куҷо?

**Рӯдакӣ**. Дар ин ҷо! (Дилашро нишон медиҳад). Биёед.

Балъамӣ ва Рӯдакӣ ба маҷлиси зиёфат ворид мешаванд. Шоир ба амир ва ба меҳмонон таъзим мекунад.

**Наср**. Шоир, шароб бихӯр! (Соқии навҷавон ба ӯ қадаҳ дароз мекунад).

**Рӯдакӣ**. Саломатии сари подшоҳам. (Менӯшад).

**Наср**. Рӯдакӣ! Назар ба қавли ин меҳмони бағдодӣ (ишора ба вакили халифа), шоирони бузурги араб, аз қабили Ҷарир, Тойӣ, Ҳассон, дар вақти базму зиёфат бадоҳатан шеърҳо мегуфтанд. Ба даст коғазу қалам мегирифтаанду дар пеши чашми халифа қасида менавиштаанд. Мо ба меҳмони азиз гуфтем: «Офарин ба шоирони араб! Шоирони мо ин тавр намекунанд, зеро ки мо намефармоем, аммо агар фармоем - мекунанд». Оё ту метавонӣ гуфтаи моро собит кунӣ?

Ғулом фавран дар лаълӣ коғазу давоту қалам меорад. Рӯдакӣ лаълиро нагирифта, балки онро бо дасташ ба як тараф тела дода, фикркунон дар байни қатори нишастагон гардиш мекунад, маҷлиси зифатро аз назар мегузаронад. Амир ва ҳамаи меҳмонон ба вай чашм медӯзанд.

Рӯдакӣ (бадоҳатан ба шеъргӯӣ сар мекунад):

*Маҷлис ороста шаҳриёр бад-ин сон*
*Аз гулу аз ёсумину хайрии алвон!*
*Неъмати фирдавс густарида ҳар сӯ,*
*Шӯҳра раёҳину тахтҳои фаровон.*
*(Ба тарафи созандагон).*
*Барбати Исову фаршҳои Фаводӣ,*
*Ҷанги Мадакниру нойи чобуки Ҷонон!*
*Балъамӣ ба қатори саркардагон менишинад.*
*Як саф мирону Балъамӣ биншаста,*
*Як саф ҳуррону пир Солеҳи деҳқон.*
*Соқӣ ба шоир қадаҳи май медиҳад.*
*Бодадиҳанда буте бадеъ зи хубон,*
*Қомат чун сарву зулфаконаш чавгон.*
*(Ҷоми булӯрини май ба даст).*
*Май ба булӯр андарун бубинӣ, гӯӣ:*
*Гавҳари сурх аст ба кафи Мӯсии Умрон.*
*Хусрав бар тахти пешгоҳ биншаста,*
*Шоҳи ҷаҳон, офтоби гавҳари осмон.*
*Гар бикушояд забон ба илму ба ҳикмат,*
*Гӯш кун инак ба илму ҳикмати Луқмон.*
*Марди адабро хирад физояду ҳикмат,*
*Марди хирадро адаб физояду имон.*
*Гарчи ба ҳангоми ҳилм кӯҳи тани ӯй,*
*Кӯҳи Сайём асту кас набинад ҷунбон.*
*Душман ар аждаҳост, пеши синонаш*
*Гардад чун мум пеши оташи сӯзон.*
*Рустамро ном гарчи сахт бузург аст,*
*Зинда бадӯяст номи Рустами дастон.*
*Ҳар ки биёмад зи Чину Ҳинду зи Тозӣ.*
*Шуд ба Бухоро бари шаҳ азиз меҳмон.*
*Кунун ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост,*
*Бузург пойтахти шаҳриёри Хуросон.*
*Инак мадҳе чунон ки қудрати ман буд,*
*Лафз ҳама хубу ҳам ба маънӣ осон.*
*Ҷуз ба сазовори шоҳ гуфт надонам,*
*Гарчи Ҷарирам ба шеъру Тоию Ҳассон.*

Ҳозирон (ғавғо ва ҳаёҳу. Бисёрии нишастагон ба по мехезанд). Аҳсант!.. Шаккар ба даҳонат!.. Доди суханварӣ додӣ!

**Ҳиндӣ**. Бале, бале, бале. – Эъҷоз!..

**Хитоӣ**. Бисёр аъло, бисёр аъло!

**Киевӣ**. Бухоро ҳақ дорад бо ин шоири худ фахр кунад.

**Фарангӣ**. Бузург ва некбахт аст подшоҳе, ки ба даргоҳаш чунин шоир, чунин вассофи хос дорад!

**Наср** (ба вакили халифа шоирро нишон дода). Чӣ тавр?

Вакили халифа. Беназир! Мӯъҷиза! Ҳаргиз чунин шоирера надидаам!

**Балъамӣ**. Подшоҳам! Дар ин аср на дар Араб ва на дар Аҷам шоире, ки бо Рӯдакӣ баробар шудан тавонад, нест!

Нахустшоири дарбор (ба Рӯдакӣ). Дар майдони сухан сабқат бурдед, ман ба шумо тан додам!

**Наср**. Қадри сухан ва суханвар назди мо баланд аст. Мо ба шоир чиҳил ҳазор дирам ато мекунем. Рӯдакӣ! Аз имрӯз ту сари шоирони дарбори мо ҳастӣ! Хилъат биёред! Симу зар пошед!

Дар байни ҳаёҳу ва таҳсину офаринҳои аҳли маҷлис ба Рӯдакӣ хилъат – ҷомаи фохира мепӯшонанд, аз сараш халтахалта зару сим мепошанд.

Аз дар Маҷ пайдо мешавад, саросема ва парешонҳол, худро ба гӯшае гирифта мунтазир меистад.

**Наср** (аз курси бархоста). Хоҷаи бузург, меҳмононро ба сайру тамошо даъват бикунед.

Меравад.

**Балъамӣ**. Меҳмонони азиз лутф фармоянд, машқи асптозӣ ва найзабозиро тамошо бикунанд.

**Рӯдакӣ** (аз авзои Маҷ дар хавотир афтода). Чӣ хабар, Маҷ?

Маҷ бо кафи даст рӯяшро пинҳон мекунад.

Нигина дастгир шудааст?

Маҷ бо аломати тасдиқ сар меҷунбонад; маҷоли гап задан надорад.

Ҳазл мекунӣ!.. Вақтҳои охир ту хеле ҳазлбоз шудаӣ, Мач!.. Гӯй «Ҳазл кардам»… Худоё!.. Кошкӣ ту боре бо ман ҳазл мекардӣ!.. Охир зудтар гап зан! Кай? Дар кучо? Ба ту кӣ гуфт?

**Мач**. Акбари Марвазӣ. Вай навакак пинҳонӣ ба хонаи ман омад. Ғуломони сипаҳсолор дар дашт ҳар дуро дастгир кардаанд. Нигина бо ханчар худро ҳалок кардааст. Акбарро баста кашон-кашон бурдаанд, аммо вай дар роҳ худро ба чарӣ ҳаво дода гурехтааст.

**Рӯдакӣ**. Эй хок ба сарам!..

*Оҳ аз чаври ин замонаи шум,*
*Ҳама шодии ӯ ғамономеғ!*

**Парда**

## ПАРДАИ ЧАҲОРУМ

## НАМОИШИ ЁЗДАҲУМ

Пас аз чандин сол.

Ҳавлии Рӯдакӣ дар Бухоро, айвон. Дар рӯи миз чанд ҷилди китоб, варақҳои парешон ва давот. Аз он дуртар мизи дуюм истодааст, ки дар паси он Маҷи солхӯрда машғули китобат мебошад. Дар кӯча ғалоғула, овози мунодӣ (ҷорчӣ): «Мусулмонон, ҳар кӣ қарматиёни кофирро донаду хабар надиҳад, худаш зиндон, молу мулкаш подшоҳӣ карда мешавад!»

**Маҷ**. Боз! Ин гиру дор кай тамом мешуда бошад?

Орифӣ ва Шакурӣ меоянд, салом медиҳанд.

**Шакурӣ**. Устод дар хонаанд?

Маҷ (тарафи хонаро нишон дода ангушт ба лаб мениҳад, ки бо овози баланд гап назананд). Боз ин чӣ ғавғо?

**Шакурӣ**. Заҳҳоки замон хуни қарматиён мехоҳад.

**Маҷ**. Қарматиёнро кушта тамом накардаанд магар?

**Шакурӣ**. Ҳар касе ки афту башарааш ба ин саркардагони хоин ва соҳибони дину шариат нафорад, қарматӣ аст!

**Орифӣ** (худ ба худ мисраъ бофта). «Саркардагони хоин, соҳибдинони… бедин».

**Шакурӣ** (тарафи хонаро нишон дода). Кайфияти устод чӣ гуна аст?

**Маҷ**. Пагоҳ боз аз хона намебарояд. Бисёр ғамгин. Охир, ҳамин қадар ёру дӯстонаш нобуд шуданд.

**Орифӣ**. «Заҳҳоки ташнаи хун, в-ин зумраи даду дун»…

**Шакурӣ** (аз варақаҳои дар рӯи мизи Рӯдакӣ хобида мехонад):

«Димнаро гуфто ки то ин бонг чист?
Бо наҳибу саҳм ин овои кист?»

«Калила ва Димна»-и манзум! Аз тамкину ҳавсалаи устод дар ҳайратам, ки дар ҳамин замони пуршӯру ғавғо ҳам даст ба қалам мебаранд, шеър мегӯянд.

**Мач**. Худо ба вай қувват диҳад – баъд аз ягон моҳ «Калила ва Димна»-ро ба шеър гардонда тамом мекунад.

**Орифӣ**.

«…в-ин зумраи даду дун

Доранд ҳукмронӣ дар кишвари Фаридун».

**Шакурӣ** (дафтари Маҷро дида). Ба китобат сар кардед? Китоби мусаввар? Ин тасвирҳои аҷоиброро кӣ кашид?

**Мач**. Наққоши Чин.

**Шакурӣ**. Баҳ, баҳ! Орифӣ, шеърбофиро мону ин аҷоиботро тамошо кун. Ин паланг ҳамин дам аз сафҳаи китоб ҷаста ману туро медаррад! (Ба Мач). Кадом наққоши Чин?

**Мач**. Наққош нагӯед, Монии сонӣ гӯед!

**Шакурӣ**. Ҳамон наққоше, ки ин амири нохалаф…

**Мач** (тарсида). Оҳиста, Шакурӣ!

**Шакурӣ**. Нохалаф аст! Бо фитнаи саркардагони хоин ва дину шариатфурӯшони худобехабар падарашро аз тахт ғалтонд; ба ҷои Балъамии донишманд он зоҳиди аблаҳ – Суламиро нишонд.

**Орифӣ**. Хайр, хайр, ин қадар пургӯй нашав, Шакурӣ. (Ба Мач). Хӯш, он кадом «Монии сонӣ» будааст?

**Мач**. Вайро арӯси Нӯҳ – духтари ҳоқони Чин бо ҳамроҳии худаш ба Бухоро оварда буд. Рӯдакӣ дар рӯзҳое, ки ҳанӯз аз дарбор пояшро наканда буд, ба ин наққош қиссаи «Калила ва Димна»-ро нақл карда буд, наққош ба шавқ омада, китобро дар як ҳафта бо ин тасвироти ҳайвонот зинат дод.

**Орифӣ**. Аҷаб корҳое! Эҷодкунанда – халқи Ҳиндустон, ба шеър гардонанда – шоири Бухоро, зинатдиҳанда – наққоши Чин. Ба ростӣ, ки ҳунару дониш на дину мазҳаб, на нажоду миллат, на сарҳадҳо – ҳеҷ кадомро намешиносад, фақат инсонро мешиносад. Ҳиндуро бо форс хеш мегардонад ва хитоиро бо ҳинду бародар.

Аз хона Рӯдакии пир мебарояд. Шоирони ҷавон таъзим ба ҷо меоранд.

Рӯдакӣ. Биншинед. (Ба Мач). Ман ҳамин ҳоло бо Нигина вохӯрдам. Чашмам ба ғанаб рафта будааст, вай ба хобам даромад. Айнан мисли ҳамон рӯз…

Дар кӯча шӯру ғавғо, тӯпаланг. Овозҳо: «Доред! Занед! Хуни ин қарматиёни бадкеш ба мо ҳалол!»

Шакурӣ ва Орифӣ давида ба кӯча мебароянд ва боз бармегарданд.

Шакурӣ (дар изтироб). Фароловиро бурданд!

Рӯдакӣ бо дарду алам сар ба зер меафканад.

**Орифӣ**. Чӣ бояд кард, устод? Ҳамин тавр рафтан гирад, пагоҳ-фардо шуморо ҳам, моро ҳам…

**Рӯдакӣ**. Аз ҳақ ноумед нашавед, ҳақ ба ҷояш мерасад. (Аз қуттича варақҳои дастнависро бароварда). Шеъратро хондам, Шакурӣ. Ба ростӣ, ки шеъри хубест. Ту назар ба панду ҳикмат дар ҳаҷв забардасттарӣ, чунон ки Орифӣ назар ба қасида дар ғазал маҳораташ баландтар аст. (Маъюсона). Вақте ки Шаҳид ва Муродӣ аз олам гузаштанд, ман дилшикаста шудам. Акнун ҳар боре, ки ягон шоири ҷавон назди ман шеъри хубе меоварад, ман шодӣ мекунам ва ба худ мегӯям, ки инак Шаҳиди дуввум ё Муродии дуввум пайдо шудааст. Иншооллоҳ, аз шоирони мо корҳои бузург ба амал хоҳад омад. Ҷаҳон ба шеъри дарии мо дил хоҳад дод. Қадри сухан бидонед. Шоир ҳам монанди деҳқон аст: вай дар ҷаҳон тухми накӯӣ ва ростӣ мекорад. (Ҳаяҷону изтироби дилашро дошта натавониста, қариб фарёд зада). Бо ашъори худ дилҳои сангро нарм гардонед, маҳфилҳои сардро гарм созед! Ба афтодагон мадад хоҳед ситамгаронро сарпаст бикунед!

Акбари Марвазӣ медарояд. Ин ҷанговари гармову сармодида пир шуда бошад ҳам, ҳанӯз хеле боқувват менамояд.

**Акбар**. Ассаломалайкум.

**Мач**. Акбар? Акбари Марвазӣ?

Акбар аз ҷавонони ношинос хавф бурда, фаши саллаашро ба рӯяш мекашад.

Рӯдакӣ (бархоста назди Акбар рафта, бо вай ҳамоғӯш шуда вохӯрдӣ мекунад). Аз ин ҷавонон хавф мабар, Акбар, инҳо шогирдон ва дӯстони содиқи мананд. Ту чунон дигаргун шудаӣ, ки кас базӯр мешиносад. Ин қадар сол дар куҷо будӣ? Аз куҷо меоӣ? Биншин.

**Акбар**. Фурсат нест, хоҷа. (Хавф бурда ба сӯи дар менигарад). Як мулло паи маро гирифта меомад, метарсам, ки ҷосус бошад. Саргузашти ман дароз аст, хоҷа. Ман дар Хуросон будам. Чаҳор шӯриш, се дафъа фирор аз зиндон, шаш ҷанг бо лашкари амир ва ҳокимон… Сухан кӯтоҳ, ман барои халқ адолат хостам. Яҳёи Сомонӣ ба Бухоро лашкар кашида омада истодааст, ман ҳамроҳи ӯям, ман ба шаҳр пинҳонӣ даромадам. Худи ҳамин шаб мо қиём мекунем. Ё марг ё наҷот. Дар шаҳр ман лашкари бисёр дорам.

**Рӯдакӣ**. Лашкар?

**Акбар**. Бале. Оҳангару мисгар, машкоб, нонвой, саис, ҳезумкаш – ҳама лашкари мананд. Хоҷа! Шумо, ба ҳар эҳтимол, имрӯз аз шаҳр берун равед, то ки дар ғавғову тӯпаланг ҷони шумо ба хатар намонад.

Ногаҳон аз кӯча ба ҳавлӣ як гурӯҳ сарбозони мусаллаҳ ва муллоҳо бо сардории Ҷунайди солхӯрда, ки акнун ба мансаби калони низомӣ расидааст, зада медароянд.

**Мулло**. Ана Акбарӣ осӣ!

Акбар ҷаҳида ба по мехезад, даст ба шамшери аз зери чакман овехтааш мебарад.

**Ҷунайд**. Хо-о, «ошнои» қадимӣ!.. Маро шинохтӣ?

**Акбар**. Шинохтам. Сагбача будӣ, пирсаг шудаӣ. Ҳанӯз ҳам мундии Саҳл бинни Мансурро мелесӣ?

**Ҷунайд**. Дузд! Роҳзан! Ман аҷали туям! Ту ду бор аз дастам халос шудӣ, аммо ин дафъа халос намешавӣ! Таслим шав, нобакор!

**Акбар**. Ба ту? Ҳошо! Куҷо шунидӣ, ки шер ба саг таслим шуда бошад?!

**Ҷунайд** (ба ғуломон). Гиред ин малъунро!

Ҳамла ба Акбар. Шамшерзанӣ.

**Рӯдакӣ** (ба байн даромада). Даст нигоҳ доред! (Ба Ҷунайд). Ман намегузорам, ки ту дар хонаи ман бедодгарӣ кунӣ! Акбар меҳмони ман ва дар паноҳи ман аст. Хонаи маро тарк кун!

**Ҷунайд** (бо истеҳзо). Шумо тавре гап мезанед, ки гӯё ҳанӯз ҳам надими подшоҳ бошед. Шумо кайҳо аз дарбор ронда шудаед, хоҷаи азиз. Даври шумо гузашт. Амире, ки пушту паноҳи шумо буд, дар зиндон аст.Ҳомии шумо Балъамӣ ҳам ҷон ба каф гирифта фирор кард. Акнун давр даври мо, Нӯҳ подшоҳи мо, Саҳл бинни Мансур саркардаи мост! Шумо тамом шудаед, хоҷа, аз шумо ҷасаде мондаасту халос.

**Акбар** (шамшерашро бӯсида ба пои Рӯдакӣ мениҳад). Хоҷа, афв кунед. Худо шоҳид, ман ба назди шумо бо дили соф омада будам. Агар шумо маро афв кунед, ман дигар на аз дор, на аз теғи ҷаллод боке надорам.

**Рӯдакӣ**. Ту гуноҳ надорӣ, Акбар.

**Ҷунайд** (ба Рӯдакӣ). Ба ман муқаррар шуд, ки шумо бо исёнкорон робита доред. Ман, ки ба муҳофизати шаҳр маъмурам, бояд шуморо дар давлатхона ҳозир гардонам. Шумо ба худи амир ҷавоб медиҳед.

**Маҷ** (бо тани худ Рӯдакиро панаҳ карда, ба Ҷунайд). Шарм кун, бедодгар! Аз Худо битарс!

**Орифӣ**. Агар ин тавр бошад, моро ҳам бубаред!

**Шакурӣ**. Аввал моро бикуш ва баъд устодро бубар!

**Рӯдакӣ**. Бигузоред, ман худ меравам. Ман додхоҳам! Ман ба ин бедодгариҳо чашми амирро мекушоям! (Ба Ҷунайд). Бубар, маро, ман ҳозирам.

Ҷунайд ва ғуломон Рӯдакиро бо ҳамроҳии Акбар пешандоз карда мебаранд.

**Парда**

## НАМОИШИ ДУВОЗДАҲУМ

**Дарбор**. Амир Нӯҳ, Саҳл бинни Мансур, Суламии вазир, Ҷунайд, Нахустшоири дарбориён. Рӯдакӣ дар мобайн рост истодааст. Аз паси тиреза, аз майдони пеши қаср ғалоғулаи халқ ба гӯш мерасад.

Ойтош медарояд.

**Ойтош**. Издиҳоми халқ торафт меафзояд. «То Рӯдакиро озод накунанд, мо намеравем!» гуфта ғавғо карда истодаанд.

Рӯдакӣ хомӯш.

**Саҳл** (хашмгин, ба Ҷунайд Рӯдакиро нишон дода). Чаро ту вайро рӯзона аз растаю бозор гузаронда овардӣ?! Шабона овардан лозим буд, ки ҳеч кас набинад!

**Нӯҳ**. Халқ ба Рӯдакӣ чӣ кор доранд? Рӯдакӣ як нафар ғуломи мост, мо ҳар ҷазое, ки ба ӯ бидиҳам, соҳибихтиёрем.

Нахустшоири собиқ. Тавба кун, Рӯдакӣ, тавба кун, подшоҳам гуноҳатро мебахшанд.

Нӯҳ (ба Рӯдакӣ). Ту исёнкоронро дастгирӣ мекунӣ? Тарафи саркашони побараҳнаву авбошро мегирӣ?!

**Суламӣ**. Бо душманони подшоҳам улфатӣ мекунӣ?

**Саҳл**. Ин худаш аз аввал хайрхоҳи қарматиён буд!

**Суламӣ**. Ба зоташ мекашад, подшоҳам. Дарахти талхро агарчи бо шакаробу шаҳди ноб парвариш кунанд, боз мевааш талх аст.

**Нӯҳ** (ба Рӯдакӣ). Ту як нафар саҳроӣ, як деҳотии гадо будӣ, хонадони Сомониён туро ба ин мартабаи баланд расонд, акнун ту ба некӣ бадӣ мекунӣ?

Нахустшоири собиқ (ба Рӯдакӣ). Охир, тавба кун, замин бибус!

**Рӯдакӣ**. Амирам, лутфу марҳамати Сомониён дар ҳаққи ман бузург аст ва шукри неъмати ин хонадони олӣ бар ман воҷиб. Аммо ин ҳама мардумони бахтбаргашта, ба доми бало афтода, хору забуншуда ва ба қатлу ғорат маҳкумгардида, ки шумо онҳоро қарматӣ, осӣ, бадкешу

бадмазҳаб меномед, гуноҳ надоранд! Худо шоҳид, гуноҳ надоранд! Ва агар касе гуноҳ дошта бошад (ба атрофиёни амир ишора карда). гуноҳаш ба гардани онҳоест, ки ба воситаи хироҷҳои гарон ва мусодираҳои беамон корд ба устухони халқ расонидаанд!

Шӯру ғавғо дар байни ҳозирон.

**Ойтош**. Забон нигоҳ дор, шоир, густохии ту аз ҳад гузашт!

**Рӯдакӣ**. Назди шумоён сухани ҳақ густохист. Халқон дар талаби адолат ҷон медиҳанд, ғавғоҳои маҳшар бапо мекунанд. Дар баробари мардонагию диловарии онҳо густохии ман чист? Парафшонии як мурғи гирифтор.

**Суламӣ**. Худоё, агар як нафар ғуломи даргоҳ тавонад, ки ба рӯи подшоҳи аъзам ин гуна суханҳо гӯяду ҷазое ҳам накашад, кошкӣ ман кӯру кар мебудам, то ки инро намедидам ва намешунидам!

**Нӯҳ** (бо ғазаб ба по мехезад. Мехоҳад фармоне дар ҳаққи Рӯдакӣ диҳад, аммо дар ин дам ғавғои халқ дар майдон баландтар мешавад, амир аз тиреза ба берун нигоҳ карда, ба танг меояд, дудила шуда мемонад. Ба суламӣ муроҷиат карда мепурсад). Раъйи шумо чист, хоҷаи бузург?

**Суламӣ** (мад кашида). Подшоҳам ба адлу дод бузурганд ва ба фазлу дониш муваффақ. Ҳар як сухани подшоҳам тафсире аз наҷоти дарвешон, шодии ғамнокон ва халосии бадбахтон аст. Касе, ки мункири ин ҳақиқат бошад, малъун аст ва нохалаф…

**Нӯҳ** (бетоқат шуда). Кӯтоҳ кунед!

**Суламӣ**. Рӯдакии шоир куфрони неъматро шиори худ сохта, аз ин даргоҳи олӣ бадгӯӣ мекунад, ӯ дар шеъраш мегӯяд:

*«Чӣ нишинӣ ба даргаҳаш ҳамвор,*
*Ки ҳама кори ӯ на ҳамвор аст»,*

яъне ҳама кори подшоҳам ноҳамвор ва носавоб ва ғалат будааст! Боз мегӯяд: «Дониши ӯ на хубу чеҳраш хуб». Шу-

нидед? «Зишткирдору хубдидор аст», яъне кирдори подшоҳам ҳама паст ва…

**Нӯҳ**. Бас аст!

Ғавғои халқ дар майдон.

**Саҳл**. Халқ бебок шудааст, амирам, чашми халқро тарсонда мондан лозим.

**Нӯҳ**. Халқро пароканда кунед!

Ойтош тозон баромада меравад.

Қарматиёнро баровардa дар Регистон сар бизанед!

Акбари осиро дар тануои тафсон андозед!

Ҷунайд тозон баромада меравад.

**Рӯдакӣ**. Бозистед!.. Аз хуни бегуноҳон тарсед!.. (Ба амир).

*Гар теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт!*

*Дар пеши Худованд бадӣ нест фаромушт!..*

Ҳозирон дар ғазаб шуда ҳаёҳу мекунанд.

**Нӯҳ**. Сазои ин хоин…

Устоди собиқ (бо тарсу ҳарос). Подшоҳам, тараҳҳум! Адолат! Ба шоир ситам раво надоред!..

**Саҳл** (ба нахустшоири собиқ). Ба шумо чӣ шуд? Шумо, ки як вақтҳо Рӯдакиро чашми дидан надоштед, аз вай бадгӯӣ мекардед!

Нахустшоири собиқ. Пушаймонам, сад бор пушаймонам. Ман кӯр будаам. Рӯдакӣ беҳамтост! Ман донистам, вай соҳибқирони шоирист! Бузург устод аст! Охир, вай пояи назми форсиро устувор кард, шеъри дариро ба тахти салтанат нишонд!..

**Нӯҳ** (Рӯдакиро нишон дода). Ин кӯрнамакро… (Аз майдон ғавғои халқро шунида дудила шуда мемонад).

**Суламӣ**. Зиндон бояд кард!

**Саҳл**. Сараш ба дор беҳ!

Нахустшоири собиқ (гирён). Подшоҳам, адолат!

**Саҳл**. Ҷазо додан ба хоинон айни адолат аст.

**Нӯҳ**. Саҳл бинни Мансур! Мо гунаҳкорро ба шумо месу-

порем. Ҳар ҷазое, ки савоб бошад, ба ӯ бидиҳед. (Ба дари хонаи дигари қаср даромада меравад).

**Саҳл** (ба Рӯдакӣ наздик рафта). Акнун ту дар дасти манӣ. Ман солҳои дароз дар интизори ин соату ин фурсат будам.

**Рӯдакӣ**. Ту, Саҳл, ночизтару разилтар аз онӣ, ки шоир аз ту битарсад.

**Саҳл**. Ту ҳоло ба ин суханонат ҳам ҷавоб хоҳӣ дод. Ту имрӯз хоҳӣ донист, ки Саҳл бинни Мансур кист ва кинаи ӯ чӣ гуна аст. Ман имрӯз «барзагов ва булбул», хироҷи Дабусия, «пилтасабади бевазан»-ро ба ту нишон дода мемонам. Ниқори Нигинаро аз ту меситонам. Ҳаёту мамоти ту акнун дар дасти ман аст.

**Рӯдакӣ**. Мехоҳӣ ҳаёти маро аз ман бигирӣ? (Хандаи истеҳзо). Дер мондӣ, Саҳл, ғафлат кардӣ! Ҳаёти ман кайҳо ба ашъорам, ба китобҳоям рафтааст, ту аз ман чӣ мегирӣ? Ҳаёти шоир, қисмати шоирро подшоҳон ҳам наметавонанд ба ҳукми худ тобеъ кунанд, то ба монанди ту ҷаллоди хунолуда чӣ расад

Саҳл (дар хашм). Гиред ӯро!

Бо имои Саҳл дарбориён ба Рӯдакӣ дарафтида, ӯро кашон-кашон ба хонаи дигар мебаранд. Нахустшоири собиқ ба замин афтода, ба домани дарбориён часпида дод мезанад, онҳо вайро нолону гирён гузошта мераванд.

Аз хонае, ки шоирро ба он ҷо бурданд, фарёди кӯтоҳи ҷигархароше баланд мешавад. Дар дақиқаи дигар дарбориён ақибнокӣ аз хона мебароянд ва Рӯдакӣ бо рӯймолчаи хунолуд чашмонашро пинҳон карда, калавида-калавида меояд.

Рӯдакӣ (бо дард). Чашми сарамро рабуданд. Худоё, чашми диламро боз кун!

Саҳл, Суламӣ, дарбориён аз ҷинояти худ ба даҳшат омада, аз Рӯдакии пешоянда ваҳмида, ақибнокӣ рафта ба деворҳо ҷафс шуда мемонанд.

**Парда**

## НАМОИШИ СЕНЗДАҲУМ

Ҳавлии Рӯдакӣ. Дар айвон Рӯдакии нобино, Маҷ (сари миз) нишастааст), Орифӣ, Шакурӣ, нахустшоири собиқ.

**Рӯдакӣ**. Навиштӣ, Маҷ?

**Маҷ**. Навиштам.

**Рӯдакӣ**. Ҳоло боз чанд байте бигӯям, ин достон ба поён мерасад… Чӣ бигӯям?.. «Калила ва Димна» - донишномаи зиндагонист. Ҳамаи донишҳо ва зиндагонист. Ман ҷаҳонро дигаргун мебинам, гирдгардон мебинам. Чашми сарамро рабуданд, чашми дилам боз шуд, ман бинотар шудаам. Оре, барои дидани рӯи хуршед шаби торро бояд таҳаммул кард. Ҷаҳон обистан аст, рӯзгори нав, тарҳи нав хоҳад зоид. Шод ва боумед бояд зист. Зиндагонӣ бераҳм аст, сахтгир аст, аммо устод аст, омӯзгор аст…

Амалдор бо навкарони худ меояд.

Амалдор (ба Маҷ). Бо фармони вазир ман барои мусодира карданӣ…

Маҷ (оҳиста бо нафрат). Хомӯш! Мусодира кунед, халал нарасонед!

Навкарони амалдор ба ғундоштану кашондани ашёи хонаи шоир сар мекунанд. Орифӣ ва Шакурӣ китобҳои шоирро аз яғмо халос мекунанд.

**Рӯдакӣ**. … Хирадмандони ҳамаи кишварҳо дар ҳама забонҳо донишеро, ки аз гузашти рӯзгор омӯхтанд, онро зарра-зарра ҷамъ карда, дар баргу пӯстлохи дарахтон навиштаанд, рӯи чармҳо, рӯи сангҳо нақш кардаанд, ва оқибат дар китобҳо гирд овардаанд, то ки мардумон биёзмӯзанд, панд бигиранд. Ман дониши зиндагониро ситоиш мекунам. Бинавис, Маҷ!

*То ҷаҳон буд аз сари мардум фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*
*Мардуми оқил ба ҳар давру замон*
*Роҳи донишро ба ҳар гуна забон*

*Гирд карданду гиромӣ доштанд,*
*То ба санг андар ҳаме бингоштанд.*
*Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.*

Инак достони ман поён ёфт... Мач!.. Инҳо... мусодира карданд?

**Мач**. Ҳамаро бурданд, ҳеч чиз намонд.

**Рӯдакӣ** (сахт безобита шуда). Чӣ? Китобҳоро ҳам?

**Мач**. Китобҳоятон монд, ҳамааш дар пешатон.

**Рӯдакӣ** (ба китобҳо даст зада осуда мешавад, механдад). Хармӯҳраро бурдаанд, гавҳар мондааст!

**Амалдор** (ба Мач). Бо фармони вазир ин ҳавлӣ подшоҳӣ шудааст!

**Рӯдакӣ** (сухани ӯро шунид. Табассум мекунад). Мехоҳанд, ки ман бечораву бенаво бишавам, беному нишон биравам, бекасу кӯй бимонам. На! Ҷаҳолат! Нақше бар об! Ман бечора нестам. (Китобҳояшро даст-даст мекунад). Ин аст пасандози ман, ганҷи безаволи ман! Ғазалиёти Рӯдакӣ. Қасидаҳои Рӯдакӣ. Рубоиёти Рӯдакӣ. Пандномаи Рӯдакӣ, «Синдбоднома»-и Рӯдакӣ, «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ. Ин аст ному нишони ман, умри ҷовидони ман. Ин ҳамаро ман ба мардумон, ба онҳое, ки дӯст медорамашон ва ба онҳое, ки маро дӯст медоранд, мебахшам. Ман бекасам? На! Халқам ёри ман аст ва дили вай макони ман. Асо биёред, ман ба макони худ меравам!..

*Ба ҳусни савт чу булбул муқайяди назмам,*
*Ба ҷурми ҳусн чу Йӯсиф асири зиндонӣ.*
*Басо нишастам ман бо акобиру аъён,*
*Биёзмудамашон ошкору пинҳонӣ.*
*Нахостам зи таманно магар ки дастурӣ,*
*Наёфтам зи атоҳо магар пушаймонӣ.*[1]

**Парда**

---

[1] Яъне ғайр аз он ки аз ҳамнишинии аъёну ашроф озод шавам, чизеро орзу накардам ва аз атоҳои онон чизе бароям ҳосил нашуд, ғайр аз пушаймонӣ.

## МУНДАРИҶА

*Абдулҳамид Самад*
Шермарди қаламрави сухан ........................................................ 3
*Муҳаммадҷон ШАКУРӢ,*
*доктори илмҳои филологӣ*
Як намуна аз фоҷиа ва қаҳрамониҳо ...................................... 18
Ривояти суғдӣ *(повест)* .............................................................. 23
Марги Ҳофиз *(ҳикоя)* ............................................................ 137
Рӯдакӣ *(Драма дар 4 парда ва 13 намоиш)* ......................... 145

**Сотим Улуғзода**

# РИВОЯТИ СУҒДӢ

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабанд *М. Саидова*

Ба матбаа 23.04.2012 супорида шуд.
Чопаш 30.04.2012 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 12.5.
Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а

Дар ҶДММ «Аршан» чоп шудааст.